# ДАРИ КУШОДА

Навишта шудааст аз Лаури Мунро
бо забони англисӣ.

Баъди нисфирӯзие буд, ки Яде бародарону хоҳарашро фарёд кард. Вай бо онҳо сайругашт кардан хост.

Яде духтари хушрӯйи хитоӣ буд. Рӯи кулчарӯи хурд ранги устухони фил дошт. Чашмҳои борикшаклаш сип-сиёҳ буданд, ва мӯйҳои сиёҳаш мулоим буданд ва ялтрас мезаданд, зеро ӯ онро эҳтиёткорона бо равған шакида буд.

Либосҳояш мисли аз бародарону хоҳаронаш тоза, аммо ҳама ҷо соз карда шуда буданд. Яде аллакай дар созкунию шуштани ин либосҳо хеле кӯмак мерасонд. Барои синну солаш ӯ хеле духтари чаққон буд, ва модари Яде аз ёрии духтараш хурсанд буд.

Яде кӯдаки сеюми волидонаш буд. Аз ду акаяш яктоаш оиларо барои кор ёфтан, тарк карда буд, дигараш дар вақти гуруснагӣ, ки он вақт бисёр одамон аз касалиҳо ё гуруснагӣ мурданд, мурда буд.

Каме ҷавонтар аз Яде дида, бародараш Синн Тек буд. Ӯ додари нағзмедидаи Яде буд. Ӯ ҳам ин вақт дар пешаш мегашт. Се додарони хурдтар ва хоҳару хурдтарин Субҳи рӯз аз пушташон мерафтанд.

«Мо ба куҷо равем?», пурсид Яде аз бародараш Синн Тек. Ӯ фикр кард. Лекин пеш аз оне ки ӯ нақшаеро кашидан тавонист, Синн Чанг, ки бисёр гап мезад, фикрҳояшро бурид:

«Апа ... ака ... биёед, пеши девхона меравем». Яде талхакаф шуд.

«Ман ба девхона рафтан нағз намебинам», гуфт ӯ, аммо ӯ бар зидди гапаш истоданро тарсид. Агар Синн Чанг аз ӯ майда бошад ҳам, ӯ бача буд, ва аз ин сабаб фикри ӯ бисёртар аз Яде меҳисобид, гарчанде ки ӯ калонтар буд.

«Ҳа, рафтем», гуфт Синн Тек.

«Оҳ, бародари калонӣ, ман метарсам», оҳ кашид Яде ва ларзид.

«Эҳ, Ҳуат Хон, ки соҳиби он хона аст, аниқ дар он ҷо намешавад», додари ӯ Синн Вонг хост апаашро ором кунад. «Ман ӯро бо рикша ба шаҳр рафтан дидам. Ӯ мумкин писарашро хабаргирӣ меравад, ва ин тарз тамоми рӯз намеояд. – Ва ғайр аз ин ӯ ҳар рӯз ба девхона намеравад».

«Аз ҳама безебаш ин шудан метавонад, ки ӯ моро пеш мекунад, - гумон кард Синн Чанд, - ва ман аз ӯ дида тезтар медавам».

Яде ҷавоб надод. Асосан ӯ он қадар аз Ҳуат Хон наметарсид, гарчанде ки ӯ марди бераҳмонаи ганда буд. Ӯ бисёртар аз он девҳо метарсид, ки дар гирди он хонаи кӯҳнаи нимвайрона мегаштанд.

Яде аз девҳои ганда аллакай бисёр шунида буд. Ҳазорҳои ҳазорҳо мавҷуд буданд. Ҳеҷ кас онҳоро дидану шунидан наметавонист, ва бо вуҷуди ин ҳам онҳо буданд. Хеле хуб рафтор кардан даркор буд, зеро онҳо хеле тез хашмгин мешуданд. Ва аз ҳама душвортарин ин буд, ки агар одамон намедонистанд, ки аз кадом сабаб онҳо хашмгинанд. Баъд онҳо қасдашонро мегиранд ва бисёр ҳолатҳо ҳам ба тамоми оила зарар мерасонданд.

Ин тавр он вақтҳо буд, ки модар сахт касал шуд, падар афтид ва аз барои пои касалаш дигар кор кардан натавонист. Ҳамон рӯзи ғамгиноне, ки писари нақтаваллудшуда мурд ... ҳамон вақте, ки Яде худаш таспи баланд дошт ... он вақт, ки ... оҳ! Ҳамаи ин воқеаҳои зиқи даҳшатнок, ки мешуданд, агар касе аз оила ягон девро хафа мекард.

Мумкин девҳо тамоман аз одамон ғазабнок намешуданд. Мумкин онҳо ин воқеаҳоро фақат мегузоранд, барои он ки ба онҳо маъқул буд.

Баъзе вақт Яде худашро мепурсид, ки тамоман ягон фоида меовард, агар онҳо девҳоро бо қурбонию парастиш дар табъи хуб мондан мехостанд. Лекин ҳатто ба модараш ин шубҳаро гуфтан нахост. Ҳатто фақат ҳамин хел фикр кардан даркор буд ва ғазаби девҳо хестан ва бар оилааш бебахтӣ овардан метавонанд.

Синн Тек апаи худашро ҳамон хел дӯст медошт, чуноне ки вай ӯро дӯст медошт. Аз ана ҳамин сабаб бачаи хитоӣ ба дили апааш нигоҳ кардан ва фикрҳояшро фаҳмидан тавонист. Ӯ каме ба ӯ наздиктар омад.

«Апаи калонӣ, натарс! Аниқ он ҷо барои кӯдакон бозӣ кардан хатарнок нест, ва он ҷо хеле шавқовар аст. Натарс! Агар мо ба хона бармегардем, мо ба худои хонагиямон дуо мегӯем ва чӯбҳои дудӣ месӯзонем, то ӯ ором бошад».

Яде розӣ шуд. Синн Тек бояд инро беҳтар донад, бо вуҷуди ин ҳам ки ӯ якчанд сол аз ӯ хурдтар буд. Вай «фақат» духтар буд-ку ва аз ин сабаб бояд аз хурдӣ итоат карданро ёд мегирифт. Ягон рӯз, инро Яде донист, ӯ тӯй мекунад ва шавҳару писарон мегирад, ки нисбати ӯ хуб ё бад рафтор мекунанд, лекин ки ӯ ба ҳар ҳол бояд ба онҳо гӯш мекард.

Ин хел фикрҳои Яде ба оянда мерафтанд, вақте ки ӯ бо бародарону хоҳараш дар кӯча мегашт. Аммо ягона ояндаеро, ки ӯ тасаввур кардан тавонист, аз они як духтари хитоӣ буд, он вақт қариб сад сол пеш.

Агар Яде дар Хитойи ҳозира зиндагӣ мекард, ӯ ба мактаб мерафт ва ёд мегирифт, ки назди тӯйкунию кӯдакзоӣ ҳам дигар вазифаҳои муҳим мавҷуданд, бо вуҷуди ин ҳам ки то ҳоло онҳо мисли бачаҳо дида намешаванд.

Лекин Яде дар Хитойи қадим зиндагӣ мекард, Хитойи хело ғамгини торик.

Акнун, ки онҳо донистанд, ки ба девхона мераванд, чуноне ки онҳо орзу доштанд, хурдҳо тез гаштанд. Ҳатто Субҳи рӯз, ки ҳоло хеле майда буд – ва каме танбал – дасташ дар дасти бародараш бо дигарон қадам мезад.

На Яде ва на Субҳи рӯз пойҳои бастагӣ доштанд, чуноне ки барои духтарон аз мардуми бой ва бомаърифнок одат мебуд. Волидонашон барои тарбия додани хонумон камбағал буданд. Ғайр аз ин, ки медонист, ки агар онҳо боз дар шароити камбағал зиндагӣ мекарданд, пойҳои бастагии хурд дар вақти кор халалрасон мешуданд?

Баъд боз якто имконияти дигари оянда барои ин ду духтарон буданд. Волидони камбағал, ки барои духтаронашон имконияти ба касе тӯй додан надоштанд, духтарҳоро чун ғулом фурӯхтан тавонистанд. Духтаре, ки бо ин хел тарз фурӯхта мешавад, бисёр вақт дар кунҷи дигари мамлакат меравад. Баъд хеле номумкин буд, ки онҳо ягон вақт боз волидонашонро мебинанд.

Лекин Яде оиди ин он қадар фикр накард. Вай донист, ки модараш ӯро дӯст медошт ва падараш нисбатии ӯ хуб буд. Ҳа, ӯ ҳақиқатан буд. Ӯ гоҳ-гоҳ ба ӯ ягон тӯҳфаи зебое медод, якчанд мӯҳраҳои шишагин, пойафзоли хушрӯй ё як даст пури ширинӣ. Ӯ сарашро сила мекард. Ӯ вайро бо номи «Яде» фарёд мекард, ва номаш аз даҳони падар хеле зебо мебаромад. Вай донист, ки чӣ хел қиматбаҳо санги яде ҳақиқатан буд. Он санги зебои сабз буд, ки бисёр вақт сафедмонанд буд. Вай аз он номи зебое, ки волидони мӯҳтарамаш барои ӯ интихоб карда буданд, хурсанд буд.

«Биёед, медавем!», Синн Тек пешниҳод оварда гуфт. Ӯ бачаи боқуввати беҷо буд. Ӯ давиданро сар кард ва хоҳараш аз пушти ӯ буд. Яде аз бародараш дида тезтар давидан метавонист, аммо ӯ инро накард. Ба Синн Тек ин намефорид, ва мумкин намезебид, ки зан аз мард чизе беҳтар метавонист. Ва ҳамин чиз ҳам ба апаи бародар ҳисоб буд.

Ҳам хоҳару додарони хурдаш аз пушташон давиданд. Лекин  Субҳи рӯз, ки бисёр вақт ночақон буд, ғалтид. Баланд ӯ додзаданро сар кард, зеро аз зонуяш хун мерехт. Ин тавр Яде бояд боз ба қафо баргардад.

Бародарон интизор нашуданд ва духтаронро танҳо монданд. Вақте ки Субҳи рӯз боз болои пойҳои ноустувораш истод ва тақрибан тасалло дода шуд, аз бародарон ҳеҷ чиз дигар дидан намешуд.

Яде боз девхонаро фикр кард, ва дилаш аз тарс тақ-тақ мекард. Вай рафтан намехост – лекин агар ӯ намерафт, Синн Тек хафа мешуд.

«Ҳуу – ҳууу! Зонуям дард мекунад! - гиря кард Субҳи рӯз, - ман гаштан наметавонам».

«Ин хел бошад, ман бояд туро бардорам, - гуфт Яде. – Ин хел дод назан – охир, ту паррандаҳоро метарсонӣ, ва онҳо парида мераванд ва барои ту дигар суруд намехонанд».

Вай хам шуд, ва Субҳи рӯз, ки хеле мехост якбор бо тарзи осон пеш равад, ба пушташ баромад.

Субҳи рӯз ғавс ва вазнин буд, лекин пойҳояш он қадар боқувват набуданд. Мисли бисёр дигар кӯдакони он вақтаи Хитой, устухонҳои ӯ аз хӯрокҳои беқувват суст буданд. Ин як сабаб буд, ки ӯ фақат меафтид.

Яде аз поёни бораш оҳ мекашид ва хеле давидан мехост. Вай бародаронашро пеш кардан хост.

Акнун онҳо дар як мавқеи беодам буданд. Девхона аз шаҳр берун буд. Ҳеҷ кас дар он хона зиндагӣ намекард, ҳамон қадаре ки Яде дар ёд дошт – ва ҳатто боз дарозтар. Ҳамон касе ки он ҷо зиндагӣ карда буд, бебахт буд.

Яде шунида буд, ки чӣ тарз амаку падараш оиди девхона гап мезаданд. Ҳатто Кулии камбағал як шабро ҳам дар он ҷо гузронидан намехост.

Ҷондорҳои ягонае, ки меҳмоннавозии хонаaро истифода мебурданд, каламушҳо буданд. Каламушҳои калони бадафт, лекин ҳатто онҳо дароз намеистоданд. Барои онҳо дар девхона хӯрокворӣ набуд.

Гирди хона як ҳавлӣ буд, чуноне ки одати хонаҳои хитоӣ буданд. Дар деволе, ки гирди хона буд, як дарвоза меистод, лекин он кайҳо вайрон шуда буд, ва касе ки мехост, ба ҳавлӣ даромадан метавонист.

Дари хона ҳеҷ гоҳ маҳкам набуд. Ин тавр ба хона даромадан душвор набуд.

Вақте ки онҳо ба дарвоза расиданд, Яде оҳиста хоҳарашро ба замин гузошт. Овозҳои бародаронаш аллакай аз хона мебаромаданд.

Онҳо кимкадом бозӣ мекарданд. Инро Яде кунҷков кард. Ки фикр кард, ки хонаи вайрона ягон чиз барои бозӣ дорад?

Вай аз пушти Субҳи рӯз рафт, ки ба хона медаромад.

Девхона бо деволҳои сафеди холиаш ҳақиқатан ҷои беумед буд. Дар мобайни хона – фақат боз ду ҳуҷра мавҷуд буданд – оташдон буд. Ин дар хонаи хитоӣ тамоман мӯҳтадил буд. Дар мобайни хона оташ карда мешуд, то ки дуд аз сӯрохии бом баромадан тавонад.

Дар як тарафи хона кати оилавӣ буд. Фақат як кат барои ҳама он ҷо буд. Он, чуноне ки ҳозир ҳам дар бисёр хонаҳои хитоӣ аст, фақат аз хишт иборат буд. Барои хоб рафтан ду кӯрпаи калон истифода бурда мешуд. Яктоаш барои поён ва дигараш барои пӯшидан. Хеле гуворо буд, вақте ки оила ин хел хоб мерафт, ва ҳуҷра аз оташ гарм мешуд. Фақат каме беҳаво буд.

Вақте ки Яде аз даҳони дар гузашт, шунид, ки бародаронаш шӯхӣ мекарданд. Ин кадом шӯхӣ буд, ӯ гуфтан натавонист.

Бачаҳо бо ҳудуди муайян гирди кат истода буданд. Онҳо бо чӯбҳое, ки дар ҳавлӣ ёфтанд, худашонро муҳофизат мекарданд – ва акнун онҳо бо чӯбҳо ба кат мезаданду сих мекарданд.

Каждумҳо! Яде дарав донист, ки бачаҳо чӣ кор кардан хостанд. Тамоми лонаҳоро бисёр вақт дар катҳои кӯҳна ёфтан мешуд. Яке аз ин ҳайвонҳои бадҳайбат аз ҷои пинҳонаш баромад, ва ба бародарон ба он задан маъқул шуд, гарчанде ки агар ягонтоаш нешашро дароз мекард, онҳо тез мегурехтанд.

Яде ҳамон нафратро нисбати каждумҳо дошт, чуноне ки баъзе одамон ба тортанак доранд. Фарқият фақат дар он аст, ки каждумҳо хеле хатарноктаранд. Онҳо газидан метавонистанд, ва аз он мардум касал мешуд, - ё ҳатто мемурд.

«Синн Тек!, - Яде аз ӯ илтимос карда гуфт. – Эҳтиёт кун. Оҳ, бо додарони хурдат эҳтиёт бош! Шумо бозии хатарнокро мекунед». Лекин ҳеҷ кас ба ӯ гӯш накард.

Субҳи рӯз на аз каждум меарсид ва шавқ ҳам ба онҳо надошт. Ҳам ӯ ҳоло хурд буд – ва илова бар ин боз духтар – ки ӯ ба бозӣ кардан ҳуқуқ медошт. Ин тавр ӯ аз дари қафои хона баромад ва ба ҳавлӣ рафт. Вай бинии кунҷкови фарбеҳашро ба анбор андохт ...

Лаҳзаи дигар ӯ ба хона давида омад, ва аз тарс дод зад ...!

# ОДАМОНИ ДЕВХОНА

Субҳи рӯз барои ин хел инсони хурд овози аҷоиб баландро дошт. Додувои ӯ тамоми хонаро ишғол мекарданд.

Чашмони ҳама ӯро ҷустанд. Ба бародарон аз ҳама муҳим сабаби додзании ӯ буд. Яде бар пеши духтарак зону зад ва кӯшиш кард, ки воқеаи шударо фаҳмад.

Лекин Субҳи рӯз додзаданро бас накард, ва фақат ба он дар нишон дод, ки ба пушти ҳавлӣ мебурд. «Он ҷо –он ҷо – он ҷо -», гиря карда гуфт ӯ.

Ин тавр ҳама кӯдакон ба берун рафтанд. Яде Субҳи рӯзро сахт аз дасташ дошт.

Вақте ки онҳо ба хоначаи анбор расиданд, аз даруни он яке як ғуррос шуниданд. Ҳама як қадам ба қафо карданд. Танҳо Синн Тек далер буд. Ҷасурона ӯ то назди дар рафт ва ба дарун нигоҳ кард.

«Эй, он саг аст! - фарёд зад ӯ, - лекин оҳ, чӣ хел ҷонвари бечора!»

Якчанд муддат пеш ин ҳайвони бечораи лоғар бояд ба ин кунҷи чиркин даромада бошад. Он аз гуруснагӣ ниммурда  ва сусту касали бад буд, то ки худашро зиёдтар пеш бурдан тавонад. Бо қувваҳои охиринаш ӯ кӯшиш кард, ки он ҷонвари хурде, ки дар бадани харобаш пинҳон мешуд, муҳофизат кунад. Пеши он боз се борини дигар буданд, аммо онҳо хомӯш ва шах буданд.

«Ӯ сагмодар аст, - гуфт Синн Тек ва дар овозаш дилсӯзии гарм буд. Чун хитоиҳои дигар ӯ низ ҳайвонҳоро бисёр дӯст медошт. Ҳа, ҳатто ин сагҳои ваҳшие, ки дар кӯчаҳо мегаштанд. – Вай фарзандон таваллуд кард ва сетоаш мурданд».

Яде ҳам ҳайвонҳоро дӯст медошт. Вай дили мулоим дошт. Субҳи рӯз ором шуд, ва аз барои он ки ин чиз ба ӯ дигар шавқовар набуд, ӯ баргашт. Се бародарони хурд, ки бисёртар аз дандонҳои тези саг метарсиданд, бо Субҳ рӯз рафтанд. Мумкин дар ҳавлӣ чизи навро ёфтан мешуд.

Ду калониҳо оҳиста ба анбор даромаданд. Синн Тек хеле хуб дид, ки сагмодар барои муҳофизат кардан касали бад буд. Бо вуҷуди ин ҳам он чизе ки тавонист,

кард, то ки фарзандеро, ки ба он боқӣ монда буд, паноҳ диҳад. Вай кӯшиш кард, ки аз ҷояш хезад, лекин боз ба қафо афтид.

«Оҳ, вай аз гуруснагӣ мемурад!», фарёд зад Яде, ва чашмонаш пур аз ашк шуданд.

«Аниқ вай низ ташна аст. Як лаҳза ин ҷо интизор шав, апа».

Синн Тек ба ҳавлӣ рафт. Дар як кунҷ бародаронаш як тӯда ахлотро барои як чизи шавқовар кофтуков карданд.  Ҳозирак онҳо як косаи шикастагиро баорварданд.

Синн Тек бе ягон гап аз дасти онҳо гирифт ва ба ҷустуҷӯи об рафт. Як чоҳ бояд дар ҳавлӣ бошад.

Ӯ рост фикр кард, лекин сатилро баровардан ин хел осон набуд, то ки каме аз ин оби бӯйгин кашондан тавонад. Синн Тек ин хел тез беумед нашуд. Ӯ корро сар кард ... ва бурид. Дар косаи шикастагӣ ӯ каме аз об бо худ гирифт.

Бехатар набуд, зеро ҳайвони бечора аз гуруснагию лоғарӣ бошубҳа буд, онҳо обро ба наздики ӯ монданд. Саг худашро дароз карду нӯшиду – нӯшид –.

«Бисёртар биёр, бародарам – бисёртар об», талбид Яде.

Синн Тек мисли ӯ ҳам чақон, давида рафт, то ки боз якбор об кашонад. Сагмодар ғурросзаниро ва дандоннишондиҳиро бас кард. Вай боз хоб рафт ва фарзандашро озод дод.

«Чӣ хел хандаовар ӯ аст! Ман мехостам, ки мо онро бо худ ба хона гирифтан метавонистем», гуфт Яде.

«Инро ман ҳам мехотам, - тасдиқ кард бародараш. – Лекин волидони мӯҳтарамон ба ин иҷозат намедиҳанд».

Яде донист, ки бародараш рост мегуфт. Волидонаш сагҳоро дӯст медошт, лекин зӯри онҳо қариб барои се кӯдак намерасид. Ҳатто бобояшон он паррандаеро, ки ин қадар дӯст медошт, тарк бояд мекард.

Яке ба Синн Тек фикри нав омад.

«Мо аз хӯроки худамон каме барои саги бечора овардан метавонем. Мо ба осонӣ каме хӯрок ҷамъ ва пинҳон кардан метавонем ва онро баъд пагоҳ мебиёрем».

«Ҳа, инро мо кардан метавонем, - гуфт Яде, - Лекин бародарони хурдтар ва хоҳарро беҳтараш бо худ намегирем».

«Не, онҳо ба мо даркор нестанд. Онҳо ба модар гуфтан метавонанд, ва ӯ инро ба мо манъ кардан метавонад», гумон кард Синн Тек. Ӯ як лаҳза фикр кард ва баъд гуфт: «Пагоҳ мо ба модари мӯҳтарамамон гуфтан метавонем, ки мо ба

маъбад меравем, то ки бутҳои авлодамонро парастиш кардан тавонем. Ин тавр ӯ моро рафтан мемонад».

«Ҳа, ин фикри нағз аст!», розӣ шуд Яде. Ҳеҷ гоҳ ба ёди ин духтари хурд намеомад, ки ин дурӯғ аст. Яде ягонбор калимаи ростиро нашунида буд, ба ҳар ҳол ӯ надонист, ки маънояш чӣ буд.

Саг акнун тамоман хомӯш буд, лекин Яде акнун ботарс ба он нигоҳ кард,

«Ман умед дорам, ки ӯ намемурад. Оё мо боз каме об наорем, пеш аз оне ки мо меравем?», гуфт ӯ.

«Мумкин! Ман мехостам, ки мо барои ин ҳайвони бечора ҳам каме хӯрок меёфтем».

Синн Тек боз якбор об овард, ва аст чашмгурусна нӯшид. Баъд кӯдакон рафтанд ва бародарону хаҳарашонро аз бозӣ гирифтанд.

«Вай саги даҳшатнок дар куҷост?», Субҳи рӯз донистан хост.

«Оҳ, ӯ гурехт», Синн Тек ба ӯ ҷавоб дод.

Бародарон дар ахлод якчанд шишаҳо ёфтанд, ки ба хона овардан мехостанд. Аз ин кор онҳо сагро фаромӯш карданд.

Дар рӯзи оянда Синн Тек ва Яде нақшаашонро амалӣ гардониданд. Ҳар яктоашон аз табақи биринҷ каме биринҷ ба бағал мондан тавонистанд, бе аз оне ки модари мӯҳтарам инро фаҳмид. Онҳо ин хӯрокро ба як кунҷе пинҳон карданд, ва каме баъдтар Синн Тек ба назди модар рафт.

«Модари мӯҳтарам, - бача боадаб пурсид, чуноне ки ҳар як кӯдаки хитоӣ бо волидонаш гап мезад. – Апаю ман ба маъбад рафтан мехоҳем, то ки ба бутҳои авлодамон саҷда оварем ва бо ин баракат барои хонаамон ёбем. Модари мӯҳтарам, ба мо иҷозат деҳ, ки мо равем».

Модар бо фахр ба ду фарзандонаш нигоҳ кард. Дигар волидон маҷбур буданд, кӯдакони худро ба маъбад фирсонанд, то ки онҳо хизматашонро кунанд. Лекин вай бояд ҳатто фарзандонашро хотиррасон накунад.

Аниқ бутҳою авлод хурсанд мешаванд, ва ба хона баракат меоранд.

Баракат ҳақиқатан ба онҳо даркор буд. Оила калон буд, ва пул ҳам набуд.

Кӯдакон даррав ба роҳ баромаданд.

Онҳо тез роҳ рафтанд, лекин бо як чашм ба одамони гузаранда, ки онҳоро шинохтан тавонистанд, нигарастанд. Вагарна ба осонӣ касе ба модар нақл кардан метавонист, ки онҳо на ба маъбад, балки ба тарафи тамоман дигар мерафтанд.

Маъбади калоне, ки онҳо асосан мерафтанд, дар шаҳр буд. Дар роҳ ба девхона онҳо аз як маъбади хурдтар – пагода - мегузаштанд. Он сохти ....? дошт, ки хитоиҳо бисёр вақт дар он ҷойҳое месохтанд, кучҷое ки об хатарнок ба соҳил мерафт. Хеле баланд онҳо онро сохтанд, зеро онҳо ба худ мегуфтанд: Чӣ хеле ки баландтар он ба осмон мерасад, мо зиёдтар бахт мебинем, ва бебахтии ин ҷойи хатарнокро рӯпуш мекунем.

Дарунии пагода хурду торик буд. Кӯдакон ягон вақт дар дарун набуданд. Онҳо аз он метарсиданд, ва тез аз он ҷо гузаштанд, бе аз оне ки онро нигоҳ кунанд, ва тамоман ба он ҷо дароянд.

Дере нагузашта онҳо ба девхона расиданд. Ҷой мурда буд. Вақте ки онҳо аз ҷоҳе, кучҷое ки Синн Тек косаи шикастагиро гузошта буд, гузаштанд, ӯ ба Яде гуфт:

«Ба ман дар обкашӣ ёрӣ расон, апаи калонӣ! Дукаса кор осонтар аст».

Ӯ донист, ки агар Яде якбор дар пеши сагмодару фарзандаш мешавад, дигар аз он ҷо рафтан намехоҳад. Яде ба ӯ ёрӣ расонд. Баъд бародару апа бо хӯроки овардаашону як коса пури об ба анбор рафтанд.

Онҳо ба қафо рафтанд, зеро ба онҳо як сурати ғамгинона нишон дода шуд. Он ҷо сагмодар ҳоло ҳам бо фарзандаш дар пешаш хоб буд. Лекин ёрӣ дерӣ бад омад.

«Вай мурд!» фарёд зад Яде ва гиря кард.

«Фарзандаш ҳам мурд», гуфт Синн Тек, ва ҳам ӯ гиря кард.

Ин хел ин ду кӯдак дар замини нимторик шиштанд ва гиря карданд. Баъди якчанд муддат Яде ашкҳояшро қоқ кард. Вай бо дасташ пашми сагро сила кард – лекин Синн Тек дасташро кашида гирифт.

«Не, апа, инро накун. Мумкин ба мо бебахтӣ меорад. Ин ҷои даҳшатнок аст. Рафтем!»

Онҳо хестанд ва оҳистаю зиқ аз хона гузаштанд. Вақте ки онҳо ба дарвоза расиданд, онҳо хеле ҳайрон шуданд.

Дари кӯҳнаи дарвоза, ки ба ҳавлӣ мебурд, кушода мешуд, ва се одамон ба дарун омаданд. Ҳар сеяшон либосҳои хитоӣ пӯшида буданд, ва кӯдакон фаҳмидан тавонистанд, ки онҳо як марду ду зан буданд. Онҳо борҳои бисёр доштанд.

Пеши дарвоза як рикша бо бисёртар борҳо интизор буд.

Ин ду кӯдак дутарафа буданд. Ин одамони навомада, ки ба хона кӯчидан мехостанд, мумкин меҳрубон буданд, мумкин он қадар дилсӯз, ки нақл оиди

сагон шунидан мехостанд. Онҳо лекин ҳам аз ин ду кӯдак, ки гирди хонае, ки ба наздики хонаашон мешавад, мегаштанд, хеле хафа шудан метавонистанд.

Дар ин лаҳза яке аз занҳо ба тарафи онҳо тоб хӯрданд. Онҳо ба ӯ нигоҳ карданд.

Синн Тек як дод мезанад, ва аз пеши одамон ба дарвоза берун давида мегузарад, ва апаашро танҳо дар ин вазъият мемонад.

Яде аз тарс дар ҷояш шах шуда меистад.

## ИҶОРАШИНҲОИ НАВ

Се бегона либосҳои хитоӣ пӯшида буданд, лекин Яде хеле хуб дидан тавонист, ки онҳо одамони хитоӣ набуданд.

Яде ҳеҷ вақт фикр накарда буд, ё мумкин ҳам шунида набуд, ки ғайр аз Хитой ҳам дигар давлатҳо мавҷуданд. Барои ӯ, мисли ҳам дигар хитоиҳои онвақт, ки аз ӯ дида калонтару боақлтар буданд, Хитой тамоми дунё буд.

Ҳоло ҳеҷ вақт дар ин ҷо бегонаҳо наомада буданд. Ин тавр Яде ним бо тарс, ва ним бо ҳайрат он одамонро нигоҳ кард, ки ин хел намуди дигар доштанд.

Чашмонаш ба зан яфтид, ки якум даромад. Ба Яде ӯ хеле аҷоиб тофт. Чашмонаш кабудӣ баланд буданд – Яде ба осмони тобистонӣ фикр мекард, вақте ки ӯ ба ин чашмон нигоҳ кард. Мӯяш низ аз ранги аҷоиб буданд. Ба нури офтоб монанд буд – ки худро тоб медод. Ҳақиқатан тиллоӣ буданд мӯйҳои ӯ. Вай ҳам аз занҳои Хитой калонтар буд.

Баъд чашмони духтари хурд ба дуюм нафар одам парид. Ӯ бе шубҳа мард буд. Ӯ калону боқувват буд, ва китфҳои васеъ дошт. Мӯйҳояш торик буданд, вале сиёҳ не ва каме мавҷдор буданд.

Чашмонаш Ядеро диданд. Онҳо ҷигарӣ буданд ва механдиданд. Аз ин ханда ҳама тарс аз дили Яде гум шуд.

Лекин кунҷковӣ монд. Фақат парешона чашмони Яде сеюм нафарро диданд, ки вай ҳам зан буд, ва баъд боз дар рӯи мард истоданд.

Ӯ хитоӣ гап мезад, лекин овозаш аз они хитоиҳо набуд, агар ҳам ӯ саломи оддатиро гуфт.

Дар ин лаҳза Кули бо бораш ба дарвоза даромад – ва Яде гурехт.

Вай ин хел тезе ки метавонист, ба кӯча поён давид. Баъди як масофаи бисёр Синн Тек аз як бутта баромад ва ӯро манъ кард.

Синн Тек дигар наларзид, лекин тарс ҳоло ҳам дар чашмонаш буд. Ӯ дасти апаашро дошт.

«Ту кучо будӣ? Онҳо бо ту гап заданд? Онҳо чӣ мехоҳанд?»

Яде кӯшиш кард, ки ба ҳама ин саволҳо ҷавобҳо диҳад.

«Ман як лаҳза он ҷо истодам ва ба онҳо нигоҳ кардам. Ҳа, мард ба сӯи ман гап зад, салом дод, лекин ман ҷавоб нadодам, барои он ки ман тарсидам. Ман намедонам, ки онҳо кистанд, лекин ман бовар надорам, ки онҳо – дев ҳастанд».

«Ман дилпурам, ки онҳо дар девхона зиндагӣ кардан мехоҳанд. Онҳо бояд одамони бадкор бошанд», гумон кард Синн Тек.

Яде рӯи мардро ба хотир овард.

«Ман намедонам, ки онҳо ҳақиқатан бадкоранд ...»

«Хеле аниқ онҳо ин ҳастанд!»

«Не, ман фикр дорам, ки онҳо фақат каме бегонаянд – Бародари калонӣ, биё, ба ҳеҷ кас нақл намекунам, ки мо чӣ дидем, ва пагоҳ мо ба наздики он ҷо меравем ва ба дарун нигоҳ мекунем».

Синн Тек ҷавоб надод. Кунҷков ӯ буд, лекин ин фикр ӯро ноором кард. Ба ҳар ҳол ӯ ҳамфикр буд, ки дар хона оиди ин беҳтар ҳеҷ чиз гуфтан лозим аст.

Кӯдакон хомӯшона роҳро пеш бурданд. Ҳардуяшон фикрҳои худро мекарданд.

Вақте ки онҳо ба хона расиданд, падари мӯҳтарам навакак аз шаҳр омада буд. Ӯ бо бобои мӯҳтарам гап мезад ва хеле боваҷд менамуд.

«Ҳа – ҳа», гуфт ӯ ва бо чилликҳояш бо тарзи асабонӣ ба ҳамдигар мезад. «Эҳ ҳа, охир. Ман онҳоро бо чашмони худам дидам. Онҳо секасанд. Шайтонҳои бегона! Як марду ду зан. Онҳо худашонро мисли хитоиҳо мепӯшонанд. Яке аз занҳо даҳшатнок метобад! Чашмонаш равшананд ва ҳам мӯйҳояш равшан ҳастанд – ва ӯ пеши шавҳараш мегашт ва бо ӯ гап мезад. Ҳам дигар зан бо пойҳояш мегашт - »

«Шайтонҳои бегона! – оҳ кашида гуфт бобои мӯҳтарам. – Чӣ хел даҳшатнок! Чӣ хел бадбахтӣ бар шаҳри мо меояд! Интизор шав, писарам, ва ту ҳоло мебинӣ! Бисёр ғаму андӯҳ бар мо меоянд. Оҳ, мо бечораҳо! Мои бечора!»

Синн Тек ва Яде ҳамдигарро нигоҳ карданд. Баъд Яде фарё карда шуд, то ки биринҷи бегоҳиро тайёр кунад.

Дар ана ҳамин рӯз се одамони беумеди монда дар ҳуҷраи кории Ҳуат Хон шиштанд. Занҳо гӯш карданд, ҳангоме ки мард гап зад.

«Мо дар тамоми шаҳр хона кофтем, - гуфт ӯ, - аммо мо ягонта наёфтем. Мо шунидем, ки ту хонаи холӣ дорӣ. Моро ба иҷора гирифтан мехоҳӣ? Мо он нархро, ки ту талаб мекунӣ, ба ту медиҳем».

Чашмони майдаи сиёҳи Ҳуат Хон рӯи бегонаро шикоф карданд. Ҳуат Хон одами ганда буд. Ӯ хел пир ва бой буд. Пулро ӯ бо таври фурӯхтани нашъа ба

даст овард, ҳамон доруворие, ки хитоиҳо мекашанд ё мехоянд ва бо ин тарз аз он ин хел вобаста мешаванд, ки дигар бе нашъа тоқат кардан наметавонанд. Хитоиҳо аз нашъа ин хел вобастаанд, ки барои он ҳама нархҳоро медиҳанд – ва аз ин Ҳуат Хон бой шуд.

Марди пир якчандто хона дошт, ҳам ҳамоне, ки номи девхона дошт. Он дар ҳақиқат ҷои беинсону даҳшатнок барои одамон буд. Аммо барои шайтонҳои бегона ин бас будагист – ин хел Ҳуат Хон фикр кард.

Ҳуат Хон нархи иҷoраро гуфт – нархи баланди бад, лекин бегонаҳо дарров розӣ шуданд.

«Мо ба хона мекӯчем, бародари мӯҳтарам», гуфт шайтони бегона.

Боз якбор чашмони тези Ҳуат Хон ба бегона назар андохтанд. Барои ӯ «бародари мӯҳтарам» фақат як шакли ҳурматбаёнкунӣ буд. Аммо барои он марде, ки онро гуфт, хеле зиёдтар маъно дошт.

«Ин мард, ин марди бадафти гандаи ман-мани пир бародарам аст, - шайтони бегона фикр кард. – Мо кӯдакони ҳамон Худоем».

Ин хел шайтони бегона ҳақиқатан фикр кард!

Солҳо пеш як бача фаҳмид, ки Худо ӯро фарёд мекунад. Ӯ он вақт ҳоло як талаба буд, ки номаш баъдтар дар даҳони зиёд одамон буд – Чарлс Штудд, варзишгари машҳур.

Чизе дар дили ин бача рӯй дода буд. Ӯ писари падари бойе буд ва ҳамаашро дошт, ки зиндагии ӯро гуворо кардан метавонист. Лекин ӯ ин ҳамаашро ва ғайр аз ин ҳам зиндагии ҷавони бо ....ро ба дасти Худо супорид, азбаски ин хел мардон мисли Ҳуат Хон ва духтарон мисли Яде ва бачаҳо мисли Синн Тек буданд – дар Хитои дур.

Яке аз занҳое, ки бо ӯ буданд, хонум Штудд буд. Чашмони кабудаш дар Ирландия якумбор кушода шуданд. Ва вай ҳам аз Худо фарёд карда шуд ва барои ӯ хизмат кардан хост.

Дар Хитой онҳо бо ҳамдигар шинос шуданд ва тӯй карданд. Ва акнун онҳо дар ҷои торриктарини дунё, ки ростии Худоро намепурсид, лекин хеле ба ӯ лозим буд, якҷоя расиданд.

Бо хонум ва ҷаноби Штудд ҳам хонум Бурроф омад. Ӯ дугонаи ҷонии хонум Штудд буд. Баъдтар ҳам дигар одамон омаданд, лекин дар аввал фақат се одам буданд –танҳо, бегона дар пеши ин хел бисёр одамон.

Акнун онҳо ба он хонае кӯчидан хостанд, ки оиди он ин қадар нақлҳои бисёри девӣ гуфта мешуд. Ва онҳо умед доштанд, ки бо онҳо рӯҳи Худо, Худои зиндагию муҳаббат, ҳам бо онҳо ба он ҷо дарояд.

Ҳангоме ки навомадаҳо хонаро соз мекарданд, дар шаҳр ноороми шуд.

Аз даҳон ба даҳон ин навигарӣ рафт, ки шайтонҳои бегона ба он ҷой омаданд. Ин ном ба ҳама одамоне, ки хитоиҳо набуданд, ном дода мешуд, ва аниқ нишон медод, ки хитоиҳо онвақтҳо аз бегонаҳо чӣ фикр доштанд. Ҳатто кӯдакон дар бораи ин воқеа гап заданд. Танҳо Ядею Синн Тек сири худашонро пинҳон карданд.

Якчанд рӯз гузашт, пеш аз оне ки апаю бародар нақшаашонро, девхона бо одамҳои аҷибашро дидан, ба амал гардондан тавонистанд.

Рости гап, Синн Тек дар асл метарсид.

«Кӣ медонад, ки бо мо чӣ мешавад, агар онҳо моро ёбанд? – пурсид ӯ Ядеро, дар вақте ки онҳо танҳо буданд. – Ту шунидӣ, ки дина шаб бобои мӯҳтарам ба тағои мӯҳтарам чӣ гуфта буд? Кӣ ӯ шунида буд, ки бегонаҳо кӯдакҳоро ба хонаи худ даъват карданд ва чашмонашонро бароварданд ва чилликҳояшонро буриданд - ? Оҳ, апаи калонӣ, ба он ҷо рафтан хатарноки бад аст».

«Лекин онҳо моро намеёбанд, - гуфт Яде. Вай каме истод. »Мард ин хел дилсӯз намуд ...»

«Ӯ маро нигоҳ кард», гуфт Яде ва боз ба табассуми ӯ хотиррасон шуд.

«Чӣ хел ту вайро нигоҳ кардан тавонистӣ!», тарсида гуфт Синн Тек.

«Ӯ маро нигоҳ кард», гуфт Яде ва боз табассуми ӯро ба хотир овард.

«О не! – О не! -», Синн Тек бо тарс апаашро нигоҳ кард, гӯё ки дар ӯ ягон чиз аз ҷодугарӣ ва нигоҳи гандаи бегона дидан мешуд.

Яде худаш каме ҳаросон шуд, аммо ӯ табассум кард.

«Ӯ ҳеҷ чиз накард», гуфт ӯ.

Дар ин вақт як тӯдаи бачаҳои шаҳр ба девхона чун меҳмонони якум омаданд. Онҳо дар девор такя шуданд ва, агар касе аз бегонаҳо пайдо мешуд, ҳақоратборон мекарданд ва талаб мекарданд, ки бегонаҳо раванд.

Бегонаҳо лекин тамоман рафтан нахостанд.

Барои Яде имконияти ба девхона рафтан ҳамон вақт омад, вақт ки модар бо Субҳи рӯз як дугонаро хабаргирӣ рафт. Бародарони хурд дар ҳавлӣ бозӣ мекарданд. Яде бародарашро Синн Тек, ки бо бозӣ кардани бодпаракаш машғул буд, кофт.

«Бародари калонӣ, ман пеши девхона меравам. Ту бо ман меравӣ?»

Синн Тек надонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Ӯ мисли апааш кунҷков буд, лекин ӯ, агар ҳам бача буд, фақат ними далерии Ядеро дошт. Аммо ӯ нахост, ки Яде инро мефаҳмид.

«Ин барои ту хатарноки бад аст», гуфт ӯ.

Яде оддат дошт, ки ба падараш ва ҳама хешу табори ҷинси мардона итоат кунад. Ягон рӯз ӯ ҳам ба шабҳараш бояд итоат кунад. Ҳам бародарашро ӯ дар асл гӯш мекард.

Лекин ин даъфа ӯ қарор кард, ки хости худашро ба ҷо оварад.

Ба ӯ фарқ набуд, ки Синн Тек меравад ё не. Албатта, дукаса мумкин хубтар буд, лекин дар Синн Тек ӯ ҳеҷ вақт паҳлавон надошта буд. Агар чизе нодуруст мешуд, ӯ мегурезад.

«Хайр, ман рафтам», гуфт ӯ ва тайёр шуд.

Синн Тек бодпаракро ба замин монд. Ҳурмати Яде нисбати ӯ дар хатар буд.

«Ман бо ту меравам!», гуфт ӯ кӯтоҳ.

Бо эҳтиёт кӯдакон ба девхона наздик шуданд.

Чӣ хел ҳамааш он ҷо дигаргун шуд! Ҳавлӣ тоза ва рӯфта карда шуд. Як ресмони нав дар чоҳ кашол буд. Аз боло хона дуд мебаромад.

«Дар пушти ҳавлӣ дар девор як дари майда аст, - пичиррос зад Яде, - биё, аз он ҷо нигоҳ мекунем».

Онҳо гирди ҳавлӣ эҳтиёткорона рафтанд. Яде пеш ва Синн Тек аз пушташ.

Баъди нисфирӯзӣ буд. Ҳавлӣ хомӯш ва беинсон буд. Яде якчанд қадамҳои оҳиста ба ҳавлӣ кард, баъд ӯ ба сӯи бародараш тоб хӯрд.

«Ман то дари хона меравам, - пичиррос зад ӯ, - аз он ҷо ман хонаро мебинем».

Синн Тек дасти Ядеро дошт.

«Не, не, инро накун, апа!» илтимос кард ӯ.

Лекин Яде дасташро аз ӯ халос кард.

«Агар ту метарсӣ, ту бояд бо ман набиёӣ, - гуфт ӯ, - то омаданам ту фақат дар ҷои бехатар исто».

Ин ёрӣ дод! Синн Тек бо пойҳои оҳиста аз пушти апааш рафт.

Кӯдакон то дари хона бо ҳеҷ кас вонахӯрдам. Зеро Штудд ба шаҳр барои харидкунӣ рафта буд, ва ду занон танҳо буданд. Хонум Штудд худро хуб ҳис намкард ва дар болои кат дароз кашида буд – ҳамон кате, ки пештар хонаи каждумҳо буд. Хонум Бурроф дар болои як кӯрпача дар замин нишаста буд ва дар як китоби хитоӣ варақ мезад.

Хонум Штудд сарашро бардошт, ҳангоме ки ӯ ин сояҳои равшанро дар даҳони дар дид.

Синн Тек ба қафо гашт. Вале Яде, пур аз кунҷковӣ, ба замин афтид.

Яде ин хел ҳайрон буд, ки ӯ аз ҷойяш хестан фаромӯш кард. Пеш аз оне ки ӯ аз ҷояш хестан тавонист, хонум Бурроф дар пешаш истод, ва хонум Штудд аз сӯи кат ба ӯ гуфт:

«Даромадан гир, духтари хурд, ва дар хонаи навамон меҳмон бош. Биё, мо ин ҷо бегона ҳастем, ва аз ин сабаб хурсандем, агар бо касе шинос мешавем».

Баъди тамоми зиндагии баъдтараш ӯ фаҳмонда натавонист, барои чӣ ӯ инро кард. Лекин ӯ инро кард, ӯ даромад. Вай ҳатто дасти хурдашро ба дасти калони хонум Бурроф гузошт ва ба пеши кат бурда шуд.

Синн Тек аз ҳавлӣ давида баромад. Лекин он ҷо дар пеши дарвоза ӯ дутарафа истод. Чашмонашро беист ба дари кушода нигоҳ карда, ба Худои худ дуо гуфт.

## ДӮСТОНИ НАВ

Якчанд лаҳзаҳо тамом шуданд, пеш аз оне ки Яде дар дар намоён шуд. Вай аз ҳавлӣ гузашта қариб болои Синн Тек мепарид, ки он ҷо интизор мешуд.

«Бин!, - фарёд зад ӯ, - ту ҳам аз ин мехоҳӣ?»

Дар дасташ шириниҳои хитоӣ буданд. Синн Тек пур аз хоҳиш ба он нигоҳ кард. Ӯ шириниҳоро хеле дӯст медошт, лекин падару модараш он қадар бой набуданд, ки ба ӯ шириниҳо харанд.

Синн Тек каме истод.

«Гир, охир. Вай зан ба ман дод», гуфт Яде.

«Вай шайтони бегона – хоҳар, онро нахӯр! Ту мурдан метавонӣ!»

Яде бо вуҷуди ин ҳам онро чашидан хост.

«Онҳо ҳарду аз он хӯрданд», тасдиқ кард ӯ. «Ва ҳатто нағз диданд! Он ду зан, охир. Лекин агар ту аз ин намехоҳӣ, ман онро ҳам танҳо хӯрдан метавонам».

Акнун Синн Тек дасташро дароз кард, то ки ҳаққи худашро гирад.

«Оҳ, ман ба ту бисёр чиз бояд нақл кунам», гуфт Яде, вақте ки онҳо, дар дасташон як ширинӣ, оҳиста ба хонаашон баргаштанд.

«Ин хел бошад, нақл кун!», кунҷков илтимос кард Синн Тек.

Яде ҳикоя карданро сар кард. Он дуто зан ба забони хитоӣ гап задан тавонистанд, лекин лавзи бегонаӣ онҳо фаҳмидани онҳоро душворӣ кард. Аммо Яде доно буд, ва ба бародараш нақл кард, ки чиро фаҳмид.

«Одамон аз ҷои дур омадаанд, аз тарафи дигари баҳр, аз давлате, ки онҳо номашон Англистон мегӯянд. Онҳо ба Хитой фирсонда шуданд. Худои онҳо ба онҳо фармон дод, ки онҳо ба ин ҷо биёянд».

Давом Яде нақл кард, ки ин Худо писаре бо номи Исо дорад, ки ӯ ҳам Худост, ва ки Худо, Падар халқи Хитойро хеле дӯст медорад, лекин ӯ ҳам оиди гуноҳҳои бисёраш хабар дорад».

«Ва барои бахшоиши гуноҳҳон», давом дод Яде, «қурбоне лозим аст. Ин хел ин Худои аҷоиб қарор кард, ки писари худро барои гуноҳҳои халқ қурбон кунад. Ӯ тамоман намехоҳад, ки одамон худашонро ё писаронашонро қурбон кунанд. Ӯ фақат мехоҳад, ки одамон бо ӯ шинос шаванд ва ӯро дӯст доранд».

Ин донаи асосии хабари хуши Худо буд, ин хел не, чуноне ки ин зани сафед фаҳмонда буд, лекин ин тавр, ки ақли хурди Яде онро фаҳмид.

«Дӯст доштан! – Худоро дӯст доштан!», ҳайрон шуд Синн Тек. Ӯ ба он бути хурди безеб бояд фикр мекард, ки худои оилаашон буд. Ӯ ба як Худо парастиш кардан, аз ӯ тарсидан ва ба ӯ қурбонӣ овардан, тасаввур кардан метавонист – лекин ӯро дӯст доштан –

«Ин хеле бегона аст, лекин  ин хел онҳо нақл карданд, - гуфт Яде. – Мумкин ҳақиқатан, - дохил кард ӯ. – Ки ин ҳамааш рост аст ва худои онҳо нисбат аз худоёни мо меҳрубонтар аст».

«Хап кун!, - яке Синн Тек гапашро бурид, - ана яке аз он бегонаҳо!»

Штудд аз шаҳр баргашт. Ӯ калону боқувват буд. Ҳангоме ки ӯ кӯдаконро омадан дид, ӯ қадамҳояшро оҳистатар монд.

Ин нисфирӯзӣ кӯдакон аз пушташ санг партофтанд ва аз пушти ӯ, шайтони бегона, ҳақорат карданд, чуноне ки онҳо аз волидонашон шунида буданд. Штудд аз як сангча як линҷашро харошида буд.

Яде ӯро омада истодан дид. Ӯ ба боло ба сӯи ӯ нигоҳ кард ва чашмони онҳо боҳамдигар вохӯрданд. Яде тез ширинии боқимондаро қурт кард, каме табассум кард ва сарашро хомӯшона хам кард, ҳангоме ки онҳо аз пеши бегона гузаштанд.

Ин якум бор дар ин ҷой буд, ки як хитоӣ нисбати шайтони бегона бо лабханд вохӯрд.

Вақте ки онҳо гузаштанд, Синн Тек ба апааш гуфт: «Не, ӯ мумкин аҷоиб метобад, лекин ганда ё хатарнок нест».

Ҳангоми дар хона расиданашон, он ду кӯдак оилаи худро дар ҳаяҷони калон ёфтанд. Акаи калонӣ омад ва зани худро бо худ овард.

«Вай омад, то ки писараш дар хонаи падари шавҳараш таваллуд шавад», модари мӯҳтарам гуфт.

Си-ҳианг номи он зани ёш буд. Нозуку маҳин ӯ буд, ва кимчихел дидан мешуд, ки ӯ бадбахт буд. Дубор ӯ аллакай писаре зода буд, вале ҳарду бор онҳо мурданд. Акнун Си-ҳианг ва шавҳараш ҳамфикр буданд, ки худои онҳо хашмгин аст.

Ҳозир, ки онҳо сеюм бор кӯдакеро интизор буданд, акаи калонӣ як ҷодугари хеле доноро пурсид ва ӯ барои бисёр пул ба ӯ ваъда кард, ки ӯ ба наздикӣ падари хушбахт аз писари саломат мешавад. Пеш аз ин шавҳараш ва оилаи ӯ Си-ҳиангро нафрат мекарданд, вале ҳозир ӯ боз обрӯи худро гирифт.

Аммо бо вуҷуди ин ҳам ӯ ғамгин буд. Яке ҷодугар хато карда буд - ?

Зиқ ӯ ба Яде менигарист. Аз ин духтар ягон рӯз чӣ мешавад? Яде зебо ва ҷавон буд, дере нагузашта ӯ барои шавҳаркунӣ соли мувофиқро дошт. Албатта Яде ҳоло ҳеҷ чиз намедонист, лекин аллакай барои ӯ марде дар назар гирифта шуд.

Вале Яде бо хоҳарарӯсаш машғул шудан, вақт надошт. Сараш то кафидан пур аз он фикрҳое буд, ки ӯ дар нисфирӯзӣ дида буд.

Чун ҳама хитоиҳои дигар, ба ҳар ҳол чун ҳама духтарони хитоии онвақта, Яде дар бораи дин он қадар маълумот надошт. Ӯ худои оилагияшонро саҷда мекард, пеши сангҳое, ки дар онҳо авлодашон тарошида шуда буд, бухур месӯзонд – ва ин аллакай ҳамааш буд. Лекин ҳамаи ин чизҳо ба ӯ он қадар бисёр маъно надоштанд.

Худое, ки бо он дар муносибати наздик будан метавонист, барои ӯ номумкин менамуд. Як худое, ки аз бандаҳои худ қурбониҳо намехост, вале худашро барои онҳо қурбонӣ мекард, ин хел худо ин дили хурд тасаввур кардан наметавонист.

Ҳангоме ки Штудд ба девхона баргашт, ҳарду занҳо ба якдигар дар бораи ин рӯйдодҳои гузаштагӣ гуфтугӯ мекарданд. Вохӯрӣ бо ин кӯдакҳо мисли як дурахшидани ситора дар осмони торике буд, ки равшанӣ ваъда медод.

Яде гумон накард, ки дар ин бегоҳ он се бегонаҳо ӯро дар дуои худ дохил карданд, то ки мушкилии ӯро ва тамоми духтарон ва занони Хитойро пеши Худо баранд.

Яде рози худро хуб пинҳон мекард. Лекин кай ки ӯ бо Синн Тек якчанд калимаҳо гап задан имконият дорад, онҳо гап мезананд, ки ба девхона бараштан мехоҳанд. Кунҷковии Яде хеста буд. Ӯ дар бораи ин одамон, ки дар девхона сокин шуданд, бисёртар фаҳмидан хост. Аз ҳама бисёр вай фаҳмидан хост, ки аз кадом сабаб онҳо ба ин ҷо омаданд. Аз як тараф дида яке аз занон ба ӯ аллакай сабабро фаҳмонда буд, лекин дар он вақт Яде инро ҳоло он қадар хуб намефаҳмид.

Синн Тек ҳам кунҷковтар шуд. Дар муддати кӯтоҳ ӯ бояд дар ягон ҷо кор кунад, ва баъд озодии ӯ ва вақт барои бозӣ тамом хоҳад шуд.

Яде худаш ҳанӯз дар солҳои охирии кӯдакияш буд. Дар на он қадар муддати дер ӯ ба шавҳар дода мешавад ва бо оилаи шавҳараш зиндагӣ мекунад. Вай он

қадар мехост, каме бисёртар дар бораи ин одамони бегона ва дини аҷоибашон фаҳмад, пеш аз он ки ӯ аз ин ҷо меравад.

Хайрат, як бегоҳӣ имконият шуд!

Миссионер дар ҳавлӣ бо сохтани хона барои мурғоне, ки ӯ дар шаҳр харида буд ва умед дошт, ки онҳо тухм медиҳанд, машғул буд. Баъд ӯ як аз кораш ба боло нигоҳ кард ва ду сари сиёҳ ва чор чашмонро дид, ки аз пушти девол нигоҳ мекарданд. Ин Яде ва Синн Тек буданд.

Аммо он вақте ки онҳо фаҳмиданд, ки он мард онҳоро дид, онҳо боз хам шуданд.

Штудд каме истод. Ӯ аз ин духтари хурде шунида буд, ки аз занаш ва дугонааш ба хона даъват карда шуд. Лекин ӯ ҳис кард, ки ӯ хеле боэҳтиёт бояд амал кунад. Ӯ дудила буд, ки онҳоро ба хона фарёд кунад ё не. Мумкин дар шаҳр аз пушташ мегуфтанд, ки ӯ кӯдаконро медуздад ва мезанад. Аз дигар тараф хуб мебуд, агар ӯ бо ин кӯдакон дӯст мешуд. Бо ин тарз имконияте мешуд, ки ягон хонаи деҳа кушода мешуд, ва агар ӯ аллакай саршавӣ дошт, дигар оилаҳо ҳам меоянд, ва гирди дӯстон бисёртар шудан мегирифт.

Ин хел Штудд фикр кард.

Аммо дар ин лаҳза дар калаи Яде чӣ фикрҳо буданд? Ӯ даруниии хонаро, акнун ки ин се шайтонҳои бегона сокин буданд, хеле дидан мехост. Яде ин ду занонро «Мем» меномид ва мардро «Туан», ки маънояш ҳамту «бегона» аст, лекин дар асл дар ҳама ҷо ӯ фақат номи «шайтони бегона»-ро дошт.

Волидонаш чӣ мегуфтанд, агар медонистанд, ки Яде ба пеши ин бегонаҳо мерафт? Зуд-зуд ӯ падару дигар мардонро дар бораи ин миссионерҳо гап задан мешунид. Онҳо дар бораи ин бегонаҳо хабарҳои хуб надоштанд.

«Онҳо одамони ганда ҳастанд. Онҳо омаданд, то ки кӯдакони моро дузданд ва бар мо лаънат оранд», гуфт падари мӯҳтарам. «Ҳа», тасдиқ кард амаки якум, «шумо аниқ донистан метавонед, ки моро ҳоло балои калон мезанад».

«То ҳозир ягон чиз рӯй надод», гуфт амаки дуюм, ки ҷавон ва қобили бардошт буд.

«Ҳа! Ту ҳоло исто!», гуфт бобои мӯҳтарам. «Онҳо навакак якчанд ҳафта дар инҷоянд. Лекин ин аниқ аст, ки агар бало моро бизанад, мо онҳоро аз шаҳр пеш мекунем».

«Ман ин шайтонҳои бегонаро ганда мебинам», аз қаҳр базӯр баровварда гуфт падари мӯҳтарам.

Дар асл модар ҳангоми ин сӯҳбатҳо бо корҳои дӯхтанаш дар он ҷо буд. Ӯ ҳеҷ чиз намегуфт, зеро ин ҷое набуд, ки вай ҳуқуқи гап задан дошт, лекин вай чун Яде рӯз ба рӯз кунҷковтар шуд.

Ҳамаи ин дар пеши чашми Яде мегузашт, аммо бо вуҷуди ин ҳам ӯ мехост, ба ҳавлӣ як назар кунад.

Штудд аз кораш ба боло нигоҳ карда табассум кард, вақте ки ӯ ин чорто чашмҳои сиёҳро боз дид. Табассуми ӯ боварии Ядеро мустаҳкамтар кард ва тарси Синн Текро кам кард.

Яде бо як табассуми шармгини эҳтиёт ҷавоб дод. Штудд асбобҳои корияшро монда, ба пеши кӯдакон рафт. Ӯ ба онҳо дар либосҳои хитойгияш пир ва аҷоиб метофт. Мумкин ӯ ҳам бо либосҳои аврупоӣ ба онҳо аҷоиб метофт, зеро онҳо то ҳол аврупоиро надида буданд.

Ӯ бо овози меҳрубон салом гуфт.

«Шумо даромадан ва хонаро нигоҳ кардан мехоҳед?», пурсид ӯ аз онҳо. Ӯ бо онҳо гап мезад, ки гӯё онҳо калонсоланд.

Бародару апа ба ҳамдигар нигоҳ карданд. Яде аз ҳардуи онҳо кунҷковтар буд. Вай қарор кард, ки ин даъватро қабул намояд.

«Раҳмати калон, бегонаи мӯҳтарам», ӯ гуфт. «Мо хонаатро бо дилу ҷон нигоҳ кардан мехоҳем».

«Ин хел бошад, аз пушти ман биёед», гуфт миссионер ва ба Худо шукр гуфт, ки ӯ дилҳои ин кӯдакҳоро кушод.

Ӯ кӯдакҳоро ба хонааш овард. Занаш хӯроки бегоҳиро тайёр кард. Ӯ гӯшти хукро бо биринҷу бамбус пухт – чунонеки модар ин хел мекард. Яде инро дид ва ҳайрон шуд.

Ин тавр бошад, ин шайтонҳои бегона мисли онҳо хӯроки хитоиро мехӯранд? Чӣ хел аҷоиб. Лекин асосан Яде тамоман намедонист, ки шайтонҳои бегона тамоман ягон чӣ мехӯранд ё не.

Ҳарду «Мем» аз ҷояшон хестанд ва меҳмонҳояшонро бо таъзимҳои хурд салом карданд.

Яде гирду атрофро нигоҳ карда, фақат ҳайрон шуд. Ин хона мисли ҳар як хонаи дигари хитоӣ будан метавонист. Дар замин кӯрпачаҳои арзони бозорӣ партофта шуда буданд. Дар болои кат як кӯрпаи калони пахтагин паҳн карда шуда буд. Косаю табақ ва қошуқҳо буданд, чунонеки Яде онҳоро дар хона дошт. Он ҷо як ҷевону як миз буданд ва дар болои онҳо чизҳое буданд, ки Ядеву Синн Тек намешинохтанд. Онҳо китобҳои аврупоӣ буданд.

«Шумо ҳам дигар ҳуҷраҳоро дидан мехоҳед?», пурсид он «Мем» бо чашмҳои аҷоиби кабудаш.

Албатта онҳо хостанд. Он анборе, ки дар он саги бечора ҷон дода буд, барои дигар «Мем» тайёр карда шуда буд. Як анбори дигар ҳам ҳуҷра барои хоб буд. «Ягон рӯз дӯстони мо меоянд, ки ҳам дар ин ҷо зиндагӣ кардан мехоҳанд», фаҳмонд миссионер.

«Вайҳо ҳам шайтонҳои бегонаанд?», пурсид Синн Тек.

Яде ба тарафи Синн Тек хашмгин нигоҳ кард. Ӯ тамоман ҳурмат надорад! Тез ӯ хатои бародарашро ислоҳ кардан хост.

«Мисли шумо Мем ва Туан ҳастанд, ҷаноби мӯҳтарам?», ислоҳ кард ӯ.

«Мисли мо», миссионер гуфт.

Баъд онҳо ба меҳмонхона баргаштанд, ва Яде боз гирду атрофашро хуб нигоҳ кард. Як чиз намерасид –

Он ҷо ягон сурати Худои ин одамон набуд.

Миссионер ба занаш назар карда ба забони англисӣ аз ӯ пурсид:

«Беҳтараш мо дӯстони ҷавони худро ба хӯрок даъват накунем?»

«Не, ҳоло не», ҷавоб дод ӯ.

Ин забони бегона кӯдаконро тарсонд ва хотиррасон намуд, ки онҳо дар кадом маврид буданд.

Яде таъзим кард.

«Вақт барои рафтан расид, ҷаноби мӯҳтарам», гуфт ӯ ва таъзими бехато кард. Синн Тек ҳам таъзим кард.

Миссионер онҳоро то ба дарвоза пешвоз кард. Ӯ барои бозомадан даъват кард.

Дар роҳ ба хона бародару апа дар бораи ин ҳодиса гуфтугӯ карданд.

«Онҳо ганда наметобанд», гуфт Синн Тек, ҳамон хеле ки ӯ аллакай гуфта буд.

«Онҳо ҳатто хеле меҳрубон ҳастанд. – Лекин гӯш кун, Синн Тек, "шайтонҳои бегона" ин хел калимаи безеб аст ва хеле беҳурматӣ. Ман гумон мекунам, ки онҳо тамоман шайтонҳои бегона нестанд».

«Падару бобои мӯҳтарамамон ва якчанд мардони мӯҳтарами дигар мегӯянд, ки онҳо ҳастанд», гуфт Синн Тек, аммо ӯ худаш надонист, ки аз ин чӣ фикр кунад.

Модар дар назди дар интизор шуда буд. Вай Ядеро ҷанг кард. «Ту ин қадар муддати дароз даяр куҷо будӣ, духтари танбал? Ба ман ёрии ту даркор аст -!

Амаки мӯҳтарами рақами се худро хуб ҳис намекунад. Си-ҳианг касал аст. Биё ва ба ман ёрӣ расон».

Тез Яде аз пушташ рафт. Ӯ аллакай донист, ки ба амак чӣ намерасид. Ӯ боз нашъа кашида буд.

Лекин ба Си-ҳианг дилаш месӯхт. Си-ҳианг хеле ғамгин буд, ва ин Ядеро ҳам зиқ мекард. Си-ҳианг бисёр вақт муддати дароз ба худои худ дуо мегуфт. Ин зебоеро, ки шавҳараш ба ӯ тӯҳфа карда буд, дигар намепӯшид. Ӯ онро кашид ва ба бути хурди бадафт пӯшонд.

Акнун Яде бо фармони модар як коса шири ширин ба ҳуҷрае, ки дар он Си-ҳианг хоб мерафт, овард.

Си-ҳианг танҳо буд. Ӯ чашмони мондаашро кушод ва Ядеро бошукр нигоҳ кард.

## ҲИКОЯТИ СИ-ҲИАНГ

Си-ҳианг ҳоло хеле ҷавон буд, лекин аллакай бисёр чизро дида буд. Падар хеле камбағал буд ва бисёр кӯдакон дошт. Бисёрияш аммо, худо ба шукр, чуноне ӯ мегуфт, писарон буданд.

Яке аз духтаронаш бояд дар як рӯз ба шавҳар дода мешуд ва барои ин ба ӯ пули калон даркор буд. Лекин падари Си-ҳианг пул барои тӯй надошт.

Си-ҳианг қариб ба ҳафтсолагияш нарасида буд, ки падар қарор кард, ки ӯ биринҷашро бояд худаш меёфт. Бо дигар калимаҳо: Ӯ бояд кор мекард.

Падар дар як устохонаи кулолӣ кор мекард, куҷое ки ӯ чойнику пиёлаҳоро кулолӣ мекард. Ӯ ҳам қошуқу косаҳоро мекард. Ин кор барои он духтари хурд бас мебуд.

Аммо Си-ҳианг барои кори кулолӣ истеъдод надошт. Дастҳои хурди ӯ беҳунар буданд ва ӯ худаш хеле нозук буд. Ӯ зуд-зуд гушна шуд, зеро ба ӯ хӯрок хеле кам медоданд. Ин сабабе буд, ки ӯ ин хел беқувват буд. Баъзе вақт ӯ ҳатто беҳуш аз қурсияш меафтид. Баъд падару дигарон ба ӯ фақат мегуфтанд, ки як ҷини ганда ӯро расидааст.

Якчанд бор ӯ касал буд, ва ӯ маҷбур шуд, ки ӯ дар хона дар кати оилавӣ хоб равад.

Аммо кор ӯ бояд мекард. Маоши ӯ барои оилааш даркор буд, ва ғайр аз ин ӯ бояд барои тӯйяш зағира мемонд.

Яке ба падари Си-ҳианг фикри хубе ба кала омад. Си-ҳианг барои кори кулолӣ бефоида буд, инро падар акнун фаҳмид. Лекин ӯ пухтан, либос шуштан ва рӯфтану кӯдакҳоро нигоҳ кардан метавонист. Падари Си-ҳианг аз ин рӯ қарор кард, ки духтарашро барои касе, ки ёрӣ дар хона даркор буд, ба «иҷора» диҳад.

Дар он вақтҳо духтарҳо гоҳ-гоҳ аз волидонаш дуздидаю чун ғулом фурӯхта мешуд. Лекин духтарро ҳам ба иҷора додан мешуд. Падари Си-ҳианг бисёртар мехост, ки духтарашро ба шавҳар диҳад, аз оне ки ӯро ҳамавақта ба хизмат диҳад. Ӯ барои ин хел гапзанон пули бисёрро гирифтан метавонист ва онро барои тӯи Си-ҳианг зағира кардан метавонист. Вақте ки духтар боз ба хона бармегардад, ягон мард барои ӯ ёфтан мумкин буд.

Бисёр вақт духтарони ғуломӣ зиндагии беумед доштанд. Вале Си-ҳианг аз дигарон дида бисёртар хушбахтӣ дошт. Оилае, аз кучое ӯ омада буд, одамони раҳмдил буданд. Лекин афсӯс фақат ин буд, ки хонаи ин одамон аз шаҳри Си-ҳианг хеле дур воқеъ дошт.

Дар он ҷо Си-ҳианг вазнин кор мекард, лекин ақаллан ӯ хӯҷаини нағз дошт. Ӯ ҳам кӯдаконеро, ки ӯ нигоҳбин мекард, дӯст медошт. Бисёр вақтҳо ӯ бо онҳо ба кӯча мабаромад, ва дар ин вазъият ӯ якумин бор «шайтони бегонар»-ро дид. Дар яке аз кӯчаҳо як тӯдаи одамон ҷамъ шуданд. Си-ҳианг назиктар рафт. Дар мобайн як «шайтони бегона» меистод ва ба ин одамон гап мезад.

Ӯ хеле калон буд ва либосҳои хитоӣ мепӯшид. Рӯи ӯ аз рӯҳои хитоӣ тамоман дигар буд, ва чашмонаш ҳам тамоман дигар буданд. Лекин ӯ ба забони хитоӣ гап мезад.

Ӯ як ҳикоя нақл мекард. Азбаски Си-ҳианг ҳикояро хеле дӯст медошт, ӯ истод ва гӯш кард. Ӯ дар бораи як марде нақл кард, ки одамонро ин қадар дӯст дошт, ки ӯ хонаи падарашро тарк карда камбағал ва танҳо дар як дунёи бегона зиндагӣ мекард. Ӯ фаҳмид, ки одамон дар ин ҷаҳон хуб нестанд ва барои гуноҳҳояшон як қурбонӣ оварда бояд шавад. Азбаски ӯ одамонро дӯст медошт, ӯ қарор кард, ки худашро қурбонӣ кунад – ӯ розӣ шуд, ки одамон ӯро ба салиби чӯбин зананд ва ӯро куштанд.

Си-ҳианг бо ҳаяҷон гӯш кард. Ин ҳикояи хеле аҷоиб ва хуб буд. Лекин он давом дошт:

Мард мурд ва гӯр карда шуд. Бадани ӯро ба як ғори харсангин монда шуд. Ҳа, ӯ мурда буд. Лекин баъд аз се рӯз ӯ з мурдагон бархост – зинда – ва ба ин дунёе, ки бо ӯ ин қадар бад рафтор кард, баргашт.

Си-ҳианг ҳам фаҳмид, ки ин ҳамааш барои хитоиҳо ҳам рӯй дода буд. Ҷонҳои онҳо аз гуноҳҳо доғдор буданд, лекин он хуне, ки ӯ барои онҳо рехта буд, онҳоро тоза мешӯяд.

Одамоне, ки бе бегона гӯш карданд, хеле гунонгун рафтор карданд. Баъзеашон хандиданд ва ӯро масхара карданд. Дигарон ба ӯ бовар накарданд ва рафтанд. Баъзе ҳатто ба сӯи «шайтони бегона» сангча партофтанд.

Мумкин бисёрии онҳо аз хашми будҳо метарсиданд, агар ин хел ҳикояҳо дар Хитой нақл карда мешуд. Баъзеашон мумкин гӯш кардандро нағз диданд – ва мумкин бисёртар гӯш кардан хостанд.

Си-ҳианг ҳам бисёртар гӯш кардан хост, лекин вақт шуд, ин кӯдак дар дасташр ба хона барад. Ин хел дароз, ки ӯ имконият дошт, ӯ дар ин ҷо истод ва

«шайтони бегона»-ро нигоҳ кард. Ӯ дар болои як қуттӣ меистод, ва чашмонаш ба ин ва он сӯ мерафтанд. Ӯ ҳамаи рӯйҳоро нигоҳ мекард, ки ба ӯ гӯш мекарданд, то чашмони ӯ дар рӯи Си-ҳианг истод.

Чизи аҷоибе рӯй дод. «Шайтони бегона» ба ӯ меҳрубонона табассум кард. Ӯ ин хел табассум кард, гӯё ки онҳо дӯстон буданд, гӯё ки онҳо ҳамдигарашонро аллакай дер мешинохтанд.

Си-ҳианг ҳиҷолат кашид – лекин ҳам хурсанд буд. Баъд кӯдак дар дасташ гирякуниро сар кард. Ӯ гушна буд, ва Си-ҳианг ба хона бояд медавид.

Дар ин бегоҳ ӯ ба зани хӯҷаинаш дар бораи ин рӯйдод нақл кард.

«Ман медонам, - гуфт ин зан, - Ин бояд яке аз ин одамон бошад, ки дар бораи Исои Масеҳ нақл мекунанд».

Си-ҳианг гӯш андохт.

«Ҳа, ҳа. Ӯ ин мардро Исо номид. Ӯ гуфт, ки ӯ ҳоло ҳам зинда аст; ӯ дар ин ҷо аст. Ту ин одами аҷоиби хубро дидӣ?»

Хитоӣ каме оҳ кашид.

«Э не, аммо ман дар борааш шунидам», гуфт ӯ, ва чашмонаш ба буд дар назди девол, ба қуттии қурбонӣ, ки шавҳари хеле диндораш ба он кунҷ монда буд, ба тахтаҳо, куҷое ки дар он номҳои авлоди шавҳараш навишта шуда буданд, афтид.

«Вақте ки ман мисли ту ҷавон будам, - гуфт зани хитоӣ, - ман як меми сафедро нигоҳбин мекардам. Вай ҳамин Масеҳро пайравӣ мекард. Ӯ худашро масеҳӣ меномид. Вай дар бораи ӯ мисли дӯсти ҷонияш гап мезад, мисли он ки, ки ӯро дӯст медорад. – Вай зани хитоӣ ба Си-ҳианг фаҳмонд. – Медонӣ, ки ӯ писари Худо аст».

«Ин хел бошад, Худои онҳо бояд хеле меҳрубон бошад, агар ин хел писарро дорад», андеша кард Си-ҳианг.

«Ин хел дар ҳақиқат метобад, - гуфт зан, - азбаски ӯ писари худро фурсонд, то ӯ барои гуноҳҳои мо мурад. Ҳа, ҳам барои занон ҳам, барои он ки ӯ ҳам занонро дӯст медорад, на фақат мардонро».

Овози ҳӯҷаини хона дар хона баланд шуд, ва сӯҳбат шикаста шуд. Бо як нигоҳи медонистагӣ зани хӯҷаин ба ӯ ишора дод, ки шавҳараш «шайтонҳои бегона»-ро ганда мебинад ва дар бораи Худои онҳо ҳеҷ чиз донистан намехост ва аз ин сабаб ӯ бояд нафаҳмад, ки онҳо дар бораи ин гап зада буданд.

Бо Си-ҳианг мисли зани хӯҷаин шуд: Вай он гапҳое, ки дар бораи Исои Масеҳ шунида буд, фаромӯш кардан натавонист.

Баъди на он қадар вақти дер Си-ҳианг касал шуд. Зани хӯҷаинаш хеле ба ӯ хуб буд ва ӯро нигоҳбин мекарду хӯрок медод. Лекин хӯҷаин ин хел босабр набуд. Ӯ як духтареро, ки аз ӯ ҳеҷ фоидае нест, дар хона доштан нахост. Ӯ Си-ҳиангро боз ба пеши волидонаш фиристод. Аммо ӯ ақаллан маоши додагиро нагирифт.

Вақте ки Си-ҳианг ба хона омад, ӯ ҳайрон буд, ки модару падараш чуноне ки ӯ фикр мекард, хафа набуданд. Як марди ҷавон пайдо шуд, ки зан мекофт. Азбаски ӯ худаш камбағал буд, бисёр пули арӯсиро талаб накард ва волидони Си-ҳианг розӣ буданд.

Ин тавр Си-ҳианг бо Синн Ҳап оиладор шуданд.

Онҳо чун пешина дар хонаи танги пур бо волидони Си-ҳианг зиндагӣ мекарданд.

Синн Ҳап ҷавон ва нисбати занаш меҳрубон буд. Ӯ ҳатто боз меҳрубонтар шуд, вақте ӯ фаҳмид, ки Си-ҳианг ҳомила шуд. Кӯдак – албатта – писар мешавад.

Писар таваллуд шуд. – Лекин ӯ ба ин дунё барвақти бад таваллуд шуд.

Модари ҷавони, ниммурда аз гушнагӣ ва аз кор монда қариб бо ӯ мемурд.

Си-ҳианг беумед буд. Ӯ гиря кард ва аз шавҳараш бахшиш пурсид. Ӯ фӯрутан аз вай бахшиш пурсид. Синн Ҳапи ҷавон ӯро таъқид накард. Ӯ бовар кард, ки ӯ хизматҳои динияшро иҷро накарда буд. Аз ин сабаб ӯ ба маъбад шитобид, то дар он ҷо бухур сӯзонад ва ба аҷдодони худ саҷда орад. Ӯ ҳам будҳои қурбонӣ кард.

Баъди якчанд вақт Си-ҳианг фаҳмид, ки ӯ боз кӯдакро интизор аст.

Волидони Си-ҳианг кам сабр доштанд. Махсусан модараш, ки худаш бисёр кӯдакон доштааст, бо духтараш, ки фақат як кӯдаки мурдаро таваллуд кардан метавонист, бетоқат рафтор кард. Вай Си-ҳиангро таъқид мекард ва ба ӯ хулосаро мегуфт, агар ин даъфа таваллуд хуб нагузарад.

Дар вақте ки Си-ҳианг дароз кашида кӯдакашро интизор буд, ӯ ба «шайтони бегона» фикр мекард, он ҷо дар шаҳри бегона ва дар бораи он Худое, ки одамонро, ҳам занонро дӯст медошт. Ки ӯ писари худро фурсонд, то одамонро наҷот диҳад. Ва чашмони ғамгинаш бути бадафтро, ки дар кунҷи хона меистод. Нигоҳ мекарданд.

Модари Си-ҳианг ин даъфа ҳамаи корҳои метавонистагӣ барои хуб гузаштани таваллуд кард. Ӯ ҳатто як зан барои нигоҳбин ёфт, ки аз худаш дида боз камтар медонист, лекин ҳар гуна ҷодугариро медонист.

Қариб ин хел метофт, ки «худо» дар кунҷи хона ин даъфа зани ҷавонро баракат дод. Пеш аз субҳ писаре таваллуд шуд, ва як соат пас дугоникаш омад.

Си-ҳианг, тамоман беқувват дастҳояшро дароз кард, то кӯдакро гирад. Лекин нав ба дасташ гирифта, кӯдак бо азоб нафас кашида – мурд!

Ин шӯру шароб шуд! Модари Си-ҳианг ҷангу таъқид кард. Аммо боз як кӯдаки дигар буд, ки калонтар ва боқувваттар буд.

«Бин, ки бо ин кӯдак ҳеҷ чиз нашавад», дод зад модари Си-ҳианг, ҳангоме ки ӯ дигар кӯдакро дод. Модари Си-ҳианг сахт метарсид, ки Синн Ҳап занашро боз баргардондан мехоҳад, азбаски ӯ бо Си-ҳианг розӣ набуд. Баъд бо ин духтар чӣ сар мекунад? Вай кор кардан наметавонист ва ҳатто писарони худашро зинда нигоҳ доштан наметавонист.

Писари дуюм ҳам зинда мондан натавонист. Вале Си-ҳианг як рӯзи дароз бо кӯдаки хомӯш дар кат – тамоман хурсанд – хоб рафт.

Дар бегоҳ, ҳангоме ки хобаш бурд, зани нигоҳбин мекарда кӯдаки мурдаро аз дастонаш гирифт.

Вақти омада ин қадар бисёр ғами андӯҳ оварданд, ки Си-ҳианг бисёр вақт ҳайрон буд, ки ӯ аз ин зинда монд. Ҳатто шавҳараш нисбати ӯ бераҳм шуд. Ӯ ба он гапҳое, ки модарарӯсашаш мегуфт, ки худоён Си-ҳиангро ганда мебинанд, бовар карданро сар кард. Ягона ёрӣ ҳамон аст, ки ӯро зананд ва боз зананд.

Ин ҳикояи ғамгин буд, лекин дар Хитой ин боз ва боз шунида мешуд, азбаски онҳо дар бораи Худои муҳаббат ҳеҷ чиз намедонистанд.

Вақте ки Си-ҳианг фаҳмид, ки боз як кӯдакро интизор аст, ӯ аз як тараф сабук шуд, аз дигар тараф тарсид. Оё кӯдак ин даъфа зинда мемонад?

Хайрат ки шавҳараш модарарӯсашро дӯст намедошт. Ӯ охир андеша кард, ки мумкин ин зани пир айбдор аст, ки ӯ писар намегирад.

Си-ҳианг хомӯшу тарсончаки бад буд, то ки фикри худро гуфтан тавонад. Ӯ ҳамааш бо худ мемонд.

Аз ҳамон вақте, ки ӯ акнун дар хонаи хушдоманаш буд, ӯ хушдоманашро ва аз ҳама бисёр Яде, хоҳари Синн Ҳапро дӯст медошт.

Ӯ гӯш карда буд, вақте ки мардон дар бораи шайтонҳои бегона гуфтугӯ карда буданд, ва фикрҳои худро пайдо кард.

Акнун, вақте Яде бо як коса шир ба наздаш омад, Си-ҳианг ба ӯ нигоҳ кард.

«Хоҳари хубам - пурсид ӯ – ту шайтонҳои бегонаро дидӣ?»

Яде ба ӯ бо нигоҳи тез нигоҳ кард. То ҳозир Яде бо фиркҳои худ овора буд, ва ба келини ҷавон он қадар аҳамият намедод. Лекин ин саволи ногаҳонӣ ӯро ҳаросон кард. Рози ӯ ягон кас фаҳмид?

«Ту бо ин чӣ гуфтан мехоҳӣ, зани бародарам?», пурсид ӯ.

«Фақат, ки ту онҳоро дид – ту бо онҳо гап задӣ?»

Яде духтари доно буд. Ӯ фаҳмид, ки Си-ҳианг бе фикрҳои пинҳонӣ гап мезад. Ӯ косаи ширро монд ва ба кат наздиктар шуд.

«Ба ман гӯй - »

«Ҳеҷ кас гӯш намекунад?», пичиррос зад Си-ҳианг бо тарс.

«Не – агар мо бо овози паст гап занем».

## РӮЗҲОИ ТОРИК

Рӯзҳои торик барои девхона баромаданд.

Магар ҳамаи ин одамони пири халқ нагуфта буданд, ки ин шайтонҳои бегона дар девонахона фақат ғаму андӯҳ меоранд?

Ана аввал ин касалӣ пайдо шуда буд, ки дар тамоми вилоят паҳн мешуд. Ҳамон одамон ягон деви гандаро сар доданд? Асосан кӯдакон қурбони ин тасп шуданд. Як шуморае аллакай мурд. Ва онҳое, ки касалиро гузаронидананд, дар офтоби гарм мешиштанд, беқувват ва суст буданд. Модарон хеле қаҳр доштанд. Онҳо миссионерҳоро таъқид ва ба будҳои худ дуо мекарданд, ки онҳо ин лаънатро гиранд ва шайтонҳои бегонаро аз вилоят пеш кунанд.

Дере нагузашта як хонаи калони шаҳр месӯзад. Ҳеҷ кас надонист, ки оташ чӣ хел сар шуд, ба ғайр аз ду гадоҳо, ки шабона дар анбори ғаллае оташ барои хӯрок кардан хостанд. Лекин онҳо дар бораи ин ҳеҷ чиз нагуфтанд, ва одамон тез айби бегонаҳо дар девхона карданд.

Ҳатто Ҳуат Хани пире, ки ба онҳо хона дода буд, бо чашмони нобовар нигоҳ карда мешуд. Аммо Ҳуат Хан бой ва боқудрат ва чун як худои бад ганда буд, ва ин тавр ӯ ба ғайбатҳо қӯш нашуда, пули иҷора чун ҳарвақта мегирифт.

Дар торикӣ одамон бисёр вақт барои гӯш кардан ба пеши девхона мерафтанд.

Аз хона овозҳои бегона мебаромаданд. Овозҳо сурудҳои бегона мехонданд – калимаҳои бегона, лекин ба хитоӣ:
(Шеър аз Хазинаи Дил?)

Дар даруни хона миссионер болои болишт дар замин мешишт ва бо ..... сурудхонии ҳарду «Мем»ро якҷоя мекард.

Чӣ хел аҷоиб ин сурудҳои бегона ва маънои нофаҳмоаш барои гӯшҳои ҳамон одамон буданд, ки гӯш мекарданд.

«Ин ҷодугарӣ аст», пичиррос зад касе дар торикӣ.

«Онҳо худоёни худро фарёд мекунанд», андешид дигаре.

«Дере нагузашта яке аз фарзандонам мемурад», сеюмаш гуфт.

«Зани ман кӯдак интизор аст – аниқ ӯ фақат духтари бефоида мешавад!», чорумаш оҳ кашид.

Агар ин хона тирезаҳои шишагин медошт, дар ин шаб онҳо шикаста мешуданд. Вале ин сӯроғиҳои борик дар деволу бом ҳамааш бе шиша буданд.

Рӯзона миссионер ва ҳамравонаҳояш бисёр кор мекарданд. Ду аробакашони камбағал; ки дар дигар ҷо кор наёфтанд вая ин хел бечораю гушна буданд, ки бо ҳар кор розӣ буданд, ба онҳо ёрӣ мерасонданд.

Дар масофаи на он қадар дур аз девхона як қисм замин мехобид. Пештар дар он ҷо хона меистод. Ҳозир он сӯхта буд. Штудд бо воситаи деволҳои истода онро боз месохт. Ӯ калисои якумашро сохта истода буд.

Кори душвор буд, ки хеле оҳиста давом мекард. Одамон ҳайрон мешуданд ва дар бораи ин хона ҳаргуна овозаҳо мебароварданд.

«Ин хонаи бузург барои шайтонҳои бегона мешавад! Лекин онҳо боя хеле бой бошанд!», меандешиданд онҳо.

Агар инро миссионерҳо мешуниданд, онҳо аниқ табассум мекарданд.

Ҳа, дар Англия Чарлс Штудд одами бой буданд метавонист. Аллакай бо бисту панҷсолагияш ӯ мероси падарашро гирифт.

Аммо дар зодрӯзи бисту панҷсолагияш ӯ чун миссионери ҷавон дар шаҳри хитоии Чунг-кин буд. Ҳангоме ки дар ин рӯз ӯ дар китоби Муқаддас мехонд, ӯ ба он ҷо расид, ки Худо бо ин бачаи бой гап мезананд. Ва ҳамон тавре ки Худо он вақт бо бачаи бой гап зада буд, акнун ӯ ҳозир бо Чарлс Штудд гап мезанад.

«Ҳама чизро, ки дорӣ фурӯ, ба камбағалон бидеҳ. Биё – салибатро бардор ва аз пушти ман биё!»

Миссионери ҷавон мумкин фикр кардан метавонист, ки миссионери бой қиматбаҳотар аз миссионере мебошад, ки пул намедошт. Лекин ин марди ҷавон бояд ҳамон чизро исбот кунад, ки пеш ва баъд аз ӯ бисёр пайравонаш карда буданд – ки фармонҳои Худо аниқ иҷро кардан ва Худо ба онҳое, ки аз пушташ ҳастанд, ваъдаашро намешиканад.

Ин тавр миссионери ҷавон ҳамаи чизи доштагияшро мефурӯшад ва бо ҳамроҳии занаш ба ин ҷои камбағали Хитой меояд, худаш қариб ҳамин хел камбағал мисли хитоиҳои камбағалтарин, ки ӯ бо онҳо мушоракат мехоҳад.

Онҳо бо ҳамдигар хонаи зиддинашъа, ки баъди калисо сохта бояд мешуд, маслиҳат мекарданд. Чӣ хел бисёр онҳо дар шаҳр нашъамандҳоро диданд, мардони сиҳату саломат, ки ба нашъамандӣ дучор мешуданд. Бисёр мардони сиҳат қуввати худашро гум мекарданд ва девона мешуданд.

«Агар мо ба ин одамони бечораи девона ёрдам кардан метавонистем», гуфт зани Штудд.

«Ин фақат ҳамон гоҳ шудан метавонад, вақте онҳоро ба хонаамон даъват кунем. Худо моро тарк нахоҳад кард, ӯ ба мо роҳро нишон медиҳад. Бо ёрии ӯ

мо на танҳо баданҳоро, балки низ ҷонҳоро наҷот медиҳем», гуфт миссионер ва хандид, азбаски ӯ аз ҳамаи фикрҳое, ки Худо дар Хитой нақша карда буд. Ӯ сад фоиз дилпур буд, ки Худо аллакай кор мекунад.

Дар берун меҳмонҳои шабона гӯш меандохтанд.

«Хандаашонро гӯш кунед – ҷодуяшон шуд».

«Биёед, аз ин ҷо равем, андешид як тарсончак – ин ҷо хатарнок аст!»

Одамони миссионер акнун якчанд шинос доштанд, албатта онҳоро дӯст ҳоло номидан намешуд. Ана мӯзадӯз буд, ки гоҳ-гоҳ меомад ва барои пойафзол мепурсид. Баъд ӯ бо кораш дар пеши дар мешишт ва розӣ буд, ки миссионер ба ӯ гап мезад.

Чизе ки Он-Он, мӯзадӯз, мешунид, ба дигарон нақл мекард.

Ана боз як бачаи майда буд, ки дар наздикиҳо мегашт ва ба кори сохтмонро тамошо мекард. Ӯ сангчаҳои майда намепартофт ва гапҳои безеб намегуфт. Номи ӯ Синн Тек буд – лекин ӯ наздиктар ба хонаи миссионерҳо нарафт, зеро нахост, ки онҳо ӯро чун писаре, ки бо апааш ба девхона меҳмонӣ омада буд, шиносанд.

Дар ҳама ҷо ин хел бисёр овозаҳо буданд, ки Синн Тек ҷуръат надошт, худро нишон диҳад. Агар одамон мефаҳмиданд, ки вай ба он ҷо мерафт, падараш ӯро мезанад.

Ҳам зани фурӯшанда баъзе вақт меомад, то кӯрпачаҳояшро фурӯшанд. Ва моднаю пир буд ва як ҷо нишастан ва як пиёла чой нӯшидан, хурсанд мешуд. Ӯ ҳам гӯш мекард, агар «мем» ҳикояҳои наҷотдиҳандаро, ки одамонро ин хел дӯст медошт ва барои онҳо мурд, нақл мекард.

Ин тавр якто ӯ дигаре буд – лекин одамони девхона бояд эҳтиёт кунанд. Онҳо бояд тоқат дошта бошанд. Вале онҳо умедашонро гум намекарданд.

Яде дар хона ин хел бисёр кор дошт, ки то ҳозир вақт барои девхона рафтан наёфт. Ӯ хоҳару додарҳояшро, ки ҳам касал шуда буданд, нигоҳбин мекард. Ҳам Си-ҳианг беқуввату суст буд. Аммо бисёртар тарс буд, ки ӯро ин хел беҷон мекард.

Агар ин писаре, ки ӯ интизор буд, ҳам мемурад - ?, гоҳ-гоҳ Си-ҳианг аз худ шабона мепурсид, вақте ӯ аз хобаш мехест, лекин ӯ ҷуръат надошт фикр кунад, ки дар ин ҳолат чӣ рӯй хоҳад дод.

Яде ва Си-ҳианг дугонаҳои хуб шуданд. Онҳо як роз доштанд-ку. Онҳо бисёр вақт дар бораи одамони девхона гуфтугӯ мекарданд  ва дар вақти танҳоӣ онҳо

онҳоро «Пайравони Масеҳ» меномиданд. Си-ҳианг гуфт, ки ин номи дуруcташон ҳаст.

Рӯзҳо гузаштанд, ва Си-ҳианг фамгинтар шуд. Агар ӯ ин хел суст намебуд, модари Синн Ҳап ӯро ба маъбади шаҳр барои дуо ва қурбонӣ овардан мефурсонд. Чизе бо ҷони Си-ҳианг нодуруст шуд – ӯ ҳатто ба бути хона дуо кардан намехост.

«Ҳеҷ фоида надорад, - ӯ ба Яде гуфт, ба ягона касе, ки ҳуқуқ дошт бо ӯ гап занад. - Ҳеҷ фоидае нест. Ман пештар ҳам дуо мекардам. Ҳа, ман дуо мекардам, қурбонӣ меовардам, хушбӯйиҳоро месӯзондам – ва бутҳо ба ман чӣ доданд? Якто – ду – ҳатто се писарони мурда!»

Дар ин лаҳза дар каллаи Яде як фикре омад. Як фикри хатарноки даҳшатнок – чӣ, агар ӯ ба Худои «шайтонҳои бегона», ба пайравони Масеҳ дуо мекард? Ба ҳамон Худое, ки писарашро барои гуноҳкорон фурсонд, то ӯ барои онҳо мурад? Лекин ҳатто ба Си-ҳианг ин фикрро гуфтан ҷуръат надошт.

Дар ин вақт дар тамоми давлат хушкӣ буд.

«Охир ман нагуфтам, ки ин шайтонҳои бегона фақат лаънат меоранд?» Ин тавр падари мӯҳтарам дар оила гуфтан метавонист, агар ӯ бегоҳ аз кор меомад. «Ҳозир дарё хушк мешавад, ва борон нахоҳад борид. Чӣ тавр баъд биринҷе, ки моро сер мекунад, калон шудан тавонад?»

Ҳеҷ кас ҷавоб намедонист. Синн Тек лекин як рӯз ҷуръат кард, ба падараш як савол диҳад.

«Падари мӯҳтарамамон, ин шайтонҳои бегона ҳақиқатан ин хел бузург будан метавонанд?», пурсид ӯ.

«Писарам, бадӣ фақат бузург аст», ҷавоб дод падар ҳамон хеле, ки ӯ фаҳмидан метавонист.

Ин тавр одамон ғазабноктар шуданд. Дар ҳама ҷо миссионерҳо бо чашмони бад нигоҳ карда мешуданд.

Штудд боз дигар мушкилиҳо дошт. Занаш касал буд ва дар ягон ҷо духтур барои касалиҳои сафедпӯст ёфта намешуд.

«Хайр, мо Исои Масеҳ чун духтур дорем, - кӯшиш мекар занаш Штуддро ором кунад. – Ӯ ҳам касалиҳоро сиҳат намекард?»

Яке аз саҳариҳо модари мӯҳтарам Синн Текро бо як вазифа ба шаҳр фиристод. Хеле боҳаяҷон ӯ ба хона баргашт. Ӯ чизи даҳшатноке фаҳмид.

# ЯК «ХУДО» МЕГУЗАРАД

Хушкӣ аллакай ин қадар дароз давом мекард, ки ҳосили биринҷ дар хатар буд. Бе об биринҷ калон шудан наметавонист – ва чӣ тавр одамон зиндагӣ кардан метавонанд, агар хӯрок надошта бошанд?

«Ин кори онҳо шуд! Айби онҳо ҳаст! Шайтонҳои бегона барои хушкӣ ҷавобгаранд!» Ин буд, ки дар тамоми шаҳр шунидан мешуд. Овозҳо боғазабтар шуданд, ва ҳаёти миссионерҳо дар девхона ҳақиқатан дар хатар буд. Кӣ донистан метавонист, ки ин ҷамъомади боғазаб чӣ мекунад, агар касе инро манъ накунад?

Дар даруни девхона «мем» бо чашмони аҷоиби кабуд хомӯшона хоб мерафт. Чун Си-ҳианг ӯ ҳам соатро интизор буд, ки кӯдакашро таваллуд мекунад. Лекин вай тарсро нашинохт. Агар ҳам баданаш сусту касал бошад – ҷони ӯ сиҳату боқувват буд.

Ҳоло ҳам борон наборид. Ин тавр халқ қарор кард, ки як чиз барои наҷот додани ҳосил кунад.

Дар як ҷо, тақрибан ду рӯзона дур, як худо дар маъбад саҷда карда мешуд, ки хеле боқудрат бояд мебуд. Бути ӯ даҳшатнок ва безеб буд.

Бутҳо қариб ҳамавақт безебанд, ҳатто барои фаҳмиши зебоии одамон. Ин хеҳл метобад, ки онҳо бо бенамудии бут қудрати онро нишон додан мехоҳанд. «Худоён» бояд одамонро тарсонанд. Агар онҳо ҳам бо табассум нишон дода мешуданд, дар рӯяшон як чизи даҳшатноке ва бераҳмоне буд.

Ана ҳамин худо бояд қудрат барои борон овардан ва қудрати шайтонҳои бегонаро шикастанро дошта бошад.

Як гурӯҳ мардон ба ҳамон маъбад фиристода шуд, куҷое ки бут нигоҳ дошта мешуд. Онҳо худоро ба замини хушк бояд биёранд. Дар он ҷо ӯ бояд истад ва махсусан дар ҷое, куҷое ки офтоб аз ҳама сахт ба сари каллаш мезанад. Ин ӯро аниқ барои борон фиристодан маҷбур мекунад. Инро пайравони ин худо бовар мекарданд.

Дар пинҳонӣ онҳо умед мекарданд, ки бо ин баҳона ёбанд, то ба Штудд ё занаш зарар расонанд.

Дар он саҳаре, ки Синн Тек бо ҳаяҷон ба хона давид, дар тамоми шаҳр қоғазҳо бо «фармони ҳуқуқ» часпонда шуданд. Дар ҳамаи хонаҳо, ки ҳавлӣ доштанд, бояд соҳиби хона нигоҳ кунад, ки дарвозаи хона маҳкам монад ва дар пеши ҳар хона хушбӯйҳо сӯзонда шавад.

Вақте Штудд ин қоғазро хонд – ӯ зиракии онро фаҳмид.

Албатта ӯ дарвозаашро маҳкам мекунад, чун фармон дода мешуд, лекин ӯ хушбӯйҳо намесӯзонад.

Ин баҳонаи сардорони халқ буд, то ба хонаи миссионерҳо даромадан ва ба одамони он зарар расондан тавонанд.

Си-ҳианг нафас накашида хабари Синн-Текро гӯш кард. Вай ларзид, вақте ки ин амал зидди бегонаҳо шунид. Ана ҳамин вақт пеш аз таваллуд шудани кӯдакаш, ӯ зуд-зуд бегонаҳоро фикр мекард. Си-ҳианг ин қадар далер набуд.

Агар ин писар ҳам мурад? Агар яке – Си-ҳианг ҷуръат надошт ин фикрро то охир барад – ин кӯдак писар не, балки духтар шавад? Ин аз худоҳо хеле бераҳмона мебуд! Писари мурдаро таваллуд кардан аз як духтари зинда таваллуд кардан дида қариб як хел даҳшатнок аст. Кӣ медонад, ки он гоҳ чӣ рӯй медиҳад?

Си-ҳианг меандешид, ки аз хона пеш карда мешавад. Фақат худаш ӯ аз як ҷо ба дигар бояд гардад, бояд аз гушнагӣ мурад ё аз гургон, ки шабона мегаштанд, хӯрда шавад.

Си-ҳианг боз ларзид. Аз як тараф ӯ ин қадар зиндагиро начашид, лекин ҳаёт ба ӯ муҳим буд. Агар ҳам ӯ аллакай зану модар буд, ӯ хеле ҷавон буд.

Дар оромӣ ӯ фикр мекард, ки агар ин ҳодиса ҳақиқатан рӯй диҳад ва ӯ аз хона пеш карда шавад, ӯ мумкин ба пеши пайравони Масеҳ хоҳад рафт. Онҳо як даст биринҷ ва як пиёла чой бақия доштагистанд, мумкин як ҷой дар анборашон барои вай медиҳанд, то як одами бехонаи бечора каме паноҳ ёфтан тавонад.

«Мумкин ман барои онҳо кор кардан метавонам! – Ин тавр фикрҳои Си-ҳианг мерафтанд. Агар шавҳараш ё оилааш инро медонистанд! – Ман хуб кор кардан метавонам, - ӯ ба худ мегуфт ва бо ин худро ҷасур мекард.

Мумкин баъд ӯ дар бораи ин Худои меҳрубон мефаҳмад! Худое, ки писари худашро барои одамон медиҳад, Худои меҳрубон аст. Си-ҳианг меандешид, ки одамҳое, ки ба ин Худо бовар мекунанд, ҳам одамони меҳрубон бояд бошанд.

Баъдтар Си-ҳианг бо Яде дар бораи гапҳои Синн-Тек гап зад.

Яде ғамгин буд, зеро медонист, ки халқ бегонаҳоро дӯст намедошт ва овардани бут ва фармони сӯзондани хушбӯйҳо фақат як қисми нақша буд, то бегонаҳоро нобуд сохтан ё ақаллан пеш кардан буд.

Баъд мисли як шӯълаи офтоб дар каллаи Си-ҳианг фикр пайдо шуд.

«Худои онҳо вайҳоро паноҳ мекунад», гуфт ӯ.

Яде ӯро ҳайрон нигоҳ кард.

«Лекин онҳо барои худои худ бут надоранд, - меандешид ӯ. – Чӣ хел одамон ба як худо бовар кардан метавонанд, агар онҳо ӯро дидан наметавонанд?»

«Онҳо бутҳо надоранд, - фаҳмонд Си-ҳианг. – Ин тарз ба ман зани хӯҷҷаинам гуфта буд, ки пештар барои сафедпӯстон кор мекард. Худои онҳо доим дар назди онҳоянд, агар онҳо ӯро дидан ҳам натавонанд. Зани хӯҷаинам мегуфт: Мисли як мурғе, ки чӯҷаҳояшро нигоҳ мекунад, Худо бо пайравони худ мекунад. Ӯ ба онҳо паноҳ медиҳад, то ҳамаи хатар гузарад».

«Оҳ, хоҳари азизам, - гуфт Яде, - чӣ хел худро бояд хуб ҳис кунӣ».

Ва Си-ҳианги тарсончак бо ин фикр худро мебардошт. Ҳамон шабе, ки ӯ танҳо буд, ӯ пичиррос зада гуфт: «Худои пайравони Масеҳ, халқи худатро паноҳ деҳ!»

Рӯзи дигар миссионер ва зани касалаш танҳо дар хона мешиштанд. Хонум Бурроф бо онҳо набуд; ӯ барои якчанд вақт ба сафар рафта буд.

Яке аз дурӣ таблакзаниро шунидан мешуд, ва боз якчанд овозҳои асбобҳои мусиқии хитоӣ мешуниданд. Ин маъно дошт, ки протсесс бо ин роҳ ба шаҳр даромадан мехост.

Фурӯшандаи пир ба ҳавлӣ давида даромад, ва бо ӯ якчанд аробакаше, ки дар сохмон калисо ёрдам медоданд, даромаданд.

«Гурезед – гурезед! Онҳо хатарноканд!», дод задан онҳо.

Штудд ором буд. Ӯ ин гурӯҳи боҳаяҷон ба дарвоза бурд.

«Ман мехоҳам, ки шумо ба хона баргардед, дӯстонам; ин барои шумо беҳтар аст. Бо мо ҳеҷ чиз намешавад, азбаски мо дар дасти Хуо ҳастем».

Оҳиста онҳо рафтанд. Штудд дарвозаро маҳкам кард ва ба пеши занаш баргашт.

Онҳо хӯрок хӯрданд ва интизор шуданд. Штудд асбоби мусқияшро гирифт ва онҳо суруд хонданд. Лекин овозҳо аллакай аз овозҳои халқи омада истода дигар шунидан намешуд.

«Акнун онҳо хеле наздиканд, Чарлз», гуфт зани Штудд ва шавҳарашро бо чашмони саволдиҳанда нигоҳ кард.

Ӯ ба дари хона рафт; дар ҳамин лаҳза як жола аз сангу шиша ба даруни ҳавлӣ борид. Деволи ҳавлӣ баланд набуд. Штудд ба нӯги пойҳояш истод ва акнун дидан тавонист, ки дар берун чӣ рӯй дода истодааст.

Баъд ӯ боз ба пеши занаш баргашт.

«Онҳо бутро аз пеши хонаамон мебаранд, - ва овозаш меларзид, вақте ки ӯ мегӯяд: - Маҳбубам, онҳо калисоро вайрон карда истодаанд». Ин боз даҳшатноктар буд, аз он хатаре дида, ки онҳо ҳозир буданд. Ин қадар муҳаббат ва кӯшиш ӯ барои сохтмони ин калисо сарф карда буд. Калисои якум дар ин бехудоӣ!

Овозҳо баландтар шудан гирифтанд. Ғазаби халқ дигар ҳад надошт.

Яке ба миссионер як фикр расид.

«Ман туро ба ҳавлӣ бурдан мехоҳам, зеро мумкин онҳо хонаро сӯзондан мехоҳанд. Баъд ман аз деволи пушт баромада, мебинам, ки мандаринро ёфтан тавонам». Мандарин довари хитоӣ дар шаҳр буд.

Зани миссионер гуфтан метавонист: «Нарав! – Маро танҳо намон!» Ӯ инро накард. Ӯ медонист, ки ӯ ҳеҷ вақт танҳо намешавад, ҳам агар халқ шавҳарашро дошта кушад.

Масеҳӣ ҳеҷ вақт танҳо нест. Ҳамавақт – бешакл, лекин ҳис кардан мешуд – Масеҳ бо онҳо ва онҳоро паноҳ медод.

Штудд аз деволи пушти девхона баромад. Пештар барои ӯ ин девол фақат пасти бад буд, барои он ки барои бачаҳои ҷавоне, ки тухмҳояшро медуздиданд, аз он баромадан осон буд. Акнун ӯ хурсанд буд, ки худаш ин хел тез аз он гузаштан метавонист.

Шаҳр мурда буд. Касе ки дар ин одамтӯда набуд, дар пушти дарҳои маҳкам мешишт. Дар берун дар пеши дарвозаҳо косаҳо меистоданд, ки дар он хушбӯйҳо месӯхтанд. Ҳаво пур аз ин бӯи ширин буд.

Ҳеҷ кас он миссионерро дид, ки либоси хитоиро ба даст гирифта ба шаҳр давида, роҳ ба сӯи хонаи мандаринро пеш гирифт.

## ЁРӢ МЕОЯД

Як хизматгори бисёр боҳурмат дари мандаринро кушод. Штудд доварро пурсид ва фаҳмид, ки ҳама мандаринҳо аз шаҳр берун рафтанд.

Миссионер ба хизматгор раҳмат гуфт ва ба роҳҳои хомӯш баргашт. Ӯ сабаби нопадид гаштани доваронро медонист ва ҳам донист, ки онҳо барои якчанд рӯз пайдо намешаванд. Ин ҳикояи қадиме буд, ки боз ва боз такрор мешуд. Агар халқ ғазабнок мешуд, доварон аз онҳо метарсиданд.

Боз як каси дигар дар кӯчаҳои ором мегашт. Мумкин ӯ аз Худо фурсонда шуд, гарачанде ки ӯ инро намедонист.

Ӯро одамон муаллим меномиданд, барои он ки ӯ ин қадар пир ва хирадманд буд ва дар бисёр ҳолатҳо насиҳат додан метавонист. Ҳар кас ӯро эҳтиром мекард.

Штудд аллакай кимкай бо ӯ шинос шудан мехост. Ва ҳам муаллим бо Штудд наздиктар шинос шудан мехост. Дар бораи илму дониши одамон аз мамлакатҳои бегона ӯ аллакай шунида буд. Акнун ӯ худаш мехост бо ин бегона гап занад.

Лекин муаллим бояд эҳтиёт кунад, азбаски ӯ хеле хуб медонист, ки халқ бо вохӯрияш бо бегона розӣ намешаванд.  Ва агар ноором̄ мешавад, овози ӯ дар халқ дигар шунида намешавад.

Муаллим зиқу ғамгин буд, вақте ки ӯ ин хабарҳоро дар варақҳои дар шаҳр часпондаро хонд.

Беэҳтиром ва беақл халқ буд. Ин бегона аз ин сабаб қурбонӣ карда шавад?

Чизе ки муаллим фаҳмидан наметавонист, ин ин буд, ки барои чӣ он миссионере, ки дар мамлакати худаш бой буд, ба ин кунҷи охирини Хитоӣ омад.

«Дар шаҳрҳои калони мо ӯ мумкин дӯстон меёфт, - фикр мекард муаллим. – Вале ин ҷо одамон беақл – нодаркор».

Албатта, ин хитоии пир донистан натавонист, ки барои Чарлз Штудд ягон зани ё марди нодаркор дар дунёи Худо мавҷуд набуд.

Дар фикрҳои худ муаллим қарор кард, ки ӯ ҳамаашро барои наҷот ёфтани миссионер мекунад – ҳамон қадаре, ки ӯ қудрат дошт.

Чарлз Штудд боз ба девхона расида, ба болои девор баромад. Ӯ занашро дар он ҷое, ки ӯро тарк карда буд, ёфт. Вай ӯро бо як табассуми хуш салом гуфт.

«Онҳо додувои даҳшатноке карданд. Онҳо дод заданд ва таблак заданд, - ба ӯ нақл кард. – Ҳа, якчанд хишт аз берун ба ҳавлӣ партофтанд. – Вай боз табассум кард ва бо дасташ линҷашро сила кард, ки каме аз он хун мерехт. – Охир, гӯш кун, Чарлз – акнун дар берун хомӯшии том».

«Оромии нофорам», фикр кард миссионер. Лекин ӯ хато кард.

Муаллим аз шаҳр омада буд ва ба назди одамони боғазаб расид. Одамон ором шуданд ва ба ӯ ҷо доданд. Ҳар кас ӯро дӯст медошт ва ӯро ҳурмат мекард ва дар асл онҳо ба ӯ гӯш мекарданд.

Муаллим ба роҳбарони шӯриш гап зад. «Шумо чӣ мекунед?» пурсид ӯ аз онҳо.

Ин барои фаҳмондан ин қада осон набуд, ва ҳангоме ки одамон як ҷавобро ҷустанд, ӯ гап заданро давом дод.

«Вақте ки шумо ин ҷо вақтро сарф мекунед, рӯз тамом мешавад. Агар шумо бо худо гаштанро давом надиҳед, офтоб ба сараш намезанад ва ӯ ба шумо тамоман ёрдам намедиҳад. Ӯро ба як ҷои беҳтар баред, баъд ҳангоми баргаштан боз аз пеши ин ҷо гузаштан метавонед».

Тамоман боодоб онҳо худоро гирифта роҳро давом доданд.

Муаллим аз пушташтон нигоҳ кард. Ӯ як лаҳза фикр кард, ки ба девхона равад ва бо миссионерҳо гап занад. Мумкин ӯ ба онҳо дар хонаи худ паноҳ додан метавонист – азбаски мумкин халқ боз бармегардад ва нақшае, ки доштанд ба охир мерасонанд.

Лекин не, муаллим фаҳмид, ки бегонаҳоро ба хонааш овардан доно нест. Ӯ баргашт ва бо роҳи дигар ба шаҳр рафт.

Одамон рафтан гирифтанд. Як андешаи дигар роҳбарони шӯришро ба фикр даровარданд.

Онҳо барои худо бояд пул месупориданд. Ин бутро аз шаҳр барои иҷора гирифтан, ҳақиқатан қимат буд. Пулро онҳо аз кимӣкуҷо бояд меёфтанд.

Лекин онҳо фикр накарданд, ки ба хонаи миссионерҳо ҳамла карда, чизҳояшонро дузданд. Ин ҳам ин қадар фоида намедошт. Одамон ба девхона барнагаштанд. Онҳо ба як қисми шаҳр рафтан, куҷое ки бойҳо зиндагӣ мекарданд.

Дар ин шаб халқ дуздиданд, оташ заданд ва гирифтанд, куҷое ки онҳо чизе ёфтан умед доштанд. Пул барои худо бояд ёфта мешуд, агар ҳам ӯ бефоида омад.

ТАнҳо баъди якчанд рӯз одамон боз ором шуданд. Миссионер нотарсида боз аз пушти кораш рафт. Ӯ калисоро аз нав сохтанро сар кард. Ӯ ба онҳое гап мезад, ки ба ӯ ёрӣ мерасонданд, ва ба одамҳое, ки аз хонааш мегузаштанд ва ба ӯ аз кунҷковӣ гӯш мекарданд.

Ҳоли зани Штудд каме беҳтар шуд, ва хонум Бурроф бо як «мем»-и дигар ба девхона баргаштанд.

Баъд ба Штудд фикре омад, ки худашон як  сафар дар шаҳр гузаронидан метавонанд.

Сафари хандаовар буд, ин чор «шайтонҳои бегона» ва аз пушташон якчандто хитоиҳо, ки дар тарафи онҳо буданд. Штудд аз пеш мерафт ва бо асбоби мусиқияш бозӣ мекард. Дигарон сурудҳои масеҳӣ бо забони хитоӣ мехонданд.

Мусиқӣ, ва агар ҳам бенамуд бошад ҳам, одамонро ҷалб мекунад. Ин тавр як одамтӯдае гирди ин гурӯҳи хурде ҷамъ шуд. Кӣ охир дар он ҷо будан намехост, куҷое ки мусиқӣ буд, куҷое ки ҳикоя нақл карда мешуд – ва Штудд нақли хеле аҷоиб дошт: ҳикояти Исои МАсеҳ ва дар бораи муҳаббати наҷотбахши ӯ, як ҳикоя пур аз имон ва умед. Ӯ ба ҳамаи онҳое нақл мекард, ки аз зиндагии кӯҳнаашон монда буданд, барои он ки он беумед ва бемуҳаббат буд.

Миссионерҳо ягон «худо»-ро бо худ намебурданд, аммо овози Худои зинда дар калимаи миссионер шунида мешуд, ва хабари ӯ дар чашмони миссионер медурахшид.

Ҳар рӯз онҳо ин хел «сафарҳо»-ро мекарданд. Яде ҳамон қадаре ки метавонист, аз хона гурехт ва бо Синн Тек аз одамтӯда мегузашт. Ӯ мехост, ки ба бегонаҳо наздиктар шавад, то ки чашмони кабуди «мем»-ро дида тавонад, лекин тӯда калони бад буд.

Ҳам падари мӯҳтарам ин одамтӯдаро дида буд. Ӯ боғазаб буд.

Як рӯз – рӯзи якшанбе, лекин кӯдакони хитоӣ дар хонаи Яде дар бораи якшанбе чӣ медонистанд – Синн Так ба хона навгарӣ овард. Калисо дар пеши калисо тамом шуд. Вонг Сунги пир, як марди нимкӯр, аз пешаш мешишт ва ба таблак мезад. Бисёр одамон аллакай ба он ҷо даромаданд.

«Онҳо ҳамон овози аҷоиб мекунанд, ки онҳо суруд хондан меноманд», гуфт Синн Тек, ки дар саҳар дар наздикӣ буд ва ҳамаашро нигоҳ кард.

«Ман ба дарун нигоҳ кардам. Туан дар асбоби чӯбини аҷоибаш бозӣ мекунад, Ҳама суруд мехонданд, ҳам хитоиҳо, ки дар он ҷо буданд, ва Туан ба касе гап зад, ки онҳо дидан наметавонанд».

Си-ҳианг ҳам гӯш кард ва фикр кард: «Аҳ ин худояшон ҳаст, ки ба ӯ ӯ гап зад. Онҳо ӯро дидан наметавонанд, лекин Ӯ вуҷуд дорад». Як умед дар фикрҳои Си-ҳианг пайдо шуд. Ин МАсеҳ-хабаррасонон вуҷуд доштанд. Онҳо аниқ паноҳ доштанд. Агар, мумкин даркор мешуд, ӯ дар он ҷо гурехтан метавонист. Оҳ, кошки худои онҳо ба ӯ як писарча медод! Ин тавр Си-ҳианг дар каташ хоб буд ва интизор мешуд. Вай интизор мешуд ва писарро умед дошт.

Синн Ҳап баъзе вақт ба пешаш барои ӯро дидан меомад, лекин вай ӯро фақат бо чашмони тарсон нигоҳ мекард. Си-ҳианг аз ӯ ҳамавақт метарсид, ҳам он вақтҳое, ки ӯ ӯро дӯст медошт, пеш аз оне ки ӯ писаронашро гум карда буд.

Лекин Синн Ҳап хурсанд буд. Ӯ як галла пул барои худо супорид, бисёртар пул, ки ӯ дар асл дошт, то ин худо ба ӯ писар ҳадя кунад. Акнун ӯ дилпур буд, ки худо ба ӯ ёрдам медиҳад.

Дар рӯзҳои дигар модари мӯҳтарам сар кард, барои писари умеддоштаашон ҳамаи тайёриро бинад. Ӯ ягон ёрии бегонаро қабул накард ва ҳамаи корҳое, ки лозим буданд, худаш кардан хост. Он ҷо боз се холаҳои мӯҳтарам зиндагӣ мекарданд, ва ҳам Яде ёрдам додан метавонистанд.

Бисёр бӯйҳои хуш тайёр карда мешуд, ва дар кунҷе, куҷое ки худо меистод, тоза карда мешуд.

Баъд аз соатҳои торик, пур аз тарс ва дард, дар саршавии бегоҳ, Си-ҳианг рӯи беқувваташро боз ба зиндагӣ гардонд – вай як додро шунид.

Гиряи кӯдак буд, овози боқуввати кӯдаки зиндаи сиҳат.

Чашмони Си-ҳианг дурахшиданд, аммо ӯ сусти бад буд, то аз йояш хестан тавонад. Ҳозиракак ҳоло бисёр занон дар ҳуҷра буданд; акнун ҳама нест шуданд. Яке Яде ба ҳуҷра оҳиста даромад, ин хел ором, ки гӯё ӯ ҳам сояе буд.

«Писарам! – Хоҳари азизам – писарамро деҳ!»

Овози Си-ҳианг фақат як нафас буд, лекин Яде ӯро фаҳмид. Ӯ тифли гирякунонро, ки дигарон дар шаб партофта буданд, аз замин бардошт ва ба назди кат овард. Ашкҳо аз линҷҳои Ядеи хуб мерехтанд.

«Си-ҳианг», ӯ оҳиста пичиррос зад. - «Оҳ, Си-ҳианг! – духтар аст, бача не. Ва дар рӯяш як нишони рӯҳи ганда аст».

Вақте ки ӯ кӯдакро ба Си-ҳианг дод, як нури охири офтоб аз тиреза ба ҳуҷраи торик даромад ва рӯи кӯдакро нишон дод.

Аз линҷаш гузашта як доғи безеби сурх мегузашт, як нор. Лекин барои хитоиҳои бедониш ин як маънои даҳшатнок дошт.

Мӯъҷиза не, ки ҳама занон гурехтанд!

Ҳам Си-ҳианг тарсид. Вале вақте ки кӯдак гиря карданро сар кард, дар дили Си-ҳианг ҳиси модар буданаш пайдо шуд.

«Ба ман ӯро деҳ!», яке ӯ гуфт, ва ҳангоме ки кӯдак дар бағалаш хобид, ӯ ӯро сахт дошта бо овози ором ӯро ором кардан хост.

Яде модарашро фарёд кардан шунид ва оҳиста аз ҳуҷра баромад.

Қариб ки як соат Си-ҳианг чун модар хушбахт буд. Ӯ аз ин тамоман фаромӯш кард, ки дар ин дунё духтарон ҷо надоштанд. Агар писаронаш зинда мемонданд, ҳшавҳараш мумкин мегузошшт, ки ҳамин духтареро, ки дар наздаш гарм ва аз поёни дилаш мехобид, калон мекард.

Си-ҳианг беқувват. Ба ӯ хӯроку қувват даркор буд. Лекин кӣ ба зане, ки духтарро таваллуд кард, хӯрок овардан мехост? Ҳатто Яде ба ин фикр накард.

Бо кӯдак дар бағалаш Си-ҳианг ба хоби чуқур афтид.

Баъди якчанд соат ӯ боз хест. Саҳар буд. Яде дар пеши каташ меистод. Меҳрубонӣ ва мумкин ҳам кунҷковӣ ӯро маҷбур кард, ба назди ин модари ҷавон равад. Ӯ як пиёла бо чойи гарм овард ва бо нигоҳи аҷоиб ба зани бародараш нигоҳ кард.

Си-ҳианг ба ӯ аҳамият надод, чойро ҳам надид, ки ин қадар мехост. Ӯ чизеро дар кат мекофт, дар поёни кӯрпаҳо.

«Кӯдакам! Кӯдакам канӣ? Ман дар вақти хоб рафтанам ӯро дар наздам доштам».

«Онҳо ӯро гирифтанд», бефикр ҷавоб дод Яде.

«Ба куҷо? – ба дарё? – Оҳ не, не, ба даруни дарё не -!»

«Не, ба дарё не -»

«Лекин баъд ба куҷо? – Оҳ, илтимос ба ман гӯй!»

Яде ба поян хам шуда, ба гӯшаш пичиррос зад, ки бо духтараки майда чӣ рӯй дод.

Си-ҳианг ба каташ афтида чашмонашро маҳкам кард.

## ГИРЯ ДАР ШАБ

Аз он рӯзе, ки одамон аз девхона гузашта буданд, аҳамияти мардум ба миссионерон боз бисёртар шуд.

Дар шаҳр ҳоло ҳам бисёр одамон буданд, ки шайтонҳои бегонаро масхара мекарданд ва барои ҳар як нохушӣ айбдор мекарданд. Касалӣ, ки сабабаш бисёр вақт чиркинӣ ё нодонӣ буд, ҳар як нохушии хурдтарин, ки дар ин ҷо рӯй медод, бо будани бегонаҳо вобаста карда мешуд. Чизе, ки пештар қасду қаҳри ягон худо дида мешуд, айби бегонаҳо мешуд.

Аз тарафи дигар як қисми хурди аҳолӣ миссионерҳоро ҳурмат мекарданд. Ана якчанд одамони донишманд мисли муаллим, ва ҳам аз ҳама камбағалтарини халқ буданд.

Муаллим чун роҳбари донишмандон буд. Ӯ фаҳмид, ки миссионерҳо барои халқ фақат нағзӣ мехоҳанд. Гоҳ-гоҳ ӯ бо дӯстонаш дар бораи онҳо гуфутгӯ мекард.

«Агар онҳо зада шаванд, онҳо намезананд. Агар масхара карда мешаванд, онҳо бо як табассум ва калимаҳои меҳрубон ҷавоб медиҳанд. Онҳо бегона ҳастанд, ин аниқ аст – лекин шайтонҳо нестанд -»

Ин фикри ӯ буд. Ва азбаски ӯро одамон хеле ҳурмат мекарданд, бисёр одамон ба фикри ӯ гӯш мекарданд.

Одамони камбағал ва нодон, ҳамононе, ки Исои Масеҳ чун «кӯдакон» медид, онҳо бегонаҳоро ҳам бо дигар чашмон медиданд. Онҳо фаҳмиданд, ки онҳо меҳрубону пурфайз буданд.

Онҳо камбағал буданд, ин миссионерҳо, лекин ба ин нигоҳ накарда, ҳамавақт розӣ буданд, ба он касон, ки аз онҳо камбағалтар буданд, нӯшокӣ диҳанд, ҳангоме ки онҳо ташна буданд, хӯрок диҳанд, ҳангоме ки онҳо гушна буданд. Ягон гадо аз пеши хонаашон дур карда намешуд ва ҳатто одамони вабодор пеш карда намешуданд ё бо сангҳо аз девхона сур карда нашуданд.

Ва, чизи аҷоиб рӯй дод: Худояшон ҳақиқатан бисёр боқудрат бояд бошад. Ӯ ба онҳо меҳрубонии худро нишон дод. Ӯ ба онҳо паноҳ дод. Нодида, лекин ҳамавақт дар он ҷо, ӯ онҳоро паноҳ медод.

Ҳамавақт якчанд одамон ба калисо мерафтанд, ва баъзеашон аллакай бисёртар шунидан хостанд. Ба наздикӣ миссионерҳо хостанд, масеҳиҳои аввалинро ғӯта диҳанд. Дили миссионерҳо пур аз шукр ба Худое буд, ки хизмати онҳоро баракат медод.

Рӯзи бузург буд, вақте ки якумин бор дар калисо мавъиза бо чароғи мӯъҷизакор гузаронида шуд.

Ба ин одамони бисёре, ки танг мешиштанд, ин чун мӯъҷиза менамуд. Аз ҳама пушти хона як бачаю як духтар мешиштанд, Синн Тек ва Яде. Онҳо аз ин чорабинӣ шуниданд, ва оҳиста аз хона гурехтанд. Онҳо ҳардуяшон донистанд, ки агар падару модари мӯҳтарам фаҳманд, ки онҳо дар ин хел ҷой буданд, онҳоро мазананд.

Онҳо бовар накарда ба ин деволи сафед нигоҳ карданд, куҷое ки суратҳо пайдо мешуданд. Ҳикояи зиндагии Масеҳ буд, ҳикояи аҷоиби зиндагияш, ки аз оғили бенамуд сар мешавад ва то кушта шудани Исои Масеҳ давом дорад. Ва баъд Штудд асбоби мусиқияшро гирифта, як суруди зебо񂀀ро мехонад:

Кӣ мисли ӯ моро дӯст дошт?
Ӯ ҳаст, ки бо бадану хун
Моро аз гуноҳҳоямон харид
Оҳ, ин хел тӯҳфаи калон!
Биёед, ба пешаш меравем,
Файз ва ҳаёт аз дасти ӯст!

Синн Тек дасташро дар торикӣ дароз карда, дасти апаашро ёфт.

«Хеле аҷоиб аст», пичиррос зад ӯ.

Хомӯшона онҳо ба хона баргаштанд.

Бисёр одамон он ҷо истоданд, то ки бо Штудд гап задан тавонанд. Чӣ хел калон Худо дарро кушод! Штудд нақшаи нав дошт: Ӯ кори миссионерияшро калонтар кардан хост.

Якчанд рӯз баъдтар Штудд бегоҳии дер ба шаҳр рафт. Ӯ бо марде гап задан хост, ки дар ҷамоати пешина омада буд. Онҳо дароз бо ҳамдигар гап заданд, ва хеле дер шуд, вақте ки Штудд боз ба хона баргашт.

Дар осмони ситораравшан ӯ дастҳояшро барои дуои пуршукр бардошт, ки Худо илтимоси ӯро ҳақиқатан шунид ва роҳро нишон дода буд.

Миссионер дар вақти хона баргаштанаш аз пеши пагода гузашт, ки дар пеши дарё меистод. Ӯ як лаҳза истод, то ки ин сохти аҷоиброро нигоҳ кунад. Чӣ хел зебо ин манора кандакорӣ карда шудааст. Чӣ хел безеб ин бутҳо ҳам бошанд, хонаҳои онҳо зеботар мешуданд. Ҳафт ошёна – ҳафт чун рақами хушбахт дида мешуд – пай дар пай сохта шуда буд. Дар ҳар як бом як зангулаи майдае часпонда шудааст. Як шамоли ороме онҳоро меҷунбонд ва овози пасте аз онҳо

мебароварd. Чӣ хел сохти зебо! Лекин бо ин ҳам, чӣ қадар тарс ва воҳима бо ин пагода пайваст карда шудааст!

Вақте ки миссионер ҳамин хел пагодаро нигоҳ мекард, ӯ яке як овозро шунид – як овози сусти ғамгин.

Ин чӣ буд? Штудд донист ки дар пагода як ҳуҷраи хурде ҷойгир буд. Ӯ зам шуда аз дар даромад.

Як бӯи ширин ба бинияш даромад. Ана – боз ин овози гирякунон! Аз овозаш маълум буд, ки ин кӯдаки хеле хурд буд.

Миссионер оҳиста ҷунбид, то ки нодуруст қадам назанад. Яке ӯ бо пойяш ба чизе расид. Ӯ хам шуд –

Аз як шикофии девол, ба замин наздик, равшании моҳ ба дарун медаромад ва Штудд дар берун оби ялтраси дарёро дидан метавонсит.

Баъд ӯ яке як хиш-хишро шунид. Равшанӣ торик шуд ва як овози дигар ба гӯшаш расид – фарёди як ҳайвони ваҳшӣ, ки гушна буд.

Штудд бо дасташ дар змин мекофт ва чизи гарми мулоим ламз кард.

Ӯ онр бардошт, ва дар ҳамин лаҳза як шӯълаи моҳтоб аз сӯрохии девол ба ҳуҷра даромад. Акнун ӯ дар нимторикии хона дидан тавонист, ки дар дасташ як кӯдаки лучи майда буд.

Акнун Штудд яке аз хизматҳои ин бино медонист. Он ҷо як шикофӣ буд, ҳамон қадар калон, то ки еин ҳайвони ваҳшӣ як кӯдакро бо худ бурдан метавонад.

Миссионер чизи ёфтаашро сахт ба ҷомааш печида, ҳамон қадар тезе ки тавонист ба девхона баргашт.

Занаш ва ин ду «мем»-е, ки ҳозир дар хонааш зиндагӣ мекарданд, ҳоло хеста буданд. Онҳо либосҳою парпечҳо барои кӯдаке, ки хонум Штудд бояд таваллуд кунад, фарқ не духтар ё писар бо хурсандӣ тайёр мекарданд.

«Скилла, - гуфт миссионер ба занаш, - Худо ба мо як тӯҳфаи аҷоибе дод, як кӯдаки хитоӣ».

«Албаттса мо ӯро қабул мекунем», гуфт хонум Штудд. Миссионер ба тарафи ӯ бо каллааш ҷунбонд.

Нинӣ оббозӣ бурданд, хӯрок доданд ва либосу парпеч пӯшониданд, ки барои хоҳараки англисии хурд дӯхта шуда буд. Ӯро дар гаҳвора хобонданд, гарм ва дар паноҳ – ба он қуттии чӯбин, ки барои кӯдаки англисӣ буд.

Агар др ин соат Си-ҳианг кӯдакашро дидан метавонист, ӯ пур аз шукр мебуд.

Яде ба пешаш омада буд ва дар бораи чароғи мӯъҷизаовар ва суратҳои зебо нақл карда буд ӣ лекин Си-ҳианг гӯш намекард.

Ӯ дар он ҷо мехобид, аз як рӯз ба дигараш. Вай барои хестан сусти бад ва худро касал ҳис мекард. Асосан ягон зани меҳрубонтар аз модари Си-ҳианг дигар кас набуд, лекин вай гумон мекард, ки келине, ки се писарони мурда таваллуд кард, ва ҳангоме ки кӯдакаш зинда монд, духтар шуд – ҳатто духтаре бо холе, ки нишони рӯҳи ганда дошт – ки ин хел келин ҷазо бояд гирад.

Модари мӯҳтарам худаш буд, ки кӯдакро ба пагода бурд. Ӯ инро зуд ба амал овард, то ҳеҷ кас кӯдакро – кӯдаки нишондор – набинад.

Ҳангоме ки ӯ аз пагода баргашт, ӯ ба худ гуфт: «Ин бояд кори шайтонҳои бегона бошад. Онҳо на фақат ба амал оварданд, ки духтар таваллуд шавад, балки духтаре бо нишоне. Чӣ хел даҳшатнок!»

Модари мӯҳтарам як лаҳза ҳам фикр накард, ки ин шайтонҳо вақти мурдани се бача тамоман дар он ҷо набуданд.

Мумкин фикр кардан мешавад, ки модари мӯҳтарам ба келинаш дилсӯзӣ мекунад, ки ин қадар аз шайтонҳои бегона ғам дода шуд. Лекин дар дили торики худаш ӯ фикр мекард, ки ин зани беқадр худаш айбдор аст.

Хайр, ба зудӣ писараш бармегардад, ва баъд қарор дода мешавад, ки бо зани ҷавон чӣ мешавад.

Дар бегоҳ Яде ба пеши кати Си-ҳианг рафт.  Ӯ каме биринҷи сӯхтагиро овард, ки аз поёни дег харошида баровард. Аз бисёртар кардан ӯ метарсид, барои он ки модари мӯҳтарам ҷанг мекунад. Ӯ ҳам як хабарро овард, ки аз волидонаш шунида буд.

«Бародари калонӣ пагоҳ бармегардад, Си-ҳианг - !» Вале Си-ҳианг ҷавоб надод. Дилаш аз як тарси даҳшатнок пахш карда шуд.

## СИ-ҲИАНГ ГУРЕХТ

Дар тамоми хона оромӣ буд. Занону кӯдакон хоб рафтанд, ҳам Яде хоб кард. Мардон ба шаҳр рафтанд, то ки шабро дар ягон бар гузаронанд. Амак рақами се ба ҷояш рафт, куҷое ки ӯ наъша кашидан метавонист ва ӯ девона шуда беҳуш шуда хоб равад.

Си-ҳианг аз ҷогааш хест. Ӯ худро суст ва касал ва ҳам хеле гушна ҳис кард, вале ӯ кӯшиш кардан хост, ҷисми мондаашро ҷунбонад. Бояд шавад!

Ӯ хест. Аз таваллуди кӯдак сар карда модари мӯҳтарам дигар намонд, ки Яде бо Си-ҳианг хоб равад. Си-ҳианг аз ин сабаб худро дар ҳуҷра хеле танҳо ҳис мекард, аммо акнун ӯ аз ин шод буд.

Ҳама чизҳо гирди ӯ тоб хӯрданд, лекин чим-чӣ хел ӯ ба пеши дар расид. Ӯ аз меҳмонхона оҳиста гузашта, дари ҳавлиро кушод.

Ҳаво гарму ором буд, ва ситораҳо дар осмон медурахшиданд, лекин Си-ҳианг дар ин ҳавои тоза беҳол шуд. Ин қадар муддати дароз ӯ дар ҳавои вазнин мехобид!

Ӯ аз ҳавлӣ гузашта ба пеши дарвозае, ки ба кӯча мебурд, рафт.

Си-ҳианг ба назди девхона рафтан хост. Вай ба пеши «шайтонҳои бегона», ба пеши пайравони Масеҳ рафтан хост.

Ӯ роҳро медонист. Яде бисёр ба ӯ нақл мекард. Барои пойҳои йавони боқуввати Яде роҳ ба пеши девхона мушкил набуд. Лекин барои Си-ҳианг, бо бадани мондааш ва дили шикастааш сафари дароз буд.

Хулоса ӯ пагодаро бозшинохт, ки дар осмони шабона дида мешуд. Як ларза баданашро ҷунбонд ва ӯ дигар нигоҳ накард.

Баъд яке бо қувва ёдгориҳо аз кӯдаке, ки на он қадар пеш дар бағалаш мехобид, ба хотираш омад. Ӯ ҳиссиёти холие дошт, ки ҳар модаре ҳис мекунад, ки кӯдакашро гирифта бошанд. Як хоҳиши калон бар ӯ омад, аммо ӯ кӯшиш кард, ки худашро тасалло диҳад.

«Ӯ дигар гушна намешавад – дигар ташна намешавад ва гиря намекунад. Офтоб ҳеҷ вақт дигар сахти бад бар ӯ намезанад».

Сиҳианги хурди бечора, ва надонист-ку, ки фикрҳои ӯ ба монанди калимаҳои Китоби Муқаддасе, ки барои ӯ ва халқаш маҳкам буд, монанд буд.

«Онҳо дигар гушна ва ташна намешаванд, ва офтоб дигар ба онҳо намезанад. Зеро ин баррае, ки дар болои тахт мешинад, ба онҳо хӯрок дода, ба чашмаҳои ҳаёт мебарад. Ва Худо ҳама ашкҳоро аз чашмонашон пок мекунад».

Лекин ҳама чизе, ки Си-ҳианг медонист, ин буд, ки ӯ фикр мекард, ки духтараш мурд.

Дар дурӣ ӯ улласи ҳайвони ваҳшӣ шунид.

Акнун то девхона ин қадар дур дигар набуд.

Ягон тирезаи равшан ба роҳгард роҳро нишон намедод. Си-ҳианг дарвозаро кушода, ҳайрон буд, ки он маҳкам набуд. Мумкин пайравони Масеҳ аз роҳзанону дуздон наметарсиданд? Барои чӣ онҳо тарсанд?, ба худ мегуфт Си-ҳианг, онҳо Худое доштанд-ку, ки ба онҳо паноҳ медод – ҳатто аз хашми худои хитоӣ.

Си-ҳианг базӯр ба дари хона рафт. Ӯ дилашро дошта тақ-тақ кард.

Вақте ҳеҷ кас ҷавоб надод, боз як бор тақ-тақ кард, интизор шуд. Баъд ӯ фаҳмид, ки дар тамоман маҳкам набуд.

Ӯ дарро кушода, даромад. Дар нури ситораҳо ӯ дидан тавонист – хона холӣ буд.

Кӯрпачаҳое, ки Яде дар бораашон нақл карда буд, набуданд. Ҳам ин тавр бо кӯрпаю болиштҳо рӯй дод. Иҷорашинон кӯчида рафта буданд.

«Оё онҳо пеш карда шуданд?», аз худ пурсид Си-ҳианг.

Беумед, суст ва беқувват Си-ҳианг ба замини сахт хоб карда гиря кард.

Акнун онҳо рафтанд, акнун ёрӣ дигар вуҷуд надошт, ягон ҷо барои Си-ҳианг набуд. Онҳо рафтанд, барои он ки худоёни хитоиён аз Худояшон боқувваттар буданд. Ин тавр ба зани бечора метофт.

Си-ҳианг гиря кард, то он вақте, ки ӯ аз мондагӣ хобаш бурд.

Лекин дар саҳар, вақте ки шӯълаи офтоб аз дар медаромад, ӯ боз хест.

Тамоман беҳол ӯ атрофи худашро нигоҳ кард. Вай дар куҷо буд? Чӣ шуд?

Ва баъд оҳиста ҳама чиз боз ба ёдаш омад. Вақте ки ҳамаи ин мушкилотҳоро фикр кард, ки дар пешаш буданд, боз аз нав тарс пайдо шуд.

Аз як кунҷи торики ҳуҷра яке ду чашмони сӯзон ӯро нигоҳ карданд – Си-ҳианг тарсид – ва ҳам чашмон ҷунбиданд. Як ҷунбиш – ва калламуше, ки дар ҳангоми хӯроки саҳарияш халал расонда шуд, аз Си-ҳианг гузашта аз дар гурехта ба ҳавлӣ гум шуд.

Вақте Си-ҳианг дид, ки ин чӣ буд, тарсаш боз рафт. Ӯ ба калламушон оддат карда буд. Вале калламуш ба ӯ чизе фаҳмон: калламушон фақат меоянд, агар ки хӯрок ёфтан тавонанд. Ва Си-ҳианг бисёр гушна буд!

Ӯ аз ҷояш хест ва ба кунҷ рафт. Ҳа, дуруст, он ҷо як пораи нони хитоӣ монда буд, ки бегонаҳо фаромӯш карданд. Калламуш аллакай аз ин каме хӯрда буд, лекин Си-ҳианг ин хел гушна буд, ки ӯ интихоб кардан наметавонист.

Ӯ тамоми нонро хӯрд, ва ҳам агар хӯроки на он қадар хуб буд, шикамаш сер шуд.

Акнун ӯ дар ҳолате буд, ки дар бораи худаш фикр кардан тавонад.

Девхона ба ӯ мумкин барои чанд вақт паноҳ додан метавонад. Фикр намекард, ки ба ин ҷо боз ягон кас мекӯчад, ба ғайр аз ки пайравони Масеҳ боз бармегаштанд. Лекин агар онҳо гурехта бошанд, онҳо боз барнамегарданд, инро ӯ аниқ медонист.

Си-ҳианг ҳам ин умеди хурде, ки ба Яде дошт, гум кард.

Акнун боз ба хона оварда шавад, ҳама боз ба ӯ душманӣ мекунанд – ба мумкин мемурад – не, ҳеҷ вақт!

Ва аз куҷо ӯ хӯрок мегирад? Барои зиндагӣ кардан ӯ бояд хӯрок хӯрад. Агар ҳам дар зиндагияш кам чизи хуб рӯй дод, ӯ зиндагӣ кардан мехост!

«Ман кор кардан метавонам, - фикр кард Си-ҳианг. – Ман кор ёфтан метавонам, барои он ки дар шаҳр ҳеҷ кас маро намешиносад».

Ин хел ӯ қарор кард, ки ба қисми дуртари шаҳр барои кор кофтан меравад. Лекин фақат имрӯз ӯ хоб кардан мехост. Мумкин ҳам беҳтар буд, ки дар шаб барояд.

Ӯ дарро қуфл карда дароз кашид ва боз хоб рафт.

Поён дар шаҳр миссионерҳо дар хонаи калон зиндагӣ кардан тавонистанд. Худо илтимоси онҳоро шунида буд. Ӯ аз саршавиҳои беумед ёрдам доданро давом дод. Лекин бе ин ҳам ӯ ба онҳо ёрдам медод. Ӯ ба ҷаноб ва хонум Штудд духтаракро тӯҳфа кард. Як шаби душвор барои зани Штудд омада буд, лекин бо ёрии Худо ҳамааш хуб гузашт, ва акнун вай дар як кати хитоӣ мехобид, ва дар дасташ духтараки ин хел хостаашро буд.

Кӯдаки нав маҷбур буд, ки дар бағали модараш хоб равад, баори он ки ар гаҳвора кӯдаки Си-ҳианг хоб мерафт. Берун дар ҳавлӣ миссионер боз як гаҳвораи нав барои Файзи хурд мекард - «Файз» бояд акнун духтари нав ном гирад.

Миссионер баъзе вақт аз кораш ба боло нигоҳ карда табассум мекард. Занаш баъд аз ин шаби бехоб бояд хоб кард, вагарна ӯ аз хурсандӣ ҳозир як суруди ҳамду сано мехонд.

Акнун онҳо кӯдакеро гирифтанд, як духтари хурде. Мумкин Худо аз ин сабаб духтар тӯҳфа кард, то ки нишон додан тавонистанд, ки ҳам аз духтар хурсанданд. Дар вақте солҳо боз се духтарҳои дигар таваллуд шуданд, ва ҳамаи чор ин хел хурсанд дар ҳавлӣ бозӣ карданд ва ба хитоӣ гап заданд, миссионер зуд-зуд мегуфт:

«Худо ба ман чор духтарони хурд дод, бо як нақшаи аниқ. Ӯ хост, ки халқи Хитой фаҳмад, ки ӯ духтарони хурдро мисли писарон дӯст медорад».

Акнун йаноб ва хонум Штудд дигар танҳо набуданд. Як миссионер дигар ва хонум Бурроф ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Ин тавр онҳо як гурӯҳи калонтар шуданд, вақте ки сурудхонон аз шаҳр мегузаштанд ва дар ягон кунҷи кӯча дар бораи Исои Масеҳ нақл карданро сар карданд. Аз ҳамон вақте ки хонум Штудд боз хуб шуд, бо онҳо рафт.

Ин ду духтаракро бешубҳа дар хона мондан тавонистанд. Дар поёни як дархти ҳавлӣ ду гаҳвора меистоданд, куҷое ки ин ду «хоҳарон» мехобиданд.

Дар шаҳр ба зудӣ бисёр одамон ҷамъ мешуданд, ҳангоме миссионерҳо дар кӯчаи бисёродам меистоданд. Штудд асбоби мусиқияшро дошт ва дигарон овозони зебо доштанд. Дар кӯчаҳо сурудҳои хушбахтона шунида мешуд, ки бо забони хитоӣ ба Худо ҳурмат карда мешуд.

Миссионер ба калисои хурд, берун аз шаҳр дар пеши девхона фикр мекард, ва дар барои он ки ӯ онро ба зудӣ бояд тарк кунад. Он дигар барои ҷамоате, ки аз рӯз ба рӯз калонтар мешуд, ҷо додан наметавонад.

Бисёр вақт дер мешуд, вақте ки миссионерҳо монда, лекин хурсанд ба хона бармегаштанд.

Штудд баъд боз биринҷ ва як мурғ барои шӯрбо аз бозор харид. Онҳо ҳозир ба хӯрокҳои хитоӣ, ва меваҳою сабзавоти бегона, ки бо онҳо «мем» пухтан метавонист, одат карда буданд, ки дар аввал ба онҳо хеле аҷоиб буд.

Аз он вақте ки онҳо ба Хитой омада буданд, миссионерҳо он чиро, ки хитоиҳо мехӯрданд, хӯрданд. Баъд аз чанд вақт онҳо хӯрокҳои хитоиро дӯст доштанд. Онҳо хӯроки хитоиҳоро бисёртар мехӯрданд, барои он ки ин арзонтар буд ва миссионерҳо қариб ки пул надоштанд. Лекин ин онҳоро на он қадар ғамгин мекард, барои он ки дар зиндагӣ боз бисёр чизҳое буданд, ки аз ин қиматтар буд.

**СИНН ҲАП БА ХОНА МЕОЯД**

Синн Ҳап ба шаҳр баргашт. Ӯ оҳиста ва бо сари хам мегашт. Рӯи гирдаш зиқ ва беумед буд. Синн Ҳап ғам дошт.

Модари мӯҳтарамаш ба ӯ ҳодисаро хабар расонд. Синн Ҳап медонист, ки зани лаънатзадаи беҳурматаш ӯро боз ғамгин кард. Бо ғаму андӯҳ – ки ин ба Синн Ҳап муҳим набуд – ӯ як духтарро таваллуд кард!

Ин аллакай бисёр даҳшатнок буд, лекин ғами калонтарини Синн Ҳап набуд.

Марди ҷавон камбизоят буд, ва ҳангоми ин моҳҳои гузашта ӯ ҳама чизро ки дошт барои дуоҳо ва қурбониҳо, то ки худо ба ӯ таваллуди писарро бахшад, сарф кард. Худое, ки ӯ пурсид, пулхӯр буд ва алоқа пайдо кардан душвор буд. Синн Ҳап ба назди шиносе рафт ва бисёр пул қарз гирифт. Ӯ ҳеҷ чизро хато кардан нахост, то ки худо ӯро шунавад.

Агар кӯдак писар мебуд, ӯ бо хурсандӣ ҳамаи қарзашро бо кори душвор бармегардонд. Аммо ҳозир – ӯ фақат дид, ки ӯ хеле қарздор буд.

Синн Ҳап тамоман хоҳиши пеши модари мӯҳтарамаш рафтан надошт. Вохӯрӣ бо модари мӯҳтарами занаш аллакай хеле бад буд. Вай зани боғазаб буд, ва вақте ки Синн Ҳап хабари зиқро расонд ӯ хашми худро нишон дод.

Марди ҷавон фаҳмидан тавонист, барои чӣ ин зан ин қадар хашмгин буд.

«Онҳо маро фиреб карданд», фикр кард ӯ, ҳамон хеле ӯ бисёр андеша карда буд. «Онҳо ба ман як зани тамоман бефоида доданд. Акнун метарсанд, ки ман ба онҳо ӯро бармегардонам. Онҳо вайро намехоҳанд. Вай ҳамон хеле ки ба ман фоида наовард, ба онҳо фоида намеорад».

Синн Ҳап андеша кард, ки модараш ба ӯ пешниҳод мекунад, Си-ҳиангро боз ба назди волидонаш фурсонад. Эҳтимол ӯ инро қарор мекунад, ва чун писари боҳурмат ва гапдаро – ҳамон хеле, ки писари хитоӣ бояд бошад, ҳам агар аллакай калон аст – ӯ дар охир розигии худро медиҳад.

Вале ӯ баъд чӣ мекунад, бе як одаме, ки ба ӯ биринҷ мепухт, либосҳояшро мешушт ва медӯхт ва хонаашро тоза нигоҳ медошт? Си-ҳианг дар ҳамаи ин чизҳо чақон ва хуб буд, фақат як писарро ӯ таваллуд кардан натавонист.

Синн Ҳап ҳис кард, ки ӯ ин духтарро ганда намедид. Си-ҳианг нағз ва итоаткор буд. Аммо ин ҳамааш чӣ ёрдам медод?

«Зӯри ман барои як зани дигар харидан намерасад, ғайр аз ин боз ин қарзҳои бузурге, ки ман бояд баргардонам», фикр кард ин марди ҷавон. «Беҳтар мебуд, агар вай мемурд».

Ҳа, ҳақиқатан, барои Си-ҳианг ин мумкин беҳтар мебуд.

«Субҳ ба хайр – Субҳ ба хайр, Синн Ҳап!», фарёд зад яке як овоз ба мобайни фикрҳои Синн Ҳап. Ӯ ба боло нигоҳ карда, пур аз хурсандӣ ва ҳайрат фарёд зад:
«Фан Ту?»

Марди ҷавоне дар пешаш меистод. Фан Ту якчанд сол аз Синн Ҳап хурдтар буд, лекин ҳарду ҳамдигарро аз кӯдакияшон мешинохтанд ва ҳамавақт дӯст буданд. Онҳо хурсандона саломалек кардан, аз ҳамдигар аҳволпурсӣ карданд, ва баъд Фан Ту гап заданро сар кард:

«Оҳ, чӣ хел ман хурсандам, ки ту омадӣ. Ман бояд ҳатман ба ту як чиз нақл кунам. Ва ҳозир ту дар вақти дуруст омадӣ. Ту мехоҳӣ ҳозир ба хона равӣ, то ки ба модару падарат салом гӯӣ?»

Не, ин қадар тез Синн Ҳап рафтан нахост. Ӯ хеле шод буд, ки вохӯрӣ бо волидонаш ҳоло каме дар дурӣ буд.

«Оҳ, ман вақт дорам», гуфт ӯ. Ӯ фақат метарсид, ки дӯсти безанаш аз ӯ дар бораи писаре мепурсад.

Лекин Фан Ту дар дигар фикрҳо буд. Вақте ки Синн Ҳап ба чашмони дӯсташ нигарист, ӯ дигар хел менамуд.

Шояд Фан Ту зан гирифт ва писардор шуд? Не, ин қариб имконпазир набуд, дар бораи ин ӯ бояд мешунид.

Фан Ту каме наздиктар омад.

«Ту албатта дар бораи ин пайравони Масеҳ шунидаӣ?», пурсид ӯ Синн Ҳапро.

Синн Ҳап бо чашмони калон ӯро нигоҳ мекард. Ҳа, ӯ дар бораи ин одамоне, ки ба шаҳр омада буданд, шунид. Кӣ аз онҳо нашунида буд! Лекин бисёрӣ онҳоро «шайтонҳои бегона» меномиданд ва дар бораашон ҷанг мекарданд.

Як мавҷ пур аз нафрат ва ғам аз дили Синн Ҳап мегузашт. Ӯ шунида буд, ки ин бегонаҳо ғаму андӯҳ ба замину халқ меоранд. Кӣ медонад, мумкин онҳо айбдор буданд, ки занаш духтарро таваллуд кард!

«Ҳа, ман шунида будам», ҷавоб дод ӯ қавоқдор.

«Онҳо дар ин ҷоянд».

«Ман медонам».

«Онҳо дар маркази бозор як ҷамъомад карданд. Ман ҳозир ба он ҷо меравам ва мехоҳам, ки ту ҳам биёӣ».
Синн Ҳап каллаашро ҷунбонд.

«Не-», гуфт ӯ, лекин овозаш нооромм буд. Дар асл ӯ хеле кунҷков буд. Кимчихел ӯ ин одамоне, ки ин қадар қувва доштанд ва ғаму андӯҳ овардан тавонистанд, дидан мехост. Дӯсташ дид, ки ӯ дутарафа буд.

«Ҳа, охир биё -, илтимос кард ӯ, – Оҳ, бародар, ман ин хел хушбах ҳастам. Ман бояд инро ба ту гӯям. Ман аз ин одамон ёд гирифтам, ки Худо вуҷуд дорад, ки чун худоёни мо нест. Ӯ Худои бо файзи меҳрубон аст. Бовар кардан метавонӣ, Синн Ҳап, ин Худои меҳрубон писари ягонаашро барои ҳамаи одамони гуноҳкор қурбонӣ кард».

«Лекин – барои чӣ?»

Барои Синн Ҳап ин фикри аҷоиб буд.

«Барои он ки ӯ моро дӯст медорад. – Ҳа, ӯ моро дӯст медорад, мардон ва занон як хел. Ӯ пур аз муҳаббат аст, тарс дар ин ҷо дигар нест. Биё бо ман, бародар, то ки ту ҳам хушхабарро шунавӣ».

Синн Ҳап ҳоло ҳам пурра розӣ набуд, лекин Фан Ту бас накард гап задан. Ӯ дасташро аз поёни дасти дӯсташ монд, ва пеш аз пурра фаҳмидани Синн Ҳап, онҳо аллакай дар роҳ ба сӯи бозор буданд.

Он ҷо аллакай якчанд одамон ҷамъ шуда буданд. Вақте ки ин ду мардони ҷавон омаданд, як марди қадбаланд, аниқ хитоӣ не, лекин бо либосҳои хитоӣ ба пеш баромад. Ӯ ба болои қуттии чаппа баромад ва гап заданро сар кард. Дар пешаш боз якчанд каси дигар истода буданд, мумкин ёрдамчиёнаш: якчанд «Мем»-ҳо, ҳам бо либосҳои хитоӣ, ва якчанд хитоиҳо. Синн Ҳап бо ҳайрат дид, ки муаллим низ дар онҷо буд.

Дар ҷамъомади калон ин хел хомӯш буд, ки сӯзани меафтидагӣ шунидан мешуд. Миссионер як ҳикояеро нақл мекард.

Ҳикояе буд, ки ӯ ҳар даъфа нақл мекард, аз як Худое, ки ин дунёи гуноҳкори гумроҳро дӯст медошт ва писари ягонаашро ба дунё фурсонд, то ки одамонро наҷот диҳад. Дар бораи муҳаббате, ки ҳамаи гуноҳҳоро бахшидан метавонист. Дар бораи Худое, ки ёрӣ ва тасаллӣ додан метавонист. Дар бораи чашмае, ки аз ҳамаи гуноҳҳо ва ифлосӣ тоза шустан метавонист - -

«Ӯ ҳозир дар пеши мо аст – ҳам агар мо ӯро дидан наметавонем», гуфт миссионер. Ӯ оромона гап мезад, лекин калимаҳои ӯ ба гӯшҳои ҳама шунавандагон мерасид, мардон ва занон ва ҳам ба кӯдакони хурде, ки каме дуртар бозӣ мекарданд.

«Ӯ интизор аст, ӯ дастҳояшро дароз мекунад, ин дастҳо бо захми меххо, ки ба салиб меҳкӯб шудааст. Гӯш кунед!»

Миссионер асбоби мусиқияшро гирифт. Ӯ суруд хонданро сар кард. «Мем»-ҳо низ сар карданд ва ҳам ин хитоиҳо дар пешаш. Ва дере нагузашта ҳама сар карданд суруд хонданд:

«Масеҳ ҳамаи гуноҳкоронро қабул мекунад...»

Овози хитоиҳо ба як овози баланд табдил ёфт. Бисёрии онҳо аз дилу ҷон хонданд.

Миссионер ба одамон нигоҳ кард. Ин хел бисёр рӯйҳо пур аз хашму гуноҳ, пур аз ғаму андӯҳ. Сояҳои бечорагӣ ва тоқагӣ, ки зиндагиро бе Худо ин хел зиқ мекард. Ва ин сояҳои тарс буданд! Ҳамаи ин одамон бо тарс аз девҳо зиндагӣ мекарданд, ки ба онҳо бовар мекарданд. Онҳо ҳеҷ чиз ғайр аз тарс намешинохтанд.

Зиндагӣ бе Масеҳ дар ҳама ҷо ва ҳама вақт зиндагии холию беҳосил мебошад, лекин ба ин хел зиндагӣ боз як тарси абадӣ дохил мешавад.

Барои ҳамин миссионер зуд-зуд такрор мекунад: «Масеҳ гуноҳкорронро қабул мекунад».

Марди пиртаре, ки зиндагии бемақсадаш аллакай аз афташ маълум мешуд, пеши Синн Ҳап ба зону афтид. Ӯ гиря карданро сар кард.

«Маро не – маро не! – овози ӯ аз сарояндагон баландтар мешуд – Маро наҷот додан наметавонад – ман бисёр чизҳои даҳшатнок кардаам».

Миссионер сурудхониро бас кард.

«Хуни Исои Масеҳ моро аз ҳама гуноҳҳо пок месозад, бародарам, - гуфт ӯ ва овозаш равшан ва аниқ буд. – Ягон доғ калони бад ё кӯҳнаи бад будан наметавонад. Ин ҳамааш шуста мешавад!»

Суруд давом дошт.

Синн Ҳап ба қафо гашт ва ба Фан Ту нигарист. Рӯи Фан Ту медурахшид.

Ва баъд ба намуди Синн Ҳап метофт, ки як парда аз ҷони торики беумедаш бардошта мешуд. Ӯ худашро медид, ҳамон хеле, ки ӯ буд – ва ӯ Исоро медид, чӣ хел ӯ буд!

Синн Ҳап ба зону афтид ва рӯяшро бо дастонаш пӯшонд. Дар пушти дастони ларзонаш ӯ бо наҷодиҳандааш вохӯрд, на чун бегона, балки чун дӯст.

Ҷамъомад қариб ба охир расид. Соатҳо гузаштанд, лекин ҳеҷ кас нафаҳмид, чӣ хел вақт мерафт.

Миссионер ҳамаaро, ки хоҳиш доштанд, ба ҷамоат дар бегоҳ даъват намуд.

«Мо бо Исои Масеҳ вомехӯрем ва дар дуо бо гап мезанем», гуфт ӯ. «Биёед, бародарон ва хоҳарон, ӯ шуморо интизор аст. Ӯ шуморо дӯст медорад».

Штудд аз қуттӣ фаромад. Синн Ҳап бе ягон нигоҳ ба дӯсташ, бе ягон гап давида рафт. Ӯ хост танҳо бошад. Дар як кунҷи танҳои бозор ӯ нишаст, то ки фикр кунад.

Ним соат пас Синн Ҳап боз дар кӯча буд. Ӯ тез гашт. Ӯ мегашт, мисли ки дар поҳояш бол дошт. Ӯ ба назди хонаи волидонаш мешитофт.

Оила биринҷ мехӯрд, вақре ки Синн Ҳап дарро кушод ва даромад. Модари мӯҳтарамаш ба боло нигоҳ кард ва як овози хурсанд баровард.

Баъд ӯ ӯро боз нигоҳ кард. Ин ҳақиқатан Синн Ҳап буд, писари калонии ӯ?

Ӯ ин хел дигар менамуд, ки ӯ писарашро қариб намешинохт. Ки ӯ аз баргаштанаш хурсанд буд, инро ӯ фаҳмидан метавонист – лекин ин чӣ тавр хурсандии чуқур буд, ки дар рӯяш буд?

Синн Ҳап дар пеши модару падари мӯҳтарамаш таъзим кард, лекин калимаҳои аввалинаш чун кӯби чӯб буданд.

«Модари мӯҳтарам, Си-ҳианг, зани ман дар куҷост?»

**НАҶОТ ДАР ИН ҶО!**

Ба Си-ҳианг метофт, ки ӯ аллакай солҳо мегашт! Вай беҳад монда ва беумед буд. Гушнагӣ ӯро азоб медод.

Якбор ӯ дар кӯча бо як саги ниммурда барои як пора гӯшти бӯгин, ки касе ба кӯча партофта буд, ҷанг кард. Саге, ки чун Си-ҳианг гушна буд, бо ғазаб ҷанг карда, лекин Си-ҳианг ғалаба кард.

Дигар бор ӯ аз бозор чизеро дуздид, вале фурӯшанда фаҳмид ва бо гапҳои хашмгин ӯро пеш кард.

Си-ҳианг роҳашро давом дод. Дар назди кӯча ӯ ба замин афтид. Як пода бачаҳои хурд ӯро диданд. Онҳо бо сангчаҳо ба тарафи ӯ мезаданд ва ӯро ғам медоданд.

Вай донист, ки худро барои кор пешниҳод намудан, кори нодаркор буд. Ӯ тамоман барои кор кардан қувват надошт!

Вай худро хеле суст ҳис мекард. Аммо вай бояд мерафт. Барои вай оромӣ дигар вуҷуд надошт!

Яке ӯ дид, ки дар наздикияш як дарвозаи ҳавлие буд. Вай аз чӯбҳояш ба дарун нигоҳ кард. Он ҷо ин хел ҷои ором ва осоишта буд, ва ягон одам набуд. Вай хост ба он ҷо оҳиста дарояд ва каме истироҳат кунад.

Дар поёни дарахт ду қуттии чӯбин буданд. Аз яктоаш овози аҷибе мебаромад. Ба мондагияш ва ба ғаму андуҳаш нигоҳ накарда Си-ҳианг аз ҳавлӣ гузашт, то ки маънои овоз дар қуттиро фаҳмад.

Мумкин вақти «Биринҷхӯрӣ» буд. Ин шахси хурдакаки боқувват дар қуттӣ инро медонист ва хоҳишашро баланд додзанон эълон мекард.

Барои як лаҳза Си-ҳианг ғамашро фаромӯш кард. Дилаш аз хурсандӣ мезад, вақте ӯ хам шуда духтари миссионерро дид, ки бо пойҳояш меҷунбид ва дастҳои фарбеҳашро мебардошт. Бо овози оромона Си-ҳианг кӯшиш мекард, кӯдакро ором кунад ва ин забон модаронро шояд ҳар тифл мефаҳмид. Кӯдак гиря карданро бас кард, вай гӯш мекард, ва бо чашмони калон ба зани ношинос нигоҳ мекард.

Си-ҳианг дигар қуттиро фаромӯш кард.

Яке аз дигар қуттӣ як овози зиқи паст баромад. Си-ҳианг тоб хӯрд.

Ду кӯдаки майда!

Вай ба пешаш рафт ва ба кӯдаки зардрухсор нигарист, ки дар болои билишт хоб буд. Вай намеҷунбид, фақат ботоқат дароз кашида буд ва мегирист.

Баъд яке гирди Си-ҳианг ҳамааш сиёҳ шуд. Дар қуттӣ хоб буд, бо як доғ дар рӯй, духтари худаш!

Доди Си-ҳианг дар ҳавлӣ паҳн шуд, вақте ки ӯ беҳуш дар пеши кӯдакаш ба замин афтид.

Миссионерҳо дар кӯча ба хона наздик шуданд. Онҳо пур бо хӯрокворӣ буданд, ки аз бозор хариданд. Онҳо тез мегаштанд ва ҳоло ҳам дар бораи ҷамъомад дар маркази бозор гап мезаданд.

Онҳо ба дарвоза расидад, ва Штудд якум шуда бадани торике дар пеши ду гаҳворахо дид.

«Хай, оилаи хурди мо меҳмон дорад», аҳмият дод ӯ.

Хонум Штудд аввал тарсид. Кӯдакҳо баъзе вақт дуздида мешаванд. Ва миссионерҳо ҳоло ҳам душманон доштанд, ҳама вақт дар ин мамлакат доштан мегиранд.

Онҳо аз ҳавлӣ гузаштанд. Штудд, ки пойҳои дарозтарин дошт, аввал расид.

«Ин зан аст», фарёд зад ӯ, ва кӯшиш кард, Си-ҳиангро аз замин бародорад.

«Оҳ, вай мурд?», пурсид яке аз занон.

«Не, не, ман фикр намекунам, лекин ӯ хеле суст аст! – Штудд либоси даридагии ӯро ба як тараф монда, дилашро ҳис кард. - Не, - ӯ боз гуфт – вай намурд, лекин қариб. Зани бечора!»

Онҳо Си-ҳиангро ба хона бурданд, шир гарм карданд ва кӯшиш карданд, онро ба ӯ хӯронанд. Лабҳо шах ва бехун буданд. Онҳо об гарм карданд ва ӯро шуштанд.

Хеле вақт гузашт, то Си-ҳианг чашмони мондаашро боз кушод ва ба рӯйҳои меҳрубон нигоҳ кард, ки дар пешаш хам мешуданд.

Вай чизе пичиррос мезад, лекин ин хел суст, ки онҳо ӯро нафаҳмиданд. Лекин баъд хонум Штудд фарёд зад:

«Вай кӯдакашро дидан мехоҳад! – Зани бечораи ҷавон! Мумкин кӯдакаш ба қарибӣ мурд ё ӯро аз вай гирифтанд. Ба ӯ духтарамон рақами ду биёред!»

Ин тавр онҳо духтари хитоиро меномиданд.

Онҳо тасаввур мекарданд, ки мумкин ягон модари хитоӣ ёфт мешуд, ки хурсанд мешуд ин кӯдакро аз ба ҷои мурдагияшро қабул кунад. Ин зан бояд масеҳӣ бошад, аз барои он ки дигар кас қабул намекард.

Агар ҳеҷ кас ёфт намешуд – хуб, баъд онҳо духтари рақами дуро аз худ мекарданд.

Дар оғӯши Си-ҳианг ҳозир ин кӯдак хоб буд. Вай ӯро ба дилаш, ки муҳаббат меҷуст, монд ва ба хоби чуқур афтид.

Вақте ки Си-ҳианг аз хобаш хест, аллакай хеле дер буд. Танҳо хонум Штудд дар пешаш буд. Дигарон ҳамаашон ба ҷамоат рафтанд. Хонум Штудд дар хона монд, то ки тайёр бошад, агар Си-ҳианг яке хезад.

Си-ҳианг ба ин ҳуҷраи бегона нигоҳ мекард. Баъд нигоҳи ӯ ба ин одамизод гарми хурд афтид, ки дар оғӯшаш буд. Хонум Штудд оҳиста наздик шуд, фақат табассум мекард, гап намезад, то ки касалиро натарсонад.

Лекин Си-ҳианг наметарсид. Вай фақат хеле ҳайрон буд. Чӣ тавр ӯ ба ин ҷо расид? Дигар дар ёдаш набуд, ки чӣ рӯй дода буд. Ҳамааш, ки ӯ медонист, ин буд, ки ӯ дар ҷои хуб буд ва кӯдакаш дар болои синааш хоб буд.

Вай изо кашида табассум мекард, вақте ба «мем» нигоҳ кард. Вай ба Си-ҳианг пир ва бегона метофт бо мӯйҳои равшану чашмони кабудаш. Лекин дар муддати кӯтоҳ солҳо ва мамлакат фаромӯш шуданд, вақте ки хонум Штудд духтари худашро аз гавҳора гирифта ба пеши кати Си-ҳианг омад.

Онҳо ҳозир танҳо ду модар буданд, ва банде, ки дар тамоми дунё модаронро мебандад, дар ин ҷо низ баста шуд.

Ба наздикӣ Си-ҳианг он қадар сиҳат шуд, ки гап задан тавонист, ки ақаллан ягон чиз нақл кардан метавонист.

Дар бораи духтараш, ки ба ҳайвонони ваҳшӣ партофта шуд,  дар бораи писаронаш, ки ин хел тез мурданд, дар бораи шавҳараш –

Чашмони Си-ҳианг аз тарс сиёҳ мешуданд, ҳангоме ки ӯ дар бораи шавҳараш гап мезад. Ӯ аз «мем» илтимос кард:

«Ман барои ту кор кардан мехоҳам. Ман пухтан ва либос шустам ва кӯдак нигоҳ кардан метавонам. Оҳ, меми мӯҳтарам – маро пеш накунед!»

Хонум Штудд дасти майдае, ки дароз кашида буд, гирифт.

«Не, ту бояд дар пеши мо бимонӣ. Номат чӣ?»

«Номи ман Си-ҳианг, меми мӯҳтарам».

Баъди якчанд лаҳза Си-ҳианг мепурсад:

«Меми мӯҳтарам, шавҳари мӯҳтарамат ҳам аз ту хеле хафа аст – ё ман хато кардам – кӯдакат духтар нест?»

«Дуруст, духтар аст. – Не, хоҳаракам, шавҳари ман чун худам хурсанд аст, ки мо духтари хурде гирифтем. Худо ӯро мисли бачаҳо дӯст медорад. Ин тавр мо

ӯро ҳам дӯст доштан мехоҳем, ва агар Худо ҳам ба мо бисёр духтарҳо бахшад, мо ба ӯ фақат шукр гуфтан метавонем».

Си-ҳианг ӯро нигоҳ мекард ва кӯшиш кард, инро фаҳмидан, ки ба ӯ тамоман нофаҳмо метофт.

«Акнун хоб кун ва истироҳат кун, ва духтаратро дӯст дор, ва аз ӯ хурсанд бош! – гуфт «мем» - Баъд аз ин ту метавонӣ бо мо биринҷ хӯрӣ ва баъдтар, агар ту худро пурра сиҳат ҳис кунӣ, мо ба ту дар бораи Исои Масеҳ хоҳем нақл кард. Ӯ туро дӯст медорад. Ӯ охир туро ҳам ба пеши мо овард-ку!»

«Ҳа, меми мӯҳтарам, шояд ӯ буд, ки маро ба ин ҷо бурд, барои он ки ман роҳро намедонистам».

Дар ин шаб, вақте ки Си-ҳианг хоб мекард, миссионерҳо дар бораи ӯ ва духтараш гап мезаданд.

Штудд ба кунҷе рафт, куҷое ки кати Си-ҳианг буд. Он ҷо ӯ хоб буд, бо кӯдак дар дасташ.

«Ӯ ин хел хароб ва касал аст» гуфт ӯ пур аз дилсӯзӣ. «Ва ин доғ дар рӯи кӯдак-»

Си-ҳианг оромона хоб мекард, ва миссионер дуо карда тоб хӯрд.

**ВАЙ ДАР КУҶОСТ?**

«Модари мӯҳтарам, зану кӯдакам дар куҷоянд?»

Аз ин саволи ҳайратовар даҳони модари мӯҳтарам воз монд. Вай ба писарашро нигоҳ карда, вале баъд як галла гап баромад:

«Ин зани нодаркори бевиҷдон, вай гурехт! Ин кӯдаки бефоида – ҳайвонони дашт ӯро кими кай хӯрданд! Ин хел беҳтар аст! Ту охир бояд ӯро ба волидонаш месупоридӣ-ку, писарам! Акнун ту дигар занро бояд ёбӣ!»

Синн Ҳап ҳеҷ чиз нагуфт.

«Ба пеши мо шин ва биринҷро бо мо хӯр», гуфт падар.

Синн Ҳап нишаст. Гӯш кардан ба гапи падару модар барои ҳар як бачаи хитоӣ, духтари хитоӣ кори бечуну чаро буд. Ӯ коса бо биринҷ ва чӯбчаҳоеро, ки модараш ба ӯ дод, гирифт ва хӯрданро сар кард. Ӯ гушна буд, лекин аз хӯрок лаззат бурдан натавонист.

Чор чашм ӯро бо нигоҳи тез мушоҳида мекарданд. Чашмони Яде ва Синн Тек.

Яде фикр мекард.

«Ӯ аз занаш хафа нест. Ӯ вайро боз ёфтан мехоҳад. Бо ӯ чӣ шуд?»

Синн Тек қариб ҳеҷ чиз фикр намекард, ӯ факт ҳайрон буд.

Ҳангоме ки онҳо бо хӯрокхӯрӣ бас кардан ва занон косаю табақ барои шустан ҷамъ карданд, Синн Ҳап дар пеши падараш таъзим кард.

«Падари мӯҳтарам, ман мехоҳам ба пеши ҷӯраам Фан Ту равам. Ман дар роҳ ба сӯи хона ӯро дида будам».

Падари мӯҳтарам бо ин розӣ буд. Фан Ту писари савдогари хеле бой буд. Падари мӯҳтарам аз ин шод буд, ки писараш, писари марди камбағал, ин хел дӯсти сарватманд дорад.

Ва ғайр аз ин падари Фан Ту бисёр духтарон дорад, ки аллакай барои шавҳар кардан тайёр буданд. Акнун, ки ҳамин Си-ҳианги бефоида дигар набуд, барои Синн Ҳап имконият барои зани беҳтар гирифтан шуд.

«Лекин ҳоло пул меравад, - фикр кард падар, вақте ки ӯ писарашро мушоҳида менамуд. – Аммо мумкин барои ин сабаб пул сарф кардан меарзид».

«Рав, писарам, - гуфт ӯ ва давом дод: - Ин зани нодаркорро, ки ту гирифта будӣ, фаромӯш кун. Ба фикрам, ҳайвонони даштӣ ӯро низ хӯрданд».

Падари мӯҳтарам бадиро намехост. Ӯ ҳамон хел фикр мекард мисли ҳамай халқ: Занон танҳо ҳамон вақт арзиш дорад, агар модари писар мешаванд. Агар инро ҳам ба амал намеоранд, онҳо бефоида ҳастанд.

Агар ҳам ӯ камтар аз занаш дида дар бораи ин гап мезад, падари мӯҳтарам хеле ғамгин буд, ки писараш ягон бача надорад. Писарони Яде ва Субҳи рӯз ягон рӯз писарони духтаронаш мешавад, ки онҳо барои оила он қадар бисёр маъно надоранд. Писари писар бошад бисёртар маъно дошт, ва то Синн Тек ё бародарони хурдаш падари писарон мешуданд, ҳоло бисёр солҳо бояд мегузашт.

Ин ҳикояи ноформ буд, лекин падари мӯҳтарам як умедро дид.

Синн Ҳап дар пеши падараш, бобои мӯҳтарамаш ва тағоиҳои мӯҳтарамаш таъзим кард ва аз хона баромад.

Ӯ ҳақиқатан Фан Туро ёфтан мехост. Ӯ ба вай нақл кардан мехост дар бораи ин чизе ҳайратоваре, ки бо ӯ рӯй дод. Аз ӯ хост маслиҳат пурсад.

Вақте ӯ дар кӯча буд, яке дӯсташро дид, ки аз пешаш баромад.

«Бародари мӯҳтарам», фарёд зад ӯ.

«Оҳ, хуб ки туро мебинам, - фарёд зад Фан Ту. – ман ҳозиракак хостам ба хонаат биёям ва туро ба ҷамоат даъват кунам. Ман ба он ҷо рафтанӣ будам».

Синн Ҳап каме истод. Ӯ хеле мехост, бо ӯ ҳамроҳ шавад, лекин ӯ метарсид.

Синн Ҳап хеле хуб медонист, ки ӯро чӣ интизор буд, агар ӯ дар хона эълон кунад, ки ӯ ба пайравони Масеҳ ҳамроҳ шуда масеҳӣ – чӣ хеле ки онҳо худашонро меномиданд – шудан мехоҳад. Ӯ пешакӣ медонист, ки онҳо дар хона чӣ мегӯянд ва чӣ мекунанд. Ӯ ба бефайзӣ меафтад ва ҷой чун писари якумро гум мекунад.

Фан Ту фаҳмид, ки дӯсташ кадом фикрҳо дошт.

«Бародарам, - ӯ меҳрубонона гуфт, - чизе ки Масеҳ ба мо медиҳад, ҳазор маротиба бисёртар аст, аз он чизе, ки мо барои ӯ гум мекунем. Ман медонам, ки ба ман ин осонтар меафтад – давом дод ӯ, - падари мӯҳтарамам низ овозро шунид, ва ман фикр мекунам, ки дере нагузашта, ӯ бо модари мӯҳтарамам, бародаронам ва хоҳаронам ба Исои Масеҳ бовар карда, мисли маро ӯро дӯст доштан ёд мегиранд».

Синн Ҳап розӣ шуд. Ин ҳарду мардони ҷавон равона шуданд. Акнун Синн Ҳап дилашро холӣ кард.

«Ман чӣ бояд кунам?», пурсид ӯ.

Фан Ту дасти дӯсташро пахш кард.

«Худо ба мо ёрӣ медиҳад. Ӯ моро роҳбарӣ мекунад. – Имшаб баъд аз ҷамоат мо бо миссионер гап мезанем».

Вақте ки ҷамоат тамом шуд, Синн Ҳап фақат як фикр дошт, ки ҳамаи мушкилиҳо ва душвориҳо хурд метофтанд: Синн Ҳап Наҷотдиҳандаро ёфт.

Миссионер бо дили бошукр дар болояш осмон пури ситораҳо, ба хонааш баргашт, куҷое ки Си-ҳианг ва кӯдакаш гурехтанд.

Фан Ту ва Синн Ҳап ба хона баргаштанд.

Фан Ту дӯсташро илтимос кард, ки ӯ ба хонааш биёяд, аммо ҳам фаҳмид, ки Синн Ҳап ҳозир танҳо будан мехоҳад.

«Агар ягон мушкилӣ дорӣ, ба пешам биё, - гуфт ӯ ҳангоми хайру хуш кардан ва ин маъно дошт: - Хонаи ман барои ту кушода аст, агар оилаат туро пеш кунад».

Дар хона хомӯшӣ буд, вақте Синн Ҳап баргашт. Мардони ҷавон дар берун буданд, шояд ба бозихона. Пиртарон ва занон хоб буданд. Оҳиста Синн Ҳап ба каташ, ки бо бародараш тақсим мекард, рафт.

Вақте ӯ таги кӯрпа даромаданӣ шуд, як калла худашро бардошт, ва як овоз пичиррос зада гуфт:

«Бародари калонӣ!»

Синн Тек ҳоло хеле ҳушёр буд.

«Ҳа, бародари хурдам, барои чӣ ту ҳоло хоб нестӣ?»

«Ман ҳозиракак ба кат даромадам. Синн Ҳап – ман туро дидам -»

Як нури камқувват ба ҳуҷра афтид. Пур аз ҳайрат Синн Ҳап ба бародараш назар кард.

«Ту маро дидӣ – дар куҷо?»

«Ман туро дидам. Яде ва ман ҳам дар он ҷо буд, аз ҳама қафо дар ҷамоат. Мо аллакай чанд бор рафтем».

Синн Ҳап бегап ба додараш нигоҳ кард.

«Ҳа, бин, Яде бо мем гап зада буд, ҳамоне, бо мӯи зард ва чашмони кабуд».

«Лекин – лекин падари мӯҳтарам дар бораи ин медонад?», пичиррос зад Синн Ҳап. Барои ӯ ин ҳамааш ин хел ноҳақ метофт.

«Не, не, албатта не. Ӯ аниқ хеле хашмгин мешуд. Ӯ пайравони Масеҳро ганда мебинад. Ӯ ба онҳо “шайтонҳои бегона” мегӯяд. Ӯ мегӯяд, - Овози Синн Тек боз пасттар мешавад, - ӯ мегӯяд, ки онҳо айбдоранд, ки кӯдак духтар аст ва дар рӯяш доғ, яъне лаънат, дорад -»

Ин якум бор буд, ки Синн Ҳап дар бораи ин шунид.

«Лаънат?», такрор кард ӯ.

«Ҳа, дар рӯи кӯдак як доғи хунин ҳаст».

Аз берун овозҳо шунидан мешуд. Мардон ба хона баргаштанд. Синн Ҳап ба бародараш як нишоне кард, ки ӯ хомӯш бошад ва кӯрпаи ғафси пахтагин аз болояшон монд.

«Доғи хунин». Тамоми вақт ин калима дар дили Синн Ҳап фарёд мезад. Хун барои кӯдакаш марг овард. Хун, хуни Масеҳ, ба ӯ ҳаёти нав бахшид.

Синн Ҳап дар ин шаб дигар хоб наёфт.

Вақте субҳ дамидан ӯ аз ҷояш хест ва аз хона баромад. Дар як кунҷи ҳавлӣ ӯ шишт, то ки фикр кардан тавонад.

Дар асл ӯ метарсид, лекин ӯ ҳис кард, ки як мардонагии нави калон дар дилаш ҷойгир шуд. Шодӣ барои ин ӯро боқувват мекард. Ӯ ба зону афтид.

Дина бегоҳ ӯ бо дигарон дар ҷамоат зону зада пичиррос зад: «Исои Масеҳ – ман меоям». Имрӯз, дар равшании саҳарии рӯзи нав, Синн Ҳап аниқ донист, ки Худо ӯро қабул кард ва зиндагии нав барои ӯ сар шуд.

Ӯ каллаашро бардошт. Аз дари хона як шахси хурде баромад ва ба ин ва он сӯ мегашт. Яде кори хонааро сар кард.

Духтар чашмонашро бардошта, ба ӯ нигоҳ кард – ӯро дар зону нишастанро дид. Вай ба пешаш давид.

## ЯДЕ ЧИЗЕ НАҚЛ МЕКУНАД

Яде акаашро хеле дӯст медошт. Синн Тек чени худаш буд, ки ӯ барои вай мисли дӯст буд, ҳам бо додаронаш ва Субҳи саҳар ӯ хуб бозӣ мекард, вале Синн Ҳап касе буд, ки аз вай ибрат гирифтан метавонист.

Вақте Яде ӯро ин саҳар дид, ӯ фикр кард, ки ӯ ғам дорад. Мумкин ӯ барои бачаҳои мурдааш зиқ буд? Ё ӯ ғамгин буд, барои он ки занаш ба ӯ духтар таваллуд кард? Ё ӯ аз худоён илтимос кард, ки писар гирад?

Дар дасташ дег, ки дар он биринҷи саҳарӣ бояд тайёр мекард, духтар аз ҳавлӣ гузашта ба пеши бародараш рафт.

Синн Ҳап ба боло нигоҳ кард, вақте хоҳараш ба пешаш омад. Аз рӯи аҷоибаш Яде истод. Вай истод ва ҳайрон ба ӯ нигоҳ кард.

Синн Ҳап ягон ғам надошт. Чашмонаш медурахшиданд. Дар рӯяш як назари хурсанди аҷоиб буд, ки барои хоҳараш ин нофаҳмо буд.

Синн Ҳап ба ӯ табассум кард. То ҳозир Синн Ҳап ӯро чун духтари майда буд, чун хоҳари майдааш.

Ҳамин хеле ки ӯ ҳозир дар офтоби саҳарӣ меистод, ӯ ба вай калон метофт.

Ӯ салом кард ва хоҳараш ҷавоб медиҳад. Синн Ҳап барои ӯ қариб мисли бегона метофт.

Ӯ наздиктар омад. Ва чашмонаш саволе доданд, ки лабҳояш гуфтан наметавонистанд.

«Хоҳари калонӣ, - гуфт Синн Ҳап ба ҷавоб, - Ман хеле хеле хурсанд ҳастам!»

Яде тасаввур кардан наметавонист, аз кадом сабаб ӯ хурсанд буд. Баръаксаш наздиктар буд. Ӯ писар надошт. Занаш гурехт, аз кораш монд, ва ҳамон қадаре ки Яде дар бораи оилааш медонист, Синн Ҳап камбағал буд, ки ба ҷои Си-ҳианг дигар занро харидан наметавонист.

«Барои чӣ ту ин хел хурсандӣ?», пурсид Яде бо овози паст.

«Наздиктар биё», даъват кард ӯ.

Вай ба пешаш омад, ва азбаски ӯ дар замин шишт, вай низ нишаст.

«Ман ин хел хурсандам, - гуфт Синн Ҳап, - дилам мисли парранда суруд мехонад, ва дар ҷонам равшанӣ ҳаст мисли равшании субҳ».

Аллакай аз намудаш маълум буд, ки ҳамон хел буд.

«Бародар, ба ман нақл кун!», илтимос кард ӯ.

Ӯ дар бораи якум вохӯрӣ бо пайравони масеҳ дар маркази бозор нақл кард, ва дар бораи рафта ба ҷамоат. Ӯ нақл кард, ё ақаллан кӯшиш кард, дар бораи ҳодиса бо Исои Масеҳ, ки Худои гандаи бемеҳр набуд, балки Наҷодиҳанда ва дӯст.

«Ман медонам», Яде бо овози паст гуфт, ҳангоме ӯ тамом кард.

«Чиро ту медонӣ?» Боз аз нав ӯ ҳайрон шуд.

«Ман дар бораи ӯ медонам, ки ӯ хуб ва калон аст, ва ки ӯ ба ҳамаи онҳое, ки ба ӯ бовар мекунанд, оромӣ медиҳад».

Вай бо як оҳи паст тамом кард. Яде аз калоншавии занони шарқ боз хел доно ва тезфаҳм буд. Дар бародараш ӯ каме аз ин хурсандӣ ва оромӣ дар дилаш дид, ҳам агар на он қадар аниқ. Акнун ӯ оҳ каид. Барои ӯ ин худои нав чӣ маъно дорад? Вай духтар буд, зан. Занон дар ҷамъият ягон маъно надоштанд, ҳисоб намешуданд. Барои занон дар шарқ ҷой набуд. Акнун чӣ фарқият, ки ӯ ба ин худои нав бовар мекард ё не?

«Яде, - фарёд зад Синн Ҳап, - ту худат бо ӯ шинос будӣ?»

«Ман мехоҳам, - гуфт Яде бо дили кушод, - лекин то ҳозир ман ҷуръат надоштам».

Як соя дар болои онҳо буд. Синн Ҳап – оё ӯ ҷуръат мекард? Дар хурсандияш, дар хушбахтияш ӯ қариб ин нархро фаромӯш кард, ки бояд медод, агар ӯ Худои навро пайравӣ мекард. Аммо Синн Ҳап ин фикрҳоро аз худ дур кард.

«Ба ман ҳама чизро нақл кун, ки аз одамони масеҳӣ медонӣ», ӯ аз Яде талаб кард.

Яде дар бораи рафтан ба ҷамоат баъзе вақт танҳо, баъзе вақт бо Синн Тек нақл кард. Вай ҳам дар бори вохӯриҳои пешина дар хонаи миссионер, ҳангоме ки онҳо дар девхона зиндагӣ мекарданд, ҳикоя кард.

«Агар онҳо ҳоло ҳам дар девхона зиндагӣ мекарданд, - гуфт ӯ барои худаш, - ман мумкин баъзе вақт ба пеши онҳо меҳмонӣ мерафтам. Вале онҳо рафтанд. Ҳозир онҳо дар як хонаи калон дар шаҳр ҳастанд. Синн Тек инро маълум кард. Агар ман ба он ҷо меҳмонӣ мерафтам, мумкин касе маро мебинад ва ба волидонам нақл мекунад. Оҳ, медонӣ, бародари калонӣ, падари мӯҳтарамамон ва бобо ва амакҳо ин «шайтонҳои бегонаро» ганда мебинанд. Онҳо мегӯянд, ки онҳо айбдори ин ҳама нохушиҳои ин ҷо ҳастанд. Онҳо миссионерҳоро пеш мекунанд ё ҳатто мекушанд. Синн Ҳап – Синн Ҳап – агар онҳо дар бораи ту медонистанд!»

Синн Ҳап ҷавоб надод. Ӯ донист, ки хоҳараш дар бораи чӣ фикр мекард. Ӯ хеле чуқур дар фикри хитоӣ ва амали халқ реша дошт. Ӯ донист, ки чӣ рӯӣ хоҳад дод, агар ӯ худро чун пайрави ин Худои нав эълон кунад. Нафрат ва таъқибот – ҳатто марг. Лекин ӯ ин розро дар худ доштан наметавонист, ҳатто агар мехост.

Ӯ сарашро бардошт.

«Яде, ана ҳамин Масеҳ барои ман мурд».

«Ман медонам, - гуфт ӯ меҳрубонона ва, пеш аз оне Синн Ҳап ҷавоб додан тавонист, давом дод: - Лекин дар ҳолати ман ин он қадар маъно надорад. Ман танҳо зан ҳастам. Ту инро ба волидони мӯҳтарам мегӯӣ?», вай донистан мехоҳад.

«Ҳа, ба наздикӣ. То он вақте ки ман ёбам, ки чӣ тавр ман инро фаҳмонам. Яде, дар бораи занам, Си-ҳианг, ба ман нақл кун».

Яде оҳ кашид. Дар рӯзҳои охир ӯ ёд гирифт, ки Си-ҳиангро бо чашмони дигар бинад. Аввал ӯ ба вай муҳим набуд, баъд дилаш ба ӯ сӯхт ва акнун ӯ донист, ки мумкин тақдири ӯ чунин мешуд.

«Вай гурехт. Вай аз баргаштани ту тарсид».

«Ман мехостам вайро ёбам. Ту тамоман намедонӣ, ки вай дар кучост?»

«Не, ман ягон фикр надорам, бародари калонӣ. Ин пеш аз чанд рӯз буд. Лекин ба ҳар ҳол ту ӯро дар хона дигар қабул кардан наметавонӣ. Модари мӯҳтарам инро ҳеҷ вақт намегузорад, ва албатта модари худаш низ аз ӯ норозӣ аст».

«Ҳа, аммо ман бояд ӯро боз ёбам».

«Фикр мекунам, ки ӯ мурд. Кӯдакаш ҳам зинда нест».

«Ту инро аниқ медонӣ?»

«Ӯро ба пагода бурданд, то ки ӯро ҳайвонҳои ваҳшӣ хӯранд. Баъдтар модари мӯҳтарам маро фиристоданд, то ки нигоҳ кунам. Ман рафтам, ва ӯ дигар он ҷо набуд... дар ин ҷо бисёр гургон мавҷуданд, Синн Ҳап».

Ӯ дар фикр буд. Яде ҳайрон шуд. Ба ӯ ин духтараки хурд чӣ маъно дошт? Ӯ вайро ҳатто ягон бор надид.

Синн Ҳап акнун кӯдакро бо чашмони дигар медид. «Кӯдак, боз як кӯдак, ки барои ӯ Масеҳ мурд». Ин тавр ӯ фикр мекард.

Субҳи саҳар аз ҳавлӣ гузашта медавид. Модари мӯҳтарам духтари калонияшро мекофт – ва дегашро.

«Ман бояд равам», гуфт Яде саросема.

«Рози маро боз каме нигоҳ дор», табассум карда гуфт Синн Ҳап.

«Ҳа, бародари калонӣ, ту аз ин ором будан метавонӣ», ҷавоб дод ӯ ва рафт.

Субҳи саҳар, ки ҳоло аз корҳои хона озод буд, ба бародари калонияш, ки қариб намешинохт, табассум мекард.

Синн Ҳап кӯдакро ба пешаш фарёд кард. Вай духтараки нағзи меҳрубон буд бо линҷҳои гирд ва чашмони нози сиёҳ. Ин рӯи хурд ба хотираш кӯдаки худаш ва ҳамаи кӯдакон дар Хитой ба хотир меовард.

Боз ҳам ба хотираш як сурат омад, ки дар ҷамоати пеши девхона кашол буд. Дар рӯяш Исои Масеҳ бо кӯдакон тасвир шудаанд. Онҳо ҳама гирди ӯ мешиштанд, ва Синн Ҳап фаҳмид, ки бачаҳо ва духтарҳо, ҳамаашон дигар хел намуд доштанд.

«Биё, ва биринҷ хӯр», Субҳи саҳар ӯро даъват кард. Ӯ дасташро гирифт ва онҳо дукаса ба сӯи хона рафтанд.

Тамоми оила биринҷ мехӯрд, ва занон ба мардон хӯрок мекашиданд. Мардон тез мехӯрданд. Онҳо кор доштанд.

Синн Ҳап кор надошт. Ӯ метавонист, ба он шаҳре, ки ӯ пеш буд, баргардад, вале ӯ қарор кардан натавонист.

Модараш ба ӯ табассум мекард. Вай ӯро хеле дӯст медошт. Ӯ калонияш ва тамоми фахри ӯ буд. Синн Ҳап ҳам табассум кард, вале дилаш дард мекард. Агар модари мӯҳтарам медонист, ки чӣ ӯ фикр мекард, вай хеле хеле хашмгин мешуд. Вай ҳам хеле метарсид, метарсид аз ин фикр, ки худоёни қасдгир чӣ мекунанд, агар мешунинанд, ки Худои Масеҳ боз якбор ғалаба кард.

Синн Ҳап қарор кард, ки ба назди Фан Ту меравад. Мумкин ӯ бо вай дароз сӯҳбат кардан наметавонист, барои ки Фан Ту хеле бисёр кор дошт. Падараш мағозаи калон дошт ва Фан Ту бояд ёрдам медод.

Яде бародарашро дид, вақте ӯ аз хона баромад, ва аз пушташ бо чашмони хавотир нигоҳ кард.

Поён дар мағоза Фан Ту кор мекард. Синн Ҳап каме нигоҳ кард, чӣ тавр ӯ ба харидорон чизҳоро мефурӯхт, чӣ тавр ӯ дар Ҳисобкунакаш ҳисоб мекард ва аз харидорон пулро қабул мекард. Баъд Фан Ту ба боло нигоҳ кард, дӯсташро дид ва табассум кард.

«Субҳ ба хайр, бародар!»

«Субҳ ба хайр, бародар!»

«Бародар», ин калима барои онҳо маънои тамоман навро пайдо кард.

«Ман ҳозир хеле серкор ҳастам, - гуфт Фан Ту. – Оё мешавад, ки каме баъдтар боз биёӣ?»

Синн Ҳап бо розигӣ сарашро ҷунбонд.

«Дар бозор ин саҳарӣ боз ҷамоат ҳаст, - пичиррос зад Фан Ту. – Агар ту ба он ҷо меравӣ, ман бо ту дар он ҷо вомехӯрам». Онҳо ҳарду табассум карданд, ва Синн Ҳап аз мағаоза баромад.

Ӯ ба ҷамъомад рафтан хост. Ба хона рафтан ӯ тамоман намехошт. Ин хел душвор буд, розро нигоҳ доштан, вале ӯ ҳоло он қадар хуб фаҳмондан наметавонист, то ҳоло ки ӯ бисёртар дар бораи ин нашунид. Фан Ту бояд ба ӯ ёрӣ расонад ва маслиҳат диҳад. Ӯ аниқтар медонист.

Оҳиста Синн Ҳап аз кӯча мефаромад. Дар дурӣ ӯ аллакай як тӯда одам дидан метавонист. Баъд, яке –

«Бародари калонӣ, оҳ, бародари калонӣ!»

Як даст куртаи ӯро мерасид. Синн Ҳап тоб хӯрда, ба рӯи Яде, ки пур аз тарс буд, нигоҳ кард.

«Оҳ, бародарам, - ӯ оҳ кашида фарёд зад ва гиря кардан сар кард. «Оҳ, бародарам – бародарам!»

**НАРХ**

Дар ҳамин вақт як чиз чун тӯфони даҳшатнок дар хона рӯй додааст.

Модари мӯҳтарам куртаҳои пахтагинро мешушт. Яде барои хӯрок парҳои мурғро мечинд. Субҳи саҳар сабзавотҳоро майда мекард.

Синн Тек дар берун буд. Бачаҳои хурд хурсандона дар ҳавлӣ бозӣ мекарданд.

Ва баъд тӯфон сар шуд.

Падари мӯҳтарам, бобои мӯҳтарам ва ҳар ду амаки мӯҳтарам ба хона даромаданд. Чашмони сиёҳи онҳо аланга мезаданд, дастонашон аз тарс меларзиданд – ё аз хашм.

«Синн Ҳап дар куҷост?»

Модари мӯҳтарам, ки аз тарс наҷунбид, худашро ба тағора такя кард.

«Ман намедонам – шавҳари мӯҳтарам. Ӯ ба берун рафт, то – Фан Туро бинад, дӯсташро – ақаллан ӯ инро ҳамин хел гуфт».

«Занак, на танҳо айб, балки ҳам хатар писарат ба хонаамон овард! Писарат пайрави ин шайтонҳои бегона шуд!»

Ин хабари даҳшатнокро шунида, модари мӯҳтарам бо дод зании ваҳшиёна сар кард.

«Не – ин имконпазир нест – ин имконпазир нест!»

«Лекин ҳамин хел ҳаст. Тамоми шаҳр дар бораи ин гап мезанад. Писари ман! Писари калонии ман! Дар маркази бозор диданд, дар мобайни ҳамаи ин одамон, ҳангоме ки шайтонҳои бегона калимаҳо маъҷузӣ мегуфтанд -. Ва аз ин бадтар ин буд, ки -»

«Оҳ – оҳ – Худо нишон надиҳад!», оҳ кашид модари мӯҳтарам.

Яде ба боло нигоҳ кард ва сарашро ба поён хам кард. Дастони ӯ, ки мурғро доштанд, меларзиданд.

Ин ҳақиқат нест», боз менолид модар.

Субҳи Саҳар маънои гапҳояшонро нафаҳмид. Лекин аз ин ауфрегунги умумӣ тарсида, ба пеши модараш давид ва гирякунон ба либоси модараш часпид.

«Ва аз ин бадтар», падар хашмгин давом дод. «Писарам, писари калониям дирӯз дар ҷамоат буд ва ба ин Худои бегонаи шайтонҳои бегонаро саҷда кард. – Ҳа, ҳа, дуруст аст! Яке аз дӯстонам ӯро дар кӯча дид ва аз пушташ рафт – дид, ки ӯ даромад! Ӯ, дӯсти мӯҳтарамам, хатари ба китфаш монд ва ҳам ба ҷамоат даромад, ва баъд ӯ дид – ӯ дид, ки -» Падари мӯҳтарам аз ғазаб қариб нафас каидан натавонист.

Модари мӯҳтарам, ки калонияшро хеле дӯст медошт, кӯшиш кард, ки ягон айбдори дигарро ёбад.

«Ин айби ҳамин духтари нодаркор, ки ӯ ба занӣ гирифта буд, албатта! Ӯ бад аст. Ӯ ҳатто як писарро таваллуд кардан наметавонад, ва духтаре, ки ӯ таваллуд кард, нишони худоёнро дар рӯи хурдаш дорад».

Модари мӯҳтарам қариб намедонист, чӣ мекард. Ва Субҳи Саҳарро ба як тараф тела кард ва кӯдак афтид. Баъд ӯ ба он кунҷи хона, куҷое ки худои хона ҷойгир буд, рафт. Худро дар пеши бут ба замин партофт ва бо илтимосу илтиҷо сар кард.

Метофт, ки бут як табассуми бераҳмона дар рӯи сангинаш дошт. Модари мӯҳтарам ба боло нигоҳ кард.

«Бинед – бинед – худо хашмгин аст! Оҳ, чӣ хел бадбахтӣ ба сарамон мебиёяд!»

Ифодаи даҳшатнок дар чеҳраи худо қариб мисли ифодаи падари Синн Ҳап буд.

«Ман писарамро мекушам», ӯ ғазабнок фарёд зад, ва модари мӯҳтарам бо баландтар нола кард. Вай донист, ки ӯ инро аниқ кардан метавонад.

Ҳам Яде чеҳраи падарашро дид ва то дилаш тарсид. Хеле оҳиста, то ки ҳеҷ кас нафаҳмад, мурғро оҳиста ба замин монда аз хона баромад.

Вай аз ҳавлӣ гузашта ба кӯча баромад. Вай мисли девона давид. Вай донист, ки Фан Туро куҷо ёфтан метавонист. Мумкин ӯ бародарашро дар он ҷо мебинад. Агар не, Фан Ту мумкин ёрӣ расондан метавонист. Оҳ, албатта ёрдам додан метавонист.

Яде аз тӯдаи одамон гуззш. Яке ӯ фикре дошт, ки фақат «онҳо» ва танҳо онҳо ёрдам додан метавонанд. Мумкин онҳо худашон не, лекин худое, ки ба ӯ онҳо бовар мекарданд.

Лекин мумкин падари мӯҳтарам дар ин муддат Синн Ҳапро мекушад. Агар яке Синн Ҳап бефикр ба хона медарояд – ! Падар дар поёни либосаш ҳамавақт як корчаи калон дошт, зидди дуздону роҳзанон, вақте ки ӯ шабона дар кӯча мегашт.

«Илтимос, илтимос - Исои меҳрубон – мон, ки ман бародарамро ёбам!»

Ин дуои якуми Яде буд, ва дар ҳамон лаҳза амалӣ гашт. Ӯ Синн Ҳапро дид.!

Рӯяш ором ва хурсанд метоф, ва ӯ оҳиста роҳ мерафт, гӯё ки ӯ дар фикрҳои чуқур буд.

Яде ба наздаш давид ва куртаашро дошт.

«Чӣ шуд, хоҳари калонӣ? Ин хел гиря накун. Ба ман гӯй, чӣ рӯй дод!»

Гирякунон Яде ба ӯ хатарро нақл кард, ки вайро интизор буд.

Як тарси сахт ба дили Синн Ҳап омад, ва барои як лаҳза ӯ тарсид. БАъд ӯ оромона каллаашро бардошт.

«Ман наметарсам, Яде. Исо ба ман паноҳ медиҳад».

«Лекин ту ба хона рафтан наметавонӣ!»

Синн Ҳап донист, ки ӯ барои ин кор кардан маҷбур буд. Ӯ умед дошт, ки ба волидонаш инро оромона фаҳмондан метавонист. Лекин мумкин тӯфон аз болояш мегузарад. Ӯ донист, ки онҳо хафа мешаванд, хеле хафа, лекин ӯ фикр кард, ки онҳо муҳаббаташонро нишон медоданд.

Акнун ӯ донсит, ки тарс ва хашм аз муҳаббат ва хешу таборӣ зиёдтар буданд, ва ҳақиқатан хатаре буд, ки ӯро куштан метавонист.

«Ман ба хона меравам».

«Не, не!» Яде ӯро бо тамоми қувваташ аз дасташ дошт, гӯё ки ӯро маҷбур кардан метавонист.

«Не», нолид ӯ, лекин Синн Ҳап меҳрубона худро аз ӯ сар кард.

«Хоҳари калонӣ – Ядеи меҳрубон – ба хона рафтан гир, ман ҳоло меоям».

«Аз Фан Ту илтимос кун, ки бо ту биёяд. Ӯ ба ту паноҳ додан ёрӣ медиҳад», ӯ илтимос кард.

Синн Ҳап сарашро ҷунбонд. Ин ҷанги худаш буд, ки ӯ бояд меҷангид. Ӯ оромтар шуд.

«Хоҳари калонӣ, натарс. Худое, ки акнун ман аз они ӯ ҳастам, ба ман ёрдам медиҳад. Ӯ ба ман мешавад. Рав, хоҳарам, ва ба волидонат нагӯ, ки ту маро дидӣ ва дар пешам будӣ. Ин барои ту хуб намебуд. Рав, ва мон, ки ман баъдтар биёям».

Яде хуб ҳис кард, ки ӯ ҳамон хеле ки гуфт, ҳам фикр мекард. Итоаткунон, лекин бо дили пур аз тарс, вай ба хона баргашт.

Вай ҳоло на он қадар рафта истода буд, ки ӯ Синн Текро дид.

Бародар тез роҳ мерафт. Вақте ӯ ба вай наздиктар шуд, Яде дид, ки ӯ меларзид.

«Ту ба куҷо меравӣ?», аз ӯ пурсид.

«Ман бояд бародари калониро кобам», ҷавоб дод ӯ. «Падари мӯҳтарам маро фиристод, то ки ӯро кобам ва ба хона барам. Онҳо ҳама ӯро интизор ҳастанд, - давом дод ӯ, - ва онҳо ҳама хеле хашмгин ҳастанд, лекин ман намедонам, аз кадом сабаб».

«Ман медонам, - гуфт Яде ва гиря карданро сар кард. «Онҳо шуниданд, ки ӯ дар пеши пайравони Масеҳ буданд, ва ӯ масеҳӣ шудан мехоҳад».

Синн Тек фақат як «Оҳ - - о-ҳ» -и дароз баровард.

«Онҳо ӯро мекушанд, - пичиррос зад ӯ, - Ин аниқ аст!»

«Ман бародари калониро дидам, - гуфт Яде. – Ман бо ӯ гап задам, ва илтимос кардам, ки ӯ гурезад, ё пинҳон шавад, ба ҳар ҳол ба хона барнагардад. Аммо ӯ намехоҳад. Ӯ меояд».

Дар ин муддат Синн Ҳап дар кӯча мегашт. Ӯ ором мегашт, ӯ ором буд. Ба ӯ метофт, ки ӯ тарс ҳис намекард. Чизе ки ҳам рӯй хоҳад дод, ҳеҷ чиз ба ӯ зарар расондан наметавонист ва ҳеҷ чиз хурсандии чуқури ӯро кам кардан наметавонист, ки дилашро пур мекард.

Ӯ истод, ҳангоме ки ӯ кӯдаконро аз дурӣ дид.

Синн Тек ҳам ӯро дид.

«Ана ӯ омада истодааст».

«Ман медонам. Биё меравем, чунон ӯ ба ман гуфт, Синн Тек. Ту ба падари мӯҳтарам гуфтан метавонӣ, ки ӯ ба наздикӣ меояд».

Онҳо рафтанро давом додан, ҳатто бародарони хурд даромаданд. Онҳо тамоман намедонистанд, чӣ ин ҷо рӯй медод ва пур аз тарс буданд. Лекин итоаткунон онҳо ба фармони падар гӯш карданд. Онҳо дар як кунҷ истоданд ва нигоҳ мекарданд.

Яде интизор шуд, то Синн Тек ба хона рафт. Ҳангоме ки ҳама чашмҳо ба ӯ афтиданд, ӯ тез даромад.

«Падари мӯҳтарам, - гуфт Синн Тек, ва боҳурмат дар пеши падараш таъзим кард. – Бародари калонӣ ҳозир меояд. Ӯ дар роҳ аст».

«Ӯ дар куҷо буд? Ӯро дар куҷо ёфтӣ?», пурсид падари мӯҳтарам.

«Ӯ дар роҳ ба сӯи хона буд», ҷавоб дод Синн Тек, ва баъд ба пеши бародарони хурдаш ба кунҷ рафт.

Якчанд лаҳза баъдтар дар кушода шуд, ва Синн Ҳап даромад.

Ӯ оромона дар ҷояш истод ва дар пеши оилааш таъзим кард. Рӯяш, назар ба рӯйҳои дигар, ки ба ӯ нигоҳ мекарданд, ором ва пур аз сулҳ буданд.

Падар ба ӯ савол дод.

«Ту дар пеши шайтонҳои бегона будӣ?»

«Ҳа, падари мӯҳтарам, - гуфт марди ҷавон оромона. – Ман дар назди пайравони Масеҳ будам. Бо воситаи онҳо ман дар бораи Исои Масеҳ шунидам,

писари Худои ҳақ. Ва аз ҳозир ӯ Худои ман аст, ва ба ӯ то охири умрам пайравӣ мекунам».

Ин калимаҳо ба хомӯшии том афтиданд. Синн Ҳап ором ва боҳурмат гап зад, лекин овозаш пур аз қатъият буд, ки дигарон фаҳмиданд. Ҳатто кӯдакон дар кунҷ инро ҳис карданд.

Синн Тек ба Яде наздиктар шуд. Ӯ дасташро дароз кард, ва онҳо дар ин ҳаяҷонӣ дасташонро пахш карданд ва интизор шуданд.

Модаи мӯҳтарам ин хел тарсид, ки ягон дод аз даҳонаш намебаромад.

Ин панҷ мардон, бобои пир, амакҳо, ва ҳатто амаки нашъаманди рақами се – ва падари мӯтарам - - чун як мард онҳо ба Синн Ҳап наздик шуданд.

Ӯ аз онҳо нагурехт. Чизе, ки ҳозир дар дилаш рӯй медод – ҳеҷ кас инро намедонист.

**БАРОИ Ӯ ШУДА**

Баъди чанд вақт пас ду нафари ларзон аз хона баромаданд ва ба як кунҷи ҳавлӣ рафтанд.

Мардони оила боз рафтанд. Онҳо баромаданд, дере нагузаша аз оне, ки падари мӯҳтарам писари калониашро хунрез ва шикаста аз дарвозаи ҳавлӣ баровард.

Кӯдакони хурд гиря карданд. Ҳам модари мӯҳтарам гирист ва ба кӯдаконаш тамоман тасаллӣ додан наметавонист, гарчанде ки ӯ онҳоро медид. Модар бо овози паст менолид, бо дили шикаста.

Биринҷ тайёр карда нашуд, ва ин хел наметофт, ки ягон хӯрок мешуд. Хона тоза карда нашуд. Ҳеҷ кас барои ин нигоҳ намекард, фарқ надошт.

Ва ҳеҷ кас намедонист, ки бо Синн Ҳап чӣ рӯй дод.

«Вай дар куҷо бошад», пичиррос зад Яде.

Синн Тек ҷавоб нагардонид. Ӯ ба замин нигоҳ кард. Баъд ӯ гап зад.

«Чӣ қадар бародарамон Исоро дӯст бояд медошт, ки барояш ин қадар азоб кашид», гуфт ӯ.

Яде ба ӯ нигоҳ кард.

«Ман ҳам Исоро дӯст доштан, сар мекунам, - гуфт ӯ бо овози паст. – Ман мехостам, бо ӯ беҳтар шинос шавам».

Синн Тек ба ӯ пур аз ҳайрат нигоҳ мекард. Ӯ донист, ки на ҷавонияш ва на барои он ки ӯ духтар буд, ӯро аз ғазаби падар паноҳ додан метавонист.

«Оҳ, апаи калонӣ!», оҳ кашид ӯ.

Яде каллаашро ҷунбонд.

«Ҳа, ман ин тарз фикр мекунам», гуфт ӯ.

Баъд ҳарду хомӯш шуданд, то бача бо гап задан сар кард.

«Биё, ба пеши дӯсти акаамон меравем, ба пеши Фан Ту. Мумкин ӯ ӯро ёфтан метонад, ва барои ӯ ғамхорӣ мекунад, агар -»

Ӯ ҷумлаашро бо «агар ӯ аллакай намурд» тамом накард, лекин ин буд, чизе ки ӯ фикр мекард.

«Ҳа, биё меравем!» Яде донист, ки ҳеҷ кас дар хона онҳоро ёд намекунад. Ҳамааш дар хона чаппа гардон буд.

Бародар ва апа ба шаҳр рафтанд. Қариб вақти биринҷхӯрӣ буд, ва ин тавр онҳо Фан Туро дар пушти мағоза бо падараш ёфтанд. Кӯдакҳо ба мағоза даромада, дар он ҷо интизор шуданд.

Фан Ту ба боло нигоҳ кард ва онҳоро дид.Ӯ тез фаҳмид, ки чизе рӯй дод, ва аз сабабе ки ӯ медонист, чӣ бо дӯсташ шуд, ӯ фикре дошт барои чӣ онҳо омаданд. Ӯ ба пеш баромад.

«Чӣ шуд, хоҳари хурд, бародари хурд?», пурсид ӯ. Ӯ марди меҳрубони ҷавон буд.

Чун ҷавон Синн Тек гиря карданро сар кард.

Ин тавр Яде маҷбур буд, ба ӯ хабари ғамгинро биёрад.

Баъд ӯ давом дод:

«Мо биринҷ нахӯрдем. Кӯдакон дод мезананд, ва модари мӯҳтарам ҳам гиря дорад. Оҳ, Фан Туи мӯҳтарам, бародарамонро ёфтан метавонӣ?»

Дар ҳар як дасташ як кӯдак, ӯ ба пушти мағоза рафт. Ба падараш кӯтоҳ фаҳмонд, чӣ рӯй дод. Падараш, ки чун писараш марди дилгарм буд, ба кӯдакокн нишонае дод, ки наздиктар биёянд.

«Биёед, ва биринҷ хӯред», даъват кард ӯ.

Синн Тек наздиктар омад, аммо Яде, чун зан, каме истод. Марди пир ба ӯ табассум кард.

«Биё, духтарам. Ман Исоро медонам ва дӯст медорам, писари ягонаи Худои ҳақ. Ба наздики ҳоло тамоми шаҳр инро мефаҳмад, ва ман бисёр азоб хоҳам кашид. Ҳозир биёед ва хӯред, ва ором шавед! Баъдтар мо ҳамакаса аз Худо илтимос мекунем, то Синн Ҳапро биёбем».

Вақте кӯдакон мехӯрданд, падар ва писар маслиҳат мекарданд. Акнун Яде худро беҳтар ҳис мекард. Вақте ӯ бо хӯрок тамом шуд, падар ва писар ба зону афтиданд ва бо Исои Масеҳ дуо карданд.

Ин ҳарду кӯдак, ки сарро хам карда чашмонашонро маҳкам карданд, ҳис карданд, ки дар наздикӣ як қувваи бузурге буд, ки ба онҳо ёрӣ хоҳад расонд.

«Мумкин ӯ пинҳон шуд», гуфт Фан Ту.

«Мумкин лекин ҳам дар лаби кӯча мурд», гуфт падараш.

«Акнун ба хона равед!, - гуфт марди пир ба Яде ва Синн Тек. – Натарсед! Мо касе дорем, ки пурзӯр аст ва ба мо роҳро нишон медиҳад».

Кӯдакон таъзим карда барои файзашон шукр гуфтанд. Фан Ту бо онҳо аз мағоза гузашт. Аз як қуттӣ ӯ ду даст пур аз шириниҳо баровард.

«Хуб, инро гиред, - гуфт ӯ, ҳангоме ки ду халтача пур мекард – ва дигар гиря накунед».

Онҳо ба хона давиданд. Вақте ба хонаи волидонаш расиданд, онҳо ҳоло ҳам гиряи кӯдаконро шунидан метавонистанд, лекин нолаи модар тамом шуд.

Аз кадом сабаб, инро фаҳмиданд, вақте даромаданд. Модари мӯҳтарам дар хона набуд. Кӯдакон гирякунон нақл карданд, ки модар рафт – аллакай кими кай. Онҳо надонистанд, ба куҷо. Вай биринҷ начӯшонид ва чой ҳам тайёр накард.

«Шумо ҳозир биринҷ ва ҷой мехӯред», ваъда дод Яде. Вай шириниҳои Фан Туро ба онҳо тақсим кард, ашкҳоро пок кард ва аз Субҳи Саҳар илтимос кард, ки ба ӯ ёрӣ расонад. Синн Тек бефикр ба ӯ нигарист.

«Модари мӯҳтарам ба куҷо рафта бошад?» гуфт ӯ.

«Шояд, - оҳиста ҷавоб дод Яде, - шояд ӯ акаи калониро мекобад».

Ин тавр ҳам буд. Модари мӯҳтарам мисли мардони хона бо саволҳои динӣ он қадар машғул набуд. Вай ҳам ҳаросон буд, хашмгин буд, лекин дар дилаш боз чизе буд, ки дар дили мардаш набуд.

Вай модар буд – ва вай писарашро дӯст медошт!

Вай аз хона баромад, то ки Синн Ҳапро ёбад. Вай гумон дошт, ки ӯ мурд, ё мурда истода буд. Ӯ бояд бисёр азоб кашида буд. Ӯ зада шуд, бо пойҳо пахш карда, бо корча зада ва баъд аз даҳони дарвоза партофта шуд. Лекин – аз даҳонаш ягон дод набаромад. Модари тарсон рӯи ӯро дид. Ин хел метофт, ки як чароғи равшан дар дарунаш буд.

Модари мӯҳтарам бо эҳтиёт ба поёни ҳама буттаҳо гирди хона нигоҳ кард. Вай дилпур буд, ки писари захмдор он қадар дур рафтан наметавонист. Вай аз ӯро ба хона овардан тарсид, лекин агар вай ӯро меёфт, ӯ ба писараш хӯрок овардан метавонист ва чизе, барои бастани захмҳояш. Оҳ, писараш! Писари калонияш! Охир ӯ чӣ кард, ки ин қадар ғам бар баҳраш омад?

Аммо баъд кофтани чандсоата модари мӯҳтарам баргашт. Вай монда ва гушна буд. Ӯ писарро ҳоло ҳам наёфта буд.

Вақте ӯ аз даҳони дар гузашт, ӯ қариб меафтид ва Яде ба пешаш давида омад. Модар ба Яде такя карда ба кат рафт, куҷое ки ӯ дароз кашид.

«Ин хел хуб аст, модари мӯҳтарам, каме хоб кунед! Ман чой қа биринҷ меорам. Ҳамааш хуб мешавад».

Модари мӯҳтарам бо чашмон пур аз саволҳо ба ӯ нигоҳ кард.

«Синн Ҳап? Ӯро ёфтанд? Ӯ дар паноҳ аст?»

Яде каме истод. Вай «ҳа» гуфтан наметавонист, барои он ки ӯ ҳеҷ чизи аниқ намедонист, лекин ӯ ҳис кард, ки ин тавр буд. Ҳамааш хуб мешавад, бо бародар ҳеҷ чиз намешавад.

«Фан Ту ва падараш ӯро мекобанд», гуфт ӯ оҳиста. Ӯ аниқ намедонист, ки модар аз масеҳӣ будани Фан Ту хабар дошт ё не. Аниқ ӯ инро дар бораи Фан Си, падари Фан Ту намедонист.

Бо ҳайрат Яде дид, ки модараш ҳеҷ чиз нагуфт. Вай ба қафо дароз кашид ва чашмонашро пӯшид. Ӯ дигар ҷавон набуд, ва доду войи саҳар ӯро хеле монда карданд.

Кӯдакон бо хӯрок тамом шуданд ва ба берун барои бозикунӣ рафтанд. Синн Тек лекин нопадид гашт. Яде ҳатто надонист, вай ба куҷо рафта буд. Модари мӯҳтарам хобаш бурд.

Яде бо корҳои хона сар кард. Вақте ӯ ба ин ва он тараф рафта, корҳояшро иҷро мекар, фикрҳои ҷиддии вазнин аз дилаш мегузаштанд. Вай ба «Исои Масеҳ» дуо мегуфт. Вай гап мезад ва баъд интизор мешуд, гӯё ки ӯ ҷавоби Худоро интизор буд.

Поён дар шаҳр, дар хонаи миссионерҳо Си-ҳианг мешишт ва бо кӯдакон бозӣ мекард, бо «Файз» ва бо «Хурсандӣ». Хурсандӣ, ин ҳамон номе буд, ки ӯ ба духтараш дод.

Дар дили Си-ҳианг хурсандӣ ва сулҳе буд, ки ӯ пеш ҳеҷ вақт нашинохта буд.

Ба ӯ менамуд, ки дилаш майдаи баъд буд барои ин хурсандие, ки ӯ дошт.

Ӯ бояд дар пеши ин дӯстони нав истад. Онҳо ӯро дар хонаашон доштан метавонистанд, барои он ки ва ба ҳеҷ кас – ягон хитоӣ – барои ин зани партофта шуда бо духтари хурди холдораш муҳим набуд. «Ту ёрдам додан метавонӣ, - онҳо ба ӯ гуфта буданд, - ту ба кӯдакон нигоҳ кардан метавонӣ». Ва Си-ҳианг ин хурсандии навро ба он калоне, ки дар дилаш буд, гузошт. Вай дили мондаи ғамгин ба Масеҳ супурд, ва Ӯ ӯро қабул кард, чӣ хеле ӯ буд.

«Кӯдакам ҳамеша масеҳӣ мебошад!, - гуфт Си-ҳианг. – Ӯ хабари хуши Исои Масеҳ мешунавад – вай хурсанд мешавад. Туан, номаш бояд хурсандӣ шавад». Ба наздикӣ таъмид мешавад. Си-ҳианг, модари ҷавон ва Фан Си, падари пир ва якчанд нафари дигар дар пеши одамон шаҳодат медиҳанд, ки онҳо мехоҳанд аз они Масеҳ шаванд.

Си-ҳианг шавҳарашро фикр кард. Бисёр вақтҳо ӯ ба вай хубӣ мекард! Вай ҳам Ядеро фикр кард, ки ба ӯ хӯрок оварда буд ва бо ӯ, ҳам агар кам бошад, дар бораи Масеҳ гап зад.

«Туан, - гуфт ӯ ба Штудд, - агар ман ба онҳо ягон хел ёрдам додан метавонистам, ба Яде ва шавҳарам – агар фақат медонистам, чӣ хел -»

«Мо барои онҳо дуо мегӯем, - гуфт Штудд, - Худо ин хел корҳои бузургро кардан метавонад, Си-ҳанг!»

«Ҳа, маро ба ин ҷо овард. Ӯ кӯдакамро ёфт. Ӯ диламро пур аз хурсандӣ кард», гуфт зани хитоии қадпаст. Чашмони сиёҳаш медурахшиданд.

Ҳардуяшон барои Синн Ҳап дуо карданд, барои Яде, барои модари мӯҳтарам, барои ҳамаи дигарон, ва бо боварии том, ки Худо ба кӯдаконаш мебахшад, Си-ҳианг донист, ки онҳо ҳам рӯзе ба пеши Худо бурда мешаванд.

Як бегоҳ, дар ҳамон бегоҳе, ки Фан Ту бо падараш Синн Ҳапро мекофтанд, вақте ки Яде дар вақти кори хона карданаш ба он Худо дуо мекард, ки қариб намешинохт, вақте ки модари мӯҳтарам пур аз ғам дар каташ мехобид – Си-ҳианг ҷавоб барои бисёр саволҳояш ва дуоҳояш ёфт.

Дере нагузашта баъд аз фуромадани офтоб як писари хурде ба дари миссионерҳо омад. Ӯ хабаре овард. Бибии мӯҳтарамаш, зани хитоии бихёр пир, касал буд. Оё Туан наметавонист, ба пешаш биравад ва вайро бинад, мумкин бо дуоҳо, бо ёрии каломи Худо ба вай тасаллӣ диҳад?

Дар асл қариб вақт барои ҷамоат рафтан буд, ки ҳар ҳафта дар калисои наздикии аҷинахона мегузашт.

«Ҳа, ман меоям», гуфт Штудд ба ин хабаррасони хурдсол. Баъд ӯ касеро ба Чанг Вай, масеҳии калонсолтарини ҷамоат, фиристод, ва аз ӯ илтимос кард, маъвизаро гузаронад, ҳамчун ки ӯ чанд маротиба карда буд.

«Мем»-ҳо барои ҷамоат рафтан тайёр шуд. Дар асл онҳо ҳарду кӯдакҳоро дар хона мемонданд, «дар дасти падар», чи хеле ки Штудд ҳама вақт мегуфт. Лекин имрӯз кӯдаки Си-ҳианг тасп мекард, ва ин тавр Си-ҳианг бо бемор монд, ки дар каташ ба ин ва он сӯ тоб мехӯрд.

«Мем»-ҳо аввал ба роҳ баромаданд. Акнун онҳо аллакай се кас буданд, зани миссионер ва ду дигарҳо. Дар наздикӣ боз як зани дигар меояд, азбаски кор дар ин ҷо зуд бисёртар шуда истода буд.

Штудд каме дертар рафт. Торик шудан гирифт, вақте ӯ бо як пакет хӯрокворӣ барои зани пир аз хона баромад. Он қадар бисёр кӯрпа ва хӯрокворӣ дар хона набуданд. Лекин ҳама вақт Худо чизи даркориро медод, ҳамон вақте, ки ба онҳо аз ҳама бисёр даркор буд. Инро ҳам Си-ҳианг фаҳмид.

Штудд чароғашро гирифт. Имрӯс топторик буд, моҳу ситораҳо намедурахшиданд, ва дигар равшанӣ набуд. Баъзе вақт дар торикӣ шунидан

мешуд, чӣ хел хитоиҳо суруд мехонданд. Бо ин тарз онҳо кӯшиш мекарданд, ки девҳои гандаро пеш кунанд.

Вақте ӯ зани пирро дида, аз хонаашон баромад, Штудд қарор кард, ки ба ҷамоат ҳам равад. Ӯ ба як роҳи танг даромад, ки дар он ӯ хеле оҳиста мегашт, барои он ки роҳ хеле сангсор буд.

Ин чашми хурди зарди чароғаш хеле кам равшанӣ медод. Яке ӯ истод.

Дар лаби роҳ, касе, ба девор такякунон мехобид. Аввал миссионер гумон кард, ки ӯ медонад, ки ин кист. Аллакай чанд маротиба ӯ инро дида буд: Нашъаманде, ки беҳуш дар роҳ мехобид.

Ӯ хам шуд.

Баъд чароғаш ба ӯ нишон дод, ки ин чӣ буд.

## СИ-ҲИАНГ МЕҲМОН ДОРАД

Си-ҳианг аз кушодани дар қариб тарсид. Вай аввал овози пасти қадамҳоро, ва баъд тақ-тақи мунтазамро шунид. Дар дасташ кӯдакаш буд. Акнун ӯ кӯдакро ба қуттӣ андохта, ба пеши дар рафт. Дилаш мезад, лекин ӯ онро бо дуои кӯтоҳ ором кард.

Вай дарро кушод.

Хона равшан буд, ва равшание, ки рӯи Си-ҳиангро дар соя мемонд, ба рӯи меҳмон афтид. Си-ҳианг як бор дод зада гуфт: «Яде!»

Ин Яде буд, лекин Ядее не, ки зани бародарашро ба хона бурдан мехост. Яде ғамҳои худашро дошт. Рӯяш аз гирякунӣ варам буд, ва чашмонаш пур аз тарс буданд.

Вай ин хел боҳаяҷон, ки овози Си-ҳиангро нашинохт.

«Мумкин ман бо мем ё бо Туан миссионер гап занам?, - пурсид ӯ ва давом дод: «Илтимос, илтимос!»

«Даро», даъват кард Си-ҳианг ӯро. Яде аз даҳони дар гузашта яке Си-ҳиангро шинохт.

«Оҳ, зани бародарам! Си-ҳианг!»

«Ҳа, ин манам. Лекин Яде, чӣ шуд?»

Як лаҳза Яде аз ҳайрат ғамашро фаромӯш кард.

«Ту ин ҷо?», нимғурма гуфт ӯ.

«Ман дар ин ҷо ва кудакам ҳам. Лекин барои чӣ ту гиря мекунӣ?»

Аз ба ҷои ҷавоб Яде боз бо гиристан сар кард. Ӯ рӯзи даҳшатнок дошт. Вай ва Синн Тек якчанд бор дар хонаи Фан Ту буданд, аммо ҳар даъфа як ҷавоб гирифтанд. Синн Ҳап ҳоло ёфта нашуд.

Вале чизе вайро бисёртар хавотир мекард: Модари мӯҳтарам ин хел хомӯш ва беҳаракат дар каташ хоб мекард. Ҳатто доду войи кӯдакон ӯро ба ҳаракат даровард. Яде ҳис кард, ки чизе бо модараш хуб набуд.

Аз ноумедӣ духтар ба миссионерҳо фикр кард. Вай донист, ки онҳо ба ӯ ёрӣ мерасонанд, агар метавонистанд. Ва Яде аз таҳти дил бовар мекард, ки онҳо медонистанд, чӣ тавр ёрӣ расондан.

Вай ба Си-ҳианг тамоми нақл гуфт, ва Си-ҳианг гӯш кард.

Си-ҳанг худаш донист, ки он қадар кардан наметавонист, лекин вай ҳамон чизе кард, ки дар қувваташ буд.

«Ба пешам шин ва ором шав! Миссионерҳо ба зудӣ бармегардад. То ин Вақт мо як чиз кардан метавонем, Яде. Исо ба мо гӯш мекунад, агар мо бо ӯ гап мезанем, - Вақте ӯ нигоҳи ҳайрони духтарро дид, ба ӯ фаҳмонд:

«Ман ҳозир аз они ӯ ҳастам, Яде. Ман диламро ба ӯ тӯҳфа кардам, ва акнун масеҳӣ ҳастам».

«Синн Ҳап масеҳӣ аст, - гуфт Яде. – Ин Худои нав бояд қуввати пурзӯр дошта бошад. Синн Ҳап барои ӯ зиндагияшро қурбонӣ мекард. Шояд ӯ ҳақиқатан барои ӯ мурд».

«Исои Масеҳ, хости ту шавад!» Си-ҳианг дасти Ядеро гирифт.

«Биё, кӯдаки маро якбор бин. Номаш Хурсандӣ аст. Бин, ин кӯдаки мем аст. Номаш файз аст. Вай ҳам забо ҳаст, ҳам агар чашмонаш кабуд ҳастанд ва мӯяш мисли кӯдаки ман сиёҳ нестанд».

Яде ба духтарчаи Яде нигоҳ кард, ва нигоҳи ба холи хунсурхи чеҳрааш афтид. Вай ба Си-ҳианг нигоҳ кард, ба модари бофахр ва хушбахт. Ва Си-ҳианг фикрҳои Ядеро фаҳмид. Вай чизе гуфтан мехост – лекин, ин чӣ мебуд? Вай Хурсандияшро ба оғӯшаш гирифт ва чеҳраи кӯдакро бӯса кард. « Вай ҳамеша пур аз хурсандӣ мебошад, зеро муҳаббати Исо барои ӯ ҳамавақт мешавад», пичиррос зад ӯ бисёртар ба худ гуфта.

Яде ба дигар кат нигоҳ кард.

«Вай духтар аст?», пурсид ӯ.

«Ҳа, - гуфт Си-ҳианг, - ва Туан ӯро бисёр дӯст медорад. Ин тамоман шармадагӣ нест, агар кӯдак духтар бошад».

Баъд онҳо қадамҳо дар назди дар ва овозҳои Штуддро шуниданд.

«Си-ҳианг, дарро илтимос кушо!»

Си-ҳианг ба пеши дар рафт. Вай ҳайрон буд, барои он ки дар асл Штудд ҳеҷ вақт тақ-тақ намекард. Дар лаҳзаи дигар ӯ фаҳмид, барои чӣ ӯ инро накард. Дар дастонаш ӯ бадани пурхуни беҷонро медошт.

«Оби гармро тайёр кун. Ҳама латтаҳоро, ки меёбӣ барои бастан биёр!»

Штудд ин бори вазнинро ба замин ба пеши оташдон монд. Вақте ӯ дар ҳуҷра мегашт, ӯ духтари бегонаро дид. Си-ҳианг ба нигоҳи саволияш йавоб дод.

«Туан, ин Яде аст».

Миссионер ҳама чизе, ки Си-ҳианг гуфтан мехост, аз ин калимаҳо фаҳмид. Ӯ ба меҳмони ҷавонаш нигоҳ кард.

«Мо ҳамдигарро аллакай пеш дида будем, - гуфт ӯ меҳрубонона -, фақат ман номатро намешинохтам. Хуш омадӣ! Ту ба мо ёрӣ мерасонӣ -?»

Чизе ки ҳам миссионер гуфтан мехост, аз доди Яде бурида шуд.

Вай истода буд, нигоҳ кард, вақте ки Си-ҳианг обро гарм мекард. Вақте Штудд ин марди ҷавонро ба замин монд, равшанӣ ба рӯяш афтид.

Яде дар пешаш ба зону ғалтид.

«Ин бародари калонии ман аст! Ин Синн Ҳап! Оҳ, ӯ ёфта шуд».

Си-ҳианг, ки нав баргашт, қариб чойник бо обро афтонд.

«Туан, Туан, - фарёд зад ӯ, - Худо ба шукр. Исо моро шудин. Ӯ худаш Синн Ҳапро ёфт! Туян, ин захмҳое, ки ӯ дар баданаш дорад, барои ӯ шуданд».

«Ҳа, Худо ба шукр», гуфт миссионер.

Вале дар ин лаҳза онҳо ҳама чиз бояд мекарданд, то ки Синн Ҳап зинда мемонд. Агар ӯ ҳам зинда мемонд, ӯ тамоми зиндагияш нишонаҳое дар бадаш медошт, ки ба ин вақти шаҳодаташ ёдоварӣ мекард.

Захми тоза карда басата шуданд. Шири ширгарм ба даҳонаш андохта мешуд. Ӯ қурт мекард. Ва каме оҳ мекашид.

«Акнун мо бояд духтурро фарёд кунем», гуфт Штудд.

Си-ҳианг донист, ки ӯ чӣ мақсад дошт. Вай мисли ӯ ба зону афтид, дастҳояшро якҷоя кард ва чашмонашро пӯшид.

Яде ба гирду атроф нигоҳ кард. Ягон «Худо» набуд ва ҳеҷ кас ғайр аз онҳо ва кӯдакон дар хона набуданд – лекин ӯ ҳис кард, ки касе дигар дар ҳуҷра буд, касе – пур аз ҳаёт, пур аз аз қувват, муҳаббат ва қудрат.

«Худои онҳо мисли худоёни мо нест», фикр кард духтар, ва дар дилаш як гушнагӣ пайдо шуд.

Баъд яке ӯ як фикр дошт: «Модари мӯҳтарам!» Яде тарсид, ки модараш мемурад, лекин он чизе, ки ҳозир рӯй дод, ӯро мумкин наҷот доданд метавонист.

Ӯ оҳиста аз хона баромад, бе аз оне ки ин ду нафар инрп фаҳмиданд.

Дар дарвоза ӯ бо мемҳо вохӯрд, ки аз ҷамоат баргаштанд. Ту хитоиҳо бо онҳо буданд. Ҳам агар ӯ вақт медошт, ӯ дар ин торикӣ онҳоро намешинохт.

Онҳо Фан Ту бо падараш буданд. Фан Ту ба ҷамоат омад, то ки бо миссионер дар бораи Синн Ҳап гап задан тавонад ва барои ӯ ёрӣ илтимос кунад. Акнун онҳо умед доштанд, ки ӯро дар хона меёфтанд.

Яде дари хонаро кушода монд, вақте ӯ аз хона баромада буд. Равшании чароғ ба торикии шаб мебаромад. Вай шунидан метавонист, чӣ хел миссионер бо Исо гап мезад.

Бо овози паст ҳама даромаданд ва ба зону афтиданд.

Ин хел Исо омад – ҳамон хел, ки ӯ ваъда дод, ҳамеша ваъда дода буд – ва «дар байни онҳо буд».

**«МОДАРИ МӮҲТАРАМ – ХЕЗЕД!»**

Дар хонаи тарккардашуда тамоман хомӯш буд. Мардон ба шаҳр рафтанд. Мумкин онҳо дар барҳо тасаллӣ ёфтан хостанд. Кӯдакони монда дар пеши оташдон нишастанд. Модари мӯҳтарам дар ҳамон ҳолат буд, чунон ки Яде ӯро дида буд.

Модар зани ҷавон дигар набуд. Вай аллакай ба бисёр кӯдакон ҳаётро бахшид. Вай бисёр кор карда кам хӯрда буд. Бадани ӯ беҷон буд. Дили ӯ дар ин дунёи торик ягонбор аз ягон умед донистa буд?

Ва акнун ин зарбаи сахт: гум кардани писари калонияш! Ҳа, гум кардани ӯ дили модарро шикаст! Тарс, Шарм, Боварӣ ба чизҳои ночиз он қадар вазн надоштанд. Муҳаббати модар аз ҳамааш мегузашт.

Яде ба ин бадани ором хам шуда пичиррос зада гуфт:

«Модари мӯҳтарам – гӯш кунед – хезед! Писаратон ёфта шуд! Ӯ наҷот ёфт!»

Зани бечора чашмонашро кушод. Як равшании хурде дар рӯяш буд.

«Писарам?»

«Ӯ захмдор аст, модари мӯҳтарам, лекин ӯ дар хатар дигар нест. Ӯ... – ва Яде каме истода, надонист, ки инро гӯяд ё не, - ӯ дар пеши пайравони масеҳӣ аст. Ва, о модари мӯҳтарам, Исо худаш дар он ҷост. Ман ӯро дидан натавонистам, лекин ман ҳис кардам, ки ӯ дар он ҷо буд. – Ва, модари мӯҳтарам, Си-ҳианг ҳам бо кӯдакаш дар он ҷост».

Аммо барои модар фақат як чиз маъно мекард.

«Писарам», боз як бор пичиррос зад ӯ.

«Онҳо барои ғам мехӯранд, ёрӣ медиҳанд». Яде худаш ҳайрон буд, ки ӯ аз н дилпур буд. Лекин ӯ донист, ки бародараш дар дасти хуб буд.

Модари мӯҳтарам аз ҷояш хестан хост.

«Ман бояд ба кӯдакон нигоҳ кунам», гуфт ӯ. Вай дасти харобашро дароз кард, то ки ба духтараш муҳаббаташро баён кунад. Хитоиҳо ин хел тез ҳиссиётҳояшонро нишон намедиҳанд. Хизмат ва Итоат аз муҳаббат дида дар хонаи хитоӣ муҳимтар буд.

Ҳеҷ кас, ба ғайр аз ин ду кӯдак, дар ин шаб дар хонаи миссионерҳо хоб рафт.

Синн ҳап хеле бемор буд, вале вақте субҳ дамид, ӯ оҳ кашид ва чашмонашро кушод – ва Штуддро дид.

«Синн Ҳап, ин манам, Си-ҳианг, зани ту, - пичиррос зад Си-ҳианг. – Ва ман ҳам ба Исо боварӣ дорам».

Ин ном ба торикии фикрҳояш даромад. Аз рӯи пур аз дард як шӯълаи равшан омад.

«Исо», ӯ бо овози паст гуфт, ва баъд ба дигар тараф хобид.

Хонум Штудд Си-ҳангро оҳиста ба як тараф гузошт.

«Ӯ бояд ҳозир хоб равад. Исо, духтур, ӯро ҳоло сиҳат мекунад».

Си-ҳианг наҷунбид. Ӯ хоҳише дошт, ки ба зону афтад ва рӯяшро ба замин гузорад. Оё ҳозир ӯ бузургии Худоро надида буд?

Дар рӯзи дигар модари мӯҳтарам бо корҳояшро иҷро кард. Вай оҳиста роҳ мегашт ва ҳоло касал метофт, лекин кӯдакон модарашонро боз доштанд, баъд аз он ки онҳо дирӯз ин хел тарк карда шуданд.

Баъдтар дар саҳар Яде аз модараш иҷозат пурсид, ки ба хонаи миссионерҳо рафтан тавонад ва Синн Ҳапро бинад. Модари мӯҳтарам розӣ шуд, ҳа, ӯ ӯро ҳатто фиристод. Вай худаш як фикр дар дилаш дошт, ки гуфтан намехост.

Синн Тек бо хоҳараш рафт. Кӯдакон бо роҳҳои пинҳон ба хонаи миссионерҳо рафтанд. Яде, ки дар дилаш як ҷасурии калон дошт, ба ҳама намоён ба он ҷо мерафт, лекин бародараш метарсид. Вақти зиёд бояд мегузаш то Синн Тек он рӯзро фаромӯш кардан метавонист, ки рӯз пеш аз ин рӯз рӯй дида буд.

Катҳои кӯдакон дар ҳавлии миссионерҳо монда шуд. Дари хона кушода буд, ва офтоби саҳарӣ ба хона медурахшид. Дар дарун Штудд менишаст ва мактубҳо менавист. Ӯ ва Си-ҳианг ғамхорӣ ба Синн Ҳап мекарданд.

Синн Ҳапп худашро беҳтар ҳис мекард. Ӯ – ин чун мӯъҷиза буд – беҳтар шуд. Албатта ӯ ҳоло ҳам дард дошт, ва захмҳояш месӯханд, лекин ӯ каме гап задан меавонист. Си-ҳианг дар пешаш мешишт ва онҳо дар бораи мӯъҷизае гап заданд, ки ба онҳо рӯй дод.

Си-ҳианг Худоро ҳамду сано мехонд. Ӯ марди ӯро наҷот дод, ва акнун онҳо бо кӯдак якҷоя як оилае ташкил кардан хостанд, ки боварӣ ба чизҳои ҷодугарӣ ва тарс набуд, балки Исо бо тамоми муҳаббаташ дар зиндагияшон роҳбарӣ бояд мекард.

Яде дар даҳони дар меистод, ва ба ин сурат нигоҳ кард, ки ӯ ягон бор дар хонаи худ ё дар хонаи дигар кас дида буд: Мард ва занаш, ки ҳамдигарро дар дастҳояшон медоштанд ва бо ҳамдигар гап мезаданд!

Яке аз кӯдакон дар берун гиря мекард. Си-ҳианг аз ҷояш хест. Дар дар ӯ Ядеро дид. Дар пушти Яде Синн Тек меистод, тарсон ва бемақсад, лекин кунҷков.

Си-ҳианг ба ҳарду салом гуфт ва онҳо ба даромадан даъват намуд. Штудд аз кораш хест. «Дароед, хоҳару бародари хурд. Акаатон аллакай худро беҳтар ҳис мекунад».

«Яде! Синн Тек!», фарёд зад Синн Ҳап бо овози паст ва бо табассуми суст.

Штудд ба кӯдакон дароз истодан иҷозат надод. Синн Ҳап бояд истироҳат кунад. Кӯдакон боз рафтанд ва саломи Синн Ҳап барои модар бо худ гирифтанд.

«Ба ӯ гӯед, ки ман қариб сиҳат ва хушбахт ҳастам».

Штудд кӯдаконро то ба пеши дарвоза пешвоз кард.

«Ба модари мӯҳтараматон гӯед, ки мо хеле хурсанд мешудем, агар ӯ барои меҳмонии писараш меомад».

Кӯдакон боэҳтиромона таъзим карданд. Дар кӯча Синн Тек фикр кард:

«Падари мӯҳтарам инро ҳеҷ вақт иҷозат намедиҳад!» Ӯ як фикри даҳшатноке дошт, ки бо модар мисли Синн Ҳап рафтор карда мешуд.

«Онҳо метавонистанд, дар шаб раванд?», фикрашро баён кард Яде. Вай фаромӯш кардан наметавонист, чӣ хел хушбахт Си-ҳианг метофт ва чӣ ӯ гуфта буд.

**ШАБОНА**

Модари мӯҳтарам як ҷанги дарунии сахт бояд мебурд. Дар як тараф ӯ писарашро дӯст медошт, лекин дар тарафи дигар ӯ на танҳо аз шавҳараш метарсид, балки аз ҳама бадие, ки дар хонаи шайтонҳои бегона буд.

Аммо Синн Ҳап дар байни ин бадиҳо буд, ва аз сабабҳои нофаҳмо ба ӯ фақат хубӣ дучор шуд. Агар ҳамааш ин хел рӯй медод, чӣ хел бояд рӯй диҳад, писараш дар пушти ягон буттае аз падар ва аз худоён зада кушта мебуд. Лекин ин тавр набуд – касе бояд ин ҷо амал карда бошад.

Дар торикии шаб се нафарон ба хонаи миссионерҳо наздик шуданд. Штудд меҳмомонро ҳамон шабе даъват намуд, ки фақат занаш дар хона буд.

Хонум Штудд дар ҳамон кунҷи хона китоб мехонд, куҷое ки Синн Ҳап хоб буд. Ӯ аз ҷояш найунбид, вақте ки Си-ҳианг дари хонаро барои меҳмонон мекушод.

Си-ҳианг худро дар пеши хуштоманаш хам кард, вале модари мӯҳтарам ба ӯ аҳамият надод. Си-ҳианг дар бефайзӣ афтида буд – ё ин Си-ҳианг набуд, ки барои ҳамаи ин айбдор буд?

Модари мӯҳтарам ба пеши писараш шитофт. Вай ба зону афти. Яде шармгин ба пеши катчаҳо рафт, куҷое ки ҳарду кӯдакон хоб буданд. Синн Тек дудила дар дар истода монд.

Хонум Штудд ба боло нигоҳ кард ва писарро дид. Вай ӯро ба даромадан даъват кард, ва ба модараш нигоҳ карда ӯ итоат кард.

Хонум Штудд дар як китоби суратдор варақ мезад. Ин барои Синн тек, чун ҳар бача, хеле дилкаш буд.

«Исо бо кӯдакон», ин сурат, ки ба ин хел бисёр кӯдакон маълум аст, Синн Текро ба ҳайрат даровард. Дар он ҷо кӯдакон аз ҳама ҷои дунё буданд, ки гирди Исо буданд. Дар он ҷо кӯдаки хитоӣ ҳам буд. Синн Тек ӯро боз ва боз нигоҳ кард ва хеле ба фикр афтид.

Баъди якчанд вақт хонум Штудд Синн Текро бо суратҳояш танҳо монд ва ба пеши модари мӯҳтарам рафт.

Дар ҳамон муддат модар худро аз кат дур кард. Миссионер бо овози меҳрубон ба ӯ гап зад.

«Писарат ҳоло хеле захмдор аст, илтимос ин қадар дароз дар пешаш наисто, лекин боз биё, кай ки тавонӣ. Худо ба мо нишон медиҳад, чӣ тавр мо ба ӯ ёрӣ расондан метавонем, ва ба наздикӣ ӯ пурра сиҳат мешавад».

Модари мӯҳтарам эҳтиромона худро таъзим кард ва чизи бо шукр миш-миш карда гуфт.

Вай ҳатто кӯдакро, ягона набераашро надид, ва ӯ ҳам ба Си-ҳианг назар накард.

Дар берун Яде гуфт:

«Онҳо ба нисбати бародари калонӣ хуб рафтор мекунанд, модари мӯҳтарам».

«Ҳа, ман дар он ҷо чизи ганда надидам», модар розӣ шуд.

«Бародари калон ба наздикӣ сиҳат мешавад», давом дод Яде.

«Агар ман боз ба он ҷо меравам, ман ба Худои онҳо ягон қурбонӣ меорам, - фикр кард модари мӯҳтарам, - Каме биринҷ ва чой ё ҳатто каме пул -»

Вай бе гап задан роҳашро давом дод, фикр карда, ки чӣ ӯ инро ба амал овардан метавонист, азбаски чой ва биринҷ, ва пул албатта, дар хона хеле кам буданд. Лекин агар вай дар рӯзҳои оянда худаш камтар биринҷ мехӯрд...

Оҳиста, тарсида онҳо надида ба хона даромаданд. Мардон ҳоло барнагаштанд, ин тавр ҳамааш хуб гузашт.

Модари мӯҳтарам дар рӯзҳои омада ягон имконияте надид, то ки ба пеши писараш равад.

Баъд рӯзе Синн Тек бо як огоҳӣ ба хона давид. Бача, чун ӯ оддат дошт, дар лаби як тӯда одам истода буд, ки худро дар бозор ҷамъ мекард.

Яке ӯ ҳис кард, ки касе ӯро нигоҳ мекунад. Сунг Чинги пир, як дӯсти падар, дар тӯда буд ва ягон душмани хатарноктар аз ӯ дида вуҷуд надошт.

Бисёртар ҳиссиёт аз хатар дида ӯро ба хона давонд. Ӯ хоҳарашро ёфт ва тарсашро ба ӯ фаҳмонд.

Яде ними тарси ӯро дошт.

«Якбор фикр кун, чӣ тавр Худои пайравони Масеҳ ба Синн Тек ёрӣ расонданд, - гуфт ӯ, - ман худам аз падар намеарсидам, агар ин Худо бо ман мебуд».

«Ту охир фақат зан ҳастӣ, ва аз ин сабаб падар ин қадар хашмгин намешуд», ӯро ба хотир овард Синн Тек.

Яде ҷавоб надод. Лекин ӯ модарашро огоҳ кард. Шояд онҳо ҳамаашон аз касе пуштибон карда мешуданд.

«Лекин ман бояд писарамро бинам, гуфт зани пир. – Ва ман бояд ба ин Худо тӯҳфаамро диҳам. Чие ки ман мекунам, дууст аст».

Якчанд шаб баъдтар модари мӯҳтарам ва Яде боз ба хонаи миссионерҳо равона шуданд. Синн тек бо онҳо ҳамроҳ нашуд. Шояд ӯ мехост, лекин ӯ аз падараш метарсид. Ӯ дилпур буд, ки падари мӯҳтарам ҷосусон дошт. Ва ҳозир, ҳангоме ки Синн Ҳап бе мерос монд, ӯ охир писари калонӣ буд.

Шаб торик буд. Меҳмонхонаи миссионерҳо равшан ва бороҳат буд. Фақат Синн Ҳап, Си-ҳианг ва кӯдакон дар он ҷо буданд. Ҳамаи дигарон дар шаҳр дар ҷамоати хурд буданд.

Модари мӯҳтарам дар дасташ як пакет биринҷ ва се танга дошт. Ин тӯҳфа барои Худои ин одамон буд, ки ҳам Худои писараш буд.

Синн Ҳап барои модараш навигарӣ дошт. Ӯ худашро аллакай беҳтар ҳис кард. Фан Си барои ҷои кор ёфт ва вақте ӯ боз қувват пайдо мекард, ӯ ба кор баромадан хост. Ва як хонача ҳам тайёр буд, куҷое ки ӯ бо Си-ҳианг ва кӯдакаш зиндагӣ кардан метавонист.

Синн Ҳап ҳам дар дигар тараф ором буд. Штудд ба марде, ки Синн Ҳап қарздор буд, навист, ва ӯ розӣ шуд, ҳамон қадар интизор шавад, то пули Синн Ҳап барои қарз расад. Дар ин вақт Си-ҳианг низ якчанд танга кор кардан мехост, вақте ки ӯ хонаи миссионерҳоро тоза ва кӯдаконро нигоҳ мекард. Бо ин тарз ӯ низ ёрӣ расондан метавонист.

Модари мӯҳтарам бо ҳиссиёти гуногун гӯш кард. Ӯ шд буд, ки писараш дар наздикӣ мемонд, лекин ҳамин наздикӣ барояш хатарнок буд. Падари мӯҳтарам ва дигар мардони оила ва дӯстонашон хеле хашмгин буданд.

Баъди якчанд вақт миссионерҳо баргаштанд.

Фан Ту бо онҳо омад. Ӯ ба модари мӯҳтарам салом гуфт ва ба Яде табассум кард. Баъд ӯ вайро боз якбор нигоҳ кард. Ӯ яке дарк кард, ки вай ҳамон «духтари хурд» дигар набуд, ки ӯ то ҳоло дида буд.

Вале Яде дар нигоҳаш ҳей чиз надид. Вақте ки модар бо Синн Ҳап гап мезад, ӯ бо Си-ҳианг гуфтугӯ мекард. Боз ва боз онҳо дар сӯҳбаташон дар бораи Исои Масеҳ, муҳаббаташ ва файзи ӯ, ки ӯ ба онҳо бахшид.

Дар ин шаб, дар ин гирду атрофи бороҳати равшан, Яде дар дилаш як пазмоншавӣ ҳис кард. Вай низ наҷоткорро меҷуст, чун кӯдаке падарашро мекофт. Модари мӯҳтарам тӯҳфаҳояшро бардошта, дар пеши хонум Штудд худро хам кард ва аз ӯ илтимос кард, ки ин тӯҳфаҳоро ба пои Худои онҳо гузорад.

Хонум Штудд зани пирро ба як кунҷ бурда, ба ӯ оҳиста фаҳмонд, ки Худои онҳо тӯҳфаҳоро қабул намекунад. Дар суратҳои худ ӯ якто ёфт, ки Масеҳ дар салиб буд ва инро ба модари мӯҳтарам нишон дод.

«Ин тавр ӯ худро барои ман ва ту қурбонӣ кард, хоҳари меҳрубон», ва вақте ин аз лабҳояш омад, ӯ дар дилаш дуо мекард.

«Ман дар бораи ӯ бисёртар донистан мехоҳам, - гуфт модари мӯҳтарам оҳиста, - лекин, - давом дод ӯ ва шавҳарашро фикр кард, - ман ин ҳамаашро дар дилам бояд маҳкам кунам».

«Ва ӯ меояд ва дар дилат вомехӯрад», гуфт хонум Штудд.

Вақт барои рафтан шуд. Модар ва духтар худашонро чуқур пеши онҳо таъзим карданд ва ба берун рафтанд.

Модари мӯҳтарам аввал сар кард:

«Худои онҳо ҳақиқатан мисли худоёни мо нест», гуфт ӯ, ҳамчунон мисли чанд кас инро гуфта буд, ва ҳамчунин чанд кас ҳоло мегӯяд.

«Модари мӯҳтарам, - гуфт Яде, - Модари мӯҳтарам, ман ҳам ӯро пайравӣ кардан мехоҳам!»

Модараш ба ӯ ҷавоб дод. Ӯ ҳоло ҳам бо Си-ҳианг гап назад, аммо рафторашро дид.

Модари мӯҳтарам медонист, ки ин хел фикрҳо аз духтараш бояд намемонд, ҳа, вай бояд хашмгин бошад – лекин аҷоиб ки ӯ набуд!

Вақте онҳо ба хона наздик шуданд, модари мӯҳтарам каме тарсид. Чӣ мешуд, агар шавҳараш мефаҳмид, вай дар куҷо буд?

Вай боз бисёртар метарсид, агар ӯ ин нафарро медид, ки бо чароғи пӯшида аз пушти онҳо ба хонаи миссионерҳо рафт.

## ДАР ПӮШИДА МЕШАВАД – ДАР КУШОДА МЕШАВАД

Синн Тек дар торикӣ медавид. Ӯ худро ба таги буттае партофт. Ӯ гиря мекард, тамоми баданаш меларзид.

Баъд ӯ яке қадамҳо ва нури чароғе дид, ки апааш медошт. Ӯ ба кӯча баромад.

«Модари мӯҳтарам! Апаи калонӣ!»

«Синн Тек! – фарёд зад Яде, вақте ки ӯ рӯи Синн Текро дид: - Чӣ шуд?»

«Оҳ, апаи калонӣ, - гиря кард Синн Тек, - ин хел даҳшатнок! Онҳо дарро қуфл карданд!»

Модари мӯҳтарам талхакаф шуд. Вай хеле хуб медонист, ки ин чӣ маъно дошт. Ба пеши Синн Ҳап рафтанаш бояд касе фаҳмида бошад. Шавҳараш фаҳмид. Як лаҳза ӯ чун шах буд, лекин баъд ӯ ба пеши хона шитофт.

Синн Тек ӯро дар куртааш дошт ва ӯро мондан нахост.

«Модари мӯҳтарам, модари мӯҳтарам – падари мӯҳтарам хеле хашмгин аст».

«Лекин кӯдаконам», гуфт ӯ кӯтоҳ ва бо шитоб кардан давом дод.

Ҳардуяшон аз пушти ӯ рафтанд. Онҳо ба ҳавлӣ якҷоя даромаданд, барои он ки дарвоза қуфли вайрон дошт.

Леки дари хона сахт маҳкам буд.

Дар дарун мардонро шунидан мешуд, ки баланд ва ғазабнок бо ҳамдигар гап мезаданд. Кӯдакон гиря мекарданд.

Модари мӯҳтарам меларзид, лекин ӯ ба пеши дар рафт ва тақ-тақ кард.

Овозҳо хомӯш шуданд, лекин дарро кушодан намешуд. Яке овози падарро шуниданд:

«Кӣ тақ-тақ мекунад?»

«Занат, шавҳари мӯҳтарам», ҷавоб дод модари мӯҳтарам, лекин овозаш бегона метофт.

«Рав, зан! Ба пеши шайтонҳои бегонаат рав. Ин аз ҳозир дигар хонаи ту нест, ва кӯдакон кӯдаконат дигар нестанд – ва ман дигар шавҳарат нестам. Рав!»

Овози падар аз дар мегузашт.

Ин барои модари бечора бас буд. Вай бо дод задан сар кард ва бо муштҳояш ба дар мезад.

Яде ва Синн Тек надонистанд, чӣ кунанд. Онҳо донистанд, ки чӣ рӯй медиҳад, агар падар дарро мекушод. Яде дастони модари мӯҳтарамро гирифт.

«Модари мӯҳтарам, инро накун, аз ин ҷо гурез!»

«Лекин боз ба куҷо равам?»

Ҳа, ба куҷо? Ин хонаи онҳо буд, охир! Ин кӯдакони ӯ буд, ки он ҷо гиря мекарданд. Ин шавҳараш буд, ки вай ба ӯ чанд сол вафодор буд. Модари мӯҳтарам ба куҷо рафтан метавонист?

Баъд аз якчанд лаҳза овозҳо хомӯш шуданд.

«Акнун онҳо хоб мекунанд», миш-миш кард Синн Тек.

Лекин ӯ ин калимаҳоро тамом накарда, чизе рӯй дод. Дар кушода шуд. Дар даҳони дар рӯи падарро дидан мешуд, ки хеле хашмгин буд. Ба зану духтараш аҳамият надода, ӯ дасташро дароз кард, Синн Текро ба хона даровард. Дар маҳкам шуд ва сахт қуфл карда шуд.

Акнун ҳарду занҳо дар пеши дар меистоданд.

Яде дасташро ба китфони модараш монд.

«Биё, ба хонаи миссионерҳо меравем, - гуфт ӯ, - Онҳо барои ин шаб ба мо ҷой медиҳанд. Синн Ҳап низ дар он ҷост. Биё, модари мӯҳтарам, биё!»

Модари бечора хеле беҳол буд. Ӯ намедонист, ки чӣ кунад. Яде чароғро боз гирифт, ва ним бардошта, ним ба даст гирифта модарашро ба кӯча бурд.

Онҳо дар хонаи миссионерҳо нарасида, модар дигар ҷон надошт. Ӯ беҳуш шуда ба замин афтид. Яде кӯшиш кард, ки ӯро боз ба пояш бардорад, лекин натавонист.

Яде ҷароғро гирифт ва ба ҳавлии миссионерҳо даромад. Ҳамааш ором буд. Ҳама хоб буданд, танҳо Штудд дар пеши оташдон нишаста китоб мехонд. Ӯ дарро ба духтари гирякуноне, ки ларзида дар дасташ чароя буд, кушод.

Духтар ба ӯ дар бораи дари маҳкам нақл кард. Штудд ӯро даъват кард, ки дарояд. Ӯ як деволро ба пеши кате, куҷое Синн Ҳап хоб мерафт монд ва рафт, то ки занашро хезонад.

Штудд чароғи Ядеро гирифт, то ки модари Ядеро биёрад.

Вай боз баҳуш омадаа буд, лекин ҳоло гап задан натавонист. Миссионер вайро бардошт, ҳамон хеле, ки ӯ писарашро ба хонаи «дари кушода» бардошта буд.

Хеле хомӯш, то ки ба Синн Ҳап халал нарасонанд, Штудд ва занаш ҷои хоб барои Яде ва модараш тайёр карданд. Духтар чой нӯшид, аммо модари мӯҳтарам ҳеҷ чиз нахост, вай тамоман шикаста буд.

Модари мӯҳтарам аллакай бисёр дар бораи заноне шунида буд, ки аз мардонашон пеш карда шуданд. Лекин ки ба ӯ низ ин ҳодиса рӯй медод, боварияш намеомад.

«Пагоҳ саҳар, - пичиррос зада гуфт зани Штудд, - пагоҳ саҳар мо ба хонаат меравем ва бо шавҳарат гап мезанем. Мумкин ӯ баъд аз хоб кардан дигар хел фикр мекунад, ва баъд – ту ба вай барои пухтани биринҷ ва нигоҳбини кӯдакон даркор ҳастӣ!»

Модари мӯҳтарам ҷавоб надод. Лекин дар дили шикастааш ӯ медонист, ки шавҳараш зани дигарро ёфтан метавонист, агар мехост.

Ҳангоми соатҳои дарози торик ин зани бечора худро дар ҷога ба ин тараф ва он тараф мепартофт. Пеш аз баромадани офтоб хобаш бурд.

Штудд хеле барвақт хест ва ба хонаи модари мӯҳтарам рафт. Лекин дер буд, ҳам агар рӯз нав сар шуда буд.

Дари хона калон кушода буд – хона холӣ буд.

Оилаи бечора он қадар чора надошт ва ҳамаашро тез ҷамъ кард. Падари мӯҳтарам ва ҳама, ки бо ӯ буданд, рафта буданд.

Тарс, ки бегонаҳо чӣ кор мекунанд, хашм зидди писар, зидди занаш, падарро ба ин қадам маҷбур карда буд. Акнун дигар ба қафо рафтан натавонист.

Ҳангоме ки Штудд баргашт, Яде аллакай хеста буд. Штудд ба ӯ нақл кард, ки чиро дар он ҷо ёфт. Яде хеле ором гӯш кард.

«Туани мӯҳтарам, падари мӯҳтарамам аз баргаштанам розӣ намешуд, агар ӯ медонист, ки ман пайрави Исо мешавам. Ин тавр ман ба модарам ғамхорӣ кардан метавонам».

Дар ин рӯзҳо модари мӯҳтарам хеле парешонфикр буд. Ӯ ин хел хомӯш дар ҷогааш хоб мерафт, ки ҳама фикр карданд, ки ӯ мемурад. Лекин як бегоҳе, ҳангоме ки миссионер дар пеши ҷои хобаш дуо мекард, зани пир чашмҳояшро кушод.

«Ҳамин Масеҳ -, пичиррос зад ӯ, - ман ӯро мешиносам – Ӯ Худо аст!»

Рӯзи офтобӣ буд, якчанд моҳ пас. Як тӯдаи калони одамон дар пеши девхона ҷамъ шуда буданд, куҷое ки як кӯли майдае буд.

Имрӯз бояд таъмид мешуд. Мардуме, ки таъмид гирифтан хостанд, дар калисо буданд. Мардуми зиёд, баъзе аз онҳо низ таъмид гирифта буданд, баъзеҳо не, гирди кӯл меистоданд.

Штудд аз калисо баромад, Фан Ту дар пешаш буд. Акнун Фан Ту башоратчӣ. Ӯ каломи Худоро мавъиза мекард ва бисёр дар мамлакат сафар мекард. Акнун ба ӯ хона дода бояд мешуд ва як зане, ки ӯро дар он ҷо интизор мешавад – зани ӯ Яде.

Рӯзи бузург буд. Бисёр одамон буданд, ки ба Масеҳ бовар мекарданд, ва акнун дар об ғӯта гирифтан хостанд, ҳамон хеле ки Юҳанно одамонро таъмид дода буд: Модари мӯҳтарам, Си-ҳианг, Синнӣ-Ҳап, писараш; Яде; ва боз якчанд дигар кас.

Вақте ки ин одамон якто-якто ба об даромаданд, ва бо рӯи хурсанд бо баромаданд, одамон баланд суруд хонданд.

Ҳангоми сухане, ки Штудд мегуфт, Яде чашмонашро бардошт ва ду одамро дар пушти мардум дид – як бача ва як духтар.

Синн Тек ва Субҳи Саҳар!

Ҳамин хел тез, ки Яде тавонист, ӯ ба пешашон давид. Субҳи Саҳар ҳам давид ва Яде ӯро ба оғӯш гирифт.

Синн Тек фаҳмонд:

«Апа мӯҳтарам, ман омадам – тамоми вақт ман овозеро шунидам, ки маро ба пешат фарёд мекард. Ин хеле яҷоиб аст».

«НЕ, ин қадар аҷоиб ин нест, бародарам, - гуфт Яде, - барои он ки мо бари ту дуо кардем. Худо дуои моро шунид».

Синн Теҳк нақл кард, ки дар ин вақт чӣ рӯй дод. Падараш ба ҷои дигар кӯчид ва зани дигарро гирифт. Ин зан ба писаронаш зид набуд, лекин Субҳи Саҳари бечорaро нахост. Ин тавр Синн Тек хоҳарашро бо худ гирифт.

«Биёед, ба пеши модарамон, - гуфт Яде. – Ин барои рӯзи таъмидаш тӯҳфаи калон мешавад».

Ин хел ҳам буд. Модари мӯҳтарам ҳар чор фарзандҳоро ба оғӯш гирифт.

Си-ҳианг каме дуртар меистод, бо духтараш дар даст.

Баъд яке модар дасташро ба ӯ дароз кард.

«Биё, Си-ҳианги хурд, ту низ духтари ман мешавӣ ва кӯдакат духтари писарам ва духтарам аст».

Си-ҳианг бо кӯдакаш ба наздаш рафт, ва модар ӯро ҳам ба оғӯш гирифт.

Зани Фан, ё Яде, аз ҳавлӣ гузашта ба хонаи миссионерҳо даромад. Вай як писари хурде дар даст медошт, ва калонияш дар пешаш қадам мезад.

Зани Фан омад, то ки ёрдам диҳад. Вай хеле зиқ буд, барои он ки Штудд бо занаш имрӯз мераванд. Онҳо ҷойро тарк мекарданд, онҳо Хитойро тарк мекарданд, ва боз ба Англия бармегаштанд.

Ҳа, акнун аллакай чор духтар доштанд, аз ҳама хурдияш ба наздикӣ таваллуд шуда буд. Яде ва Си-ҳианг ҳардуяшон ба онҳо ғамхорӣ карданд ва кӯдакони

«сафед»-ро мисли кӯдакони худашонро дӯст медоштанд. Махсусан Си-ҳианг хеле онҳоро дӯст медошт, барои он ки «Хурсанд» ягона фарзандаш буд.

Штудд дар пеши дар дар болои қурсие мешишт. Нури офтоб ба рӯяш афтид. Чӣ хел ӯ хароб шуд! Штудд ин хел сахт касал шуд, ки ҳама фикр карданд, ки ӯ ба хонаи осмонияш меравад. Лекин ӯ боз сиҳат шуд. Акнун ӯ боз ба ватанаш бармегашт ва Яде бо дигарон ҳис карданд, ки на ӯро ва на «мем» бо кӯдакон боз мебинанд то он рӯзе ки онҳо ҳама дар осмон боз вомехӯранд.

Синн Ҳап, Синн Тек ва Фан Ту дар ин сафар барои ёрдам бо онҳо мераванд; барои он ки Штудд ин хел суст буд, ва кӯдакон хеле хурд. Яде орзу мекард, ки бо онҳо каме равад, лекин ин имконпазир набуд.

Яде ду духтаронро ба оғӯш гирифт. Си-ҳианг хурдияшро дар даст дошт, ва модари мӯҳтарам сеюмашро, ки аз ҳама бисёр дӯст медошт, ба оғӯш гирифт. Си-ҳианг хавотир ба тарафи Штудд назар кард.

«Оҳ, шубон, - ин акнун номи ӯ буд, - Шумо ба фарзандонатон нигоҳ мекунед, ҳамин тавр не – не, албатта, албатта.»

Ин калимаҳои охирине буданд, ки аз пушти миссионерҳо омад.

Яде боз ба писаронаш назар кард, лекин чашмонаш ин қадар пур аз ашк буд, ки ӯ онҳоро қарб намедид.

Си-ҳианг ба қафо нигоҳ кард. Як сурат дар назараш пайдо шуд: ду катҳои майда дар сояи дарахте. Вай кӯдаки худашро надид, фақат рӯи «сафед»-и кӯдаки дигарро.

Лекин зани Синн шунид, чи хел дар пӯшида шуд ва дари дигар кушода шуд.

«Хона ин хел холӣ аст, - гуфт Яде. – Дӯстонамон акнун рафтанд».

«Лекин як кас бо мо меистад – Исои Масеҳ, дӯст ва наҷоткори мо». Инро Си-ҳианг гуфт, ва хурсандии пурра дар калимаҳояш буданд.

Ва баъд Яде ҳам фикр кард, ки онҳо дар паноҳи Худои бузургу пурмуҳаббат ҳастанд.